ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

*ВБД: 338.436.33*

*Бо ҳуқуқи дастнавис*

**АКРАМОВА БИБИМАЛИКА АКБАРОВНА**

# ИДОРАКУНИИ РАВАНДҲОИ ТАКРОРИСТЕҲСОЛ ДАР ТАШКИЛОТҲОИ КИШОВАРЗӢ

**(дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)**

**ДИССЕРТАТСИЯ**

барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)
- доктор аз рӯйи ихтисоси
6D050700– Менеҷмент (6D050704 – Ташкил ва идоракунии корхонаҳо, низомҳо ва комплексҳо)

**Роҳбари илмӣ:**
ҚУДРАТОВ Р.Р.
д.и.и., профессор

Душанбе - 2024

Мундарича

**Номгӯи ихтисораҳо ва (ё) аломатҳои шартӣ** ...................................... 3
**Муқаддима** ............................................................................................ 4

**БОБИ 1. АСОСҲОИ НАЗАРИЯВИЮ МЕТОДОЛОГИИ МЕНЕҶМЕНТИ РАВАНДИ ТАКРОРИСТЕҲСОЛ ДАР ТАШКИЛОТҲОИ КИШОВАРЗӢ**
§1.1. Таҳаввули назария ва равишҳои таҳқиқи раванди такрористеҳсол дар корхонаҳои кишоварзӣ ..................................... 13
1.2. Усулҳо ва моделҳои идоракунии раванди такрористеҳсол дар корхонаҳои кишоварзӣ ........................................................................ 30
§1.3. Таҷрибаи хориҷии идоракунии равандҳои такрористеҳсол дар корхонаҳои кишоварзӣ ........................................................................ 45

**БОБИ 2. ТАҲЛИЛИ ҲОЛАТИ МУОСИР ВА АРЗЁБИИ НИЗОМИ ИДОРАКУНИИ ТАКРОРИСТЕҲСОЛ ДАР КОРХОНАҲОИ КИШОВАРЗӢ**
§2.1. Ҳолати муосир ва динамикаи истеҳсолоти кишоварзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ........................................................................ 64
§2.2. Арзёбии ҳолати такрористеҳсол ва низоми идоракунии он дар корхонаҳои кишоварзӣ ........................................................................ 83
§2.3. Ташаккули модели идоракунии такрористеҳсоли сармояи асосӣ дар корхонаҳои кишоварзӣ ................................................... 105

**БОБИ 3. САМТҲОИ АСОСИИ ТАКМИЛИ НИЗОМИ ИДОРАКУНИИ ТАКРОРИСТЕҲСОЛИ САРМОЯИ АСОСӢ ДАР КОРХОНАҲОИ КИШОВАРЗИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**
§3.1. Такмили сиёсати такрористеҳсоли сармояи асосӣ дар корхонаҳои бахши аграрии иқтисодиёт ........................................... 121
§3.2. Такмили низоми идоракунии равандҳои такрористеҳсол дар асоси тақвияти фаъолияти инноватсионӣ ......................................... 132
§3.3. Самтҳои афзалиятноки такмили идоракунии раванди такрористеҳсол дар корхонаҳои кишоварзӣ ..................................... 147
160
**Хулосаҳо** ..............................................................................................
**Рӯйхати адабиёт** ...................................................................................... 164
**Интишорот аз рӯйи мавзӯи диссертатсия** ............................................ 187

# ФЕҲРИСТИ ИХТИСОРҲО

КАС – комплекси агросаноатӣ;

ММД – маҷмуи маҳсулоти дохилӣ;

ИМА – Иёлоти Муттаҳидаи Амрико;

ИА – Иттиҳоди Аврупо;

ҶДММ – Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуд;

ҶСП – Ҷамияти саҳоми пушида;

ҶСК – Ҷамияти саҳоми кушода;

СМР – Сртатегияи миллии рушд;

НТҶ – Ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ;

КИ – кооперативи истеҳсолӣ;

# МУҚАДДИМА

**Мубрам будани мавзуи таҳқиқот.** Дар марҳилаи муосири рушд таъмини амнияти озуқаворӣ ва дастрасии аҳолӣ ба маҳсулоти босифати озуқаворӣ яке аз ҳадафҳои рушди миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад. Сарфи назар аз афзалияти саноатикунонии босуръат, рушди устувори хоҷагии халқ ба ҳолат ва тамоюлҳои устувори рушди истеҳсолоти кишоварзӣ, махсусан ба самаранокии фаъолият ва динамикаи нишондиҳандаҳои корхонаю ташкилотҳои ин соҳа вобаста мебошад. Устуворӣ ва самаранокии фаъолияти корхонаҳои кишоварзӣ, дар навбати худ, ба базаи моддию техникӣ, захиравӣ, молиявӣ, кадрӣ ва иттилоотӣ вобаста аст. Ҳамаи ин ҷихатҳо бояд дар низоми доимии таъминот, ки бо роҳи ба вуҷуд овардани низоми самарабахши раванди такрористеҳсол дар корхонаҳо ва ташкилотҳои кишоварзӣ таъмин карда мешавад, ҷойгир карда шаванд. Раванди такрористеҳсол ҳамчун як падидаи мунтазам барои таъмини фаъолияти мӯътадил ва рушди устувори корхонаҳои кишоварзӣ пешбинӣ шудааст.

Таҳлил нишон медиҳад, ки соҳибистиқлолӣ ва татбиқи ислоҳот дар соҳаи кишоварзӣ боиси якбора халалдор шудани равандҳои мавҷудаи такрористехсол гардиданд. Зарурати пурзӯр намудани раванди такрористеҳсол дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон ба он алоқаманд аст, ки дар пасманзари суръати баланди демографӣ эҳтиёҷоти аҳолӣ ба маводи озуқа пайваста меафзояд ва таъсири манфии таконҳои беруна ва пандемияи COVID-19 осебпазирии шабакаҳои берунаи таъминоти озуқаворӣ ва таҳдидҳои пайдошавандаро дар шароити вобастагии бозори дохилӣ аз маҳсулоти озуқавории воридотӣ нишон доданд. Аз ин рӯ, ташаккули механизми нави идоракунии самарабахши раванди такрористеҳсол дар корхонаю ташкилотҳои кишоварзӣ аҳамияти махсус пайдо мекунад.

Дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 қайд карда шудааст, ки «механизми заифи дастгирии давлатии

молиявии корхонаҳои КАС, монеаҳо барои муттаҳидсозии қитъаҳои замин, ки барои сармоягузорӣ дар бунёди корхонаҳои азими кишоварзӣ мушкилӣ эҷод мекунанд, заминаи ақибмондаи моддию техникии КАС дар сурати маҳдуд будани дастрасии корхонаҳои он ба иттилоот доир ба бозорҳои фурӯши пуриқтидор, дарозмуҳлат ва гарон будани амалиётҳои тиҷорати беруна, ки ба таъмини амнияти озуқаворӣ таҳдид менамоянд.[1] Таҳлили натиҷаҳои ислоҳоти соҳаҳои истехсолоти моддӣ, аз ҷумла дар кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор мушкилиҳоро ошкор намуд. Дигаргуниҳои бозории ҳамаи соҳаҳои иқтисодиёт, аз ҷумла дар соҳаи кишоварзӣ барои муътадил гардонидан ва рушди устувори истеҳсолоти кишоварзӣ ҳамчун асоси таъмини амнияти озуқаворӣ шароит фароҳам наоварданд. Роҳи аз ин вазъият баромадан пеш аз ҳама ба такмил додани идоракунии раванди такрористеҳсол дар корхонаҳои кишоварзӣ вобаста аст. Ғайр аз ин, дар марҳалаи ҳозираи тараққиёт идоракунии такрористеҳсоли иқтидорҳои истеҳсолӣ, захираҳои моддӣ, молиявӣ, инвеститсионӣ, кадрӣ ва иттилоотӣ ташаккули низоми нави ташкили идоракуниро дар сатҳи корхонаю ташкилотҳои кишоварзӣ талаб мекунад.

Нуктаҳои дар боло овардашуда мубрамияти мавзуъ ва сариваќтии таҳқиқотро исбот мекунанд.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ.** Дар омӯзиши назария ва методологияи такрористеҳсол чунин олимон ба монанди Ф.Кене, Д.Рикардо, К.Маркс, В.Леонтев, Б.И. Пошкуса, Т.Веблен, Ҷ.Бюкенан, Ҷ.Корнай, Р.Нелсон, К.Нилсен А.А. Алтухов, Г.В. Безпахотний, А.В. Гордеев, В.И. Назаренко, С.Б. Огнивтсев, А.Г. Попсов, В. Узун, И.Г. Ушачев, О.Осипенко, В.Полтерович, А.Радигин, А.Шаститко Л.Ю. Адамимов, А.В. В.Р. Боев, Т.В. Бризгалин, О.Ю. Воронков, Е. Гайнутдинов, Г.Е. Гришин, А. Дикинов, Н.Ф. Зарук, И.В. Ковалев, А. Колесняк, В.

[1] Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030. Душанбе, ҶДММ «Контраст», 2016. -С. 63.

Кундиус, Е.И. Ловчиков, А.В. Носов, Л. Овсянко, М. Озеров, М. Патлат, А.Л. Полтарихин, А. Полухин, Ю.Г. Популах, Н.И. Пижиков, Е.В. Рудой, А. Самохвалов, Л. Семин, А.Т. Стадник, Д.В. Ходос, С.Г. Чернов, С.В. Шарибар, Л. Якимов ва дигарон таҳқиқотҳои бунёдӣ анҷом додаанд.

Дар илми ватанӣ ҷиҳатҳои алоҳидаи назариявӣ ва амалии раванди такрористеҳсол дар кишоварзӣ аз тарафи иқтисодчиён ба монанди И. Асроров, И.С.Ашуров, М.Абдураҳмонов, Р.К.Раҳимов, А.Рауфӣ, Н.К. Қаюмов, Ғаниев Т.Б. Т.М. Мирокилов, А.Б. Мирсаидов, Т.Н. Назаров, Р.Р. Қудратов, Ҷ. Пиризода, Х.У. Умаров, Н. Хоналиев, Насыров Р., Баротзода Ш.М., Тағоев Ҷ.Ҳ. Собирзода Н.М., Соибназаров С., Шарипов Б., Сайфуров К., Аброрзода А. ва дигарон таҳқиқ карда шудааст.

Таҳқиқотҳои иқтисоддонҳои хориҷӣ ва ватанӣ ба сифати сарчашмаи асосӣ дар таҳқиқоти мазкур истифода шудаанд. Дар баробари ин бисёр ҷиҳатҳои назариявӣ ва амалии идоракунии раванди такрористеҳсол дар сатҳи зарурӣ омухта нашуда, зимнан таҳқиқи идоракунии раванди такрористеҳсол аз ҷумлаи масъалаи баҳсталаб мебошад.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва мавзуъҳои илмӣ.** Таҳқиқоти диссертсионӣ ба ҳадафҳои рушди миллӣ, аз ҷумла ба муқаррароти Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 ва Консепсияи ташкил ва рушди кластерҳои агросаноатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи то соли 2040, Барномаи рушди системаи аграрию озуқаворӣ ва кишоварзии устувор дар давраи то соли 2030 (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 01.03.2023с., № 54) мутобиқат мекунад.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади таҳқиқот**. Мақсади таҳқиқоти диссертсионӣ асосноккунии назариявию методологӣ ва таҳияи тавсияҳои амалӣ оид ба беҳтар намудани идоракунии раванди такрористеҳсол дар ташкилотҳои кишоварзӣ мебошад.

Барои ноил шудан ба ин ҳадаф вазифаҳои асосии зерин гузошта шудаанд:

- омӯзиши асосҳои назариявию методологии идоракунии раванди такрористеҳсол дар корхонаҳои кишоварзӣ;

- омӯзиши усулҳои ташкил ва идоракунии раванди такрористеҳсол дар корхонаҳои кишоварзӣ;

-таҳлили вазъи кунунӣ ва муайян намудани омилҳое, ки ба идоракунии раванди такрористеҳсол дар корхонаҳои кишоварзӣ таъсир мерасонанд;

- таҳияи модели идоракунии раванди такрористеҳсол дар сатҳи макро, мезо ва микро;

- муайян намудани самтҳои асосии такмили идоракунии раванди такрористеҳсол дар корхонаҳои кишоварзӣ.

**Объекти таҳқиқот** корхонаҳои кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошанд.

**Мавзӯи таҳқиқот** маҷмӯи омилҳо ва шароитҳое мебошад, ки ба идоракунии раванди такрористеҳсол дар корхонаҳои кишоварзӣ таъсир мерасонанд.

**Фарзияи таҳқиқот** ба он асос ёфтааст, ки такмил додани идоракунии раванди такрористеҳсол дар корхонаҳои кишоварзӣ омили асосии таъмини рушди устувори корхонаҳои соҳаи кишоварзӣ ва истифодаи шаклҳои нави сармоягузорӣ, таъминоти кадрии фаъолияти идоракунӣ ва фаъолгардонии инноватсионии онҳо мусоидат мекунад.

**Асосҳои назариявии таҳқиқот.** Дар раванди таҳқиқоти диссертатсия равишҳои назариявӣ аз соҳаҳои гуногуни илм, корҳои илмӣ ва мақолаҳои олимони муосири ватанӣ ва хориҷӣ оид ба назарияи такрористеҳсол ва масъалаҳои мубрами идоракунии раванди такрористеҳсол дар сатҳи корхонаҳо истифода шудаанд.

**Асосҳои методологии таҳқиқот.** Асоси методологӣ ва методии таҳқиқотро принсипҳо ва консепсияҳои илмии назария ва амалии идоракунии такрористеҳсол дар корхонаҳои кишоварзӣ ташкил менамояд. Дар раванди ҳалли вазифаҳои гузошташуда дар таҳқиқоти диссертатсионӣ усулҳои таърихӣ-мантиқӣ, иқтисодӣ-оморӣ, таҳлилу синтез, усулҳои муқоисавӣ ва графикӣ истифода шудаанд.

**Сарчашмаи маълумот.** Ба сифати сарчашмаи иттилоотӣ санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, маълумотҳои Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон, маҷмӯаҳои омории Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, монографияҳо, ҳисоботи солонаи корхонаҳои ва ташкилотҳои кишоварзӣ, манбаъҳои интернетӣ, маводҳои конфронсҳои гуногуни илмӣ-амалӣ, мизҳои мудаввар, инчунин таҳлил ва мушоҳидаҳои худи муаллиф баромад кардаанд.

**Пойгоҳи таҳқиқот.** Давраи таҳқиқот солҳои 2017-2023-ро дар бар гирифта, кори диссертатсионӣ дар кафедраи менеҷмент ва маркетинги Донишгоҳи миллии Тоҷикистон иҷро шудааст.

**Навгонии илми таҳқиқот.** Навгонии илмии таҳқиқот дар таҳияи усулҳо, механизмҳо ва воситаҳои такмил додани идоракунии раванди такрористеҳсол дар корхонаҳои кишоварзӣ ифода ёфтааст. Унсурҳои асосии навгонии илмӣ дар муқаррароти зерин инъикос ёфтаанд:

1. Ҷиҳатҳои назариявӣ ва методологии такрористехсол дар корхонаҳои кишоварзӣ такмил дода шуда, муаллиф исбот кардааст, ки такрористехсол дар марҳилаи муосир на танҳо такрори раванди муайян, балки раванди интенсивие мебошад, ки бо татбиқи васеи навовариҳо алоқаманд буда, идоракунии самарабахши он шарти асосии тараққиёти устувори корхонаҳои кишоварзӣ ба ҳисоб меравад;

2. Усулҳо ва моделҳои идоракунии раванди такрористеҳсол асоснок карда шудаанд, ки дар он муаллиф дар бораи пурзур намудани фаъолияти шуъбаи таъминоти моддию техникӣ дар корхонаҳои кишоварзӣ бо мақсади

баланд бардоштани самаранокии идоракунии раванди такрористеҳсол, тартиб додан ва тасдиқ намудани нақшаи иҷрои он, такмил додани механизми идоракунии раванди такрористеҳсол бо назардошти таъминоти сармоягузорӣ, кадрӣ ва иттилоотӣ тавсияҳои асоснок пешниҳод намудааст;

3. Дар асоси таҳлили ҳолати имрӯза, омилҳо ва воситаҳое, ки ба раванди такрористеҳсол таъсир мерасонанд, гурӯҳбандӣ карда шуда, аҳамият ва муҳимияти омилҳо вобаста ба дараҷаи таъсири онҳо асоснок карда шуда, исбот карда шудааст, ки омилҳои асосии таъсиркунанда ин маҳдудияти молиявӣ ва имкониятҳои сармоягузорӣ, нарасидани кадрҳои соҳибихтисос ва фаъолияти сусти инноватсионии корхонаҳои кишоварзӣ мебошад;

4. Модели нави идоракунии раванди такрористеҳсол дар сатҳҳои гуногун таҳия ва пешниҳод карда шудааст, ки дорои тавсияҳои методӣ ва амалии такмили низоми сармоягузорӣ, кадрӣ, институтсионалӣ, ташкилӣ, техникӣ ва иттилоотӣ мебошад;

5. Самтҳои асосии такмили идоракунии такрористеҳсол дар корхонаҳои кишоварзӣ асоснок карда шуда, дар ин самт ба фаъолияти инноватсионӣ, истифодаи равиши лоиҳавӣ, менеҷменти молиявӣ, захираҳои иттилотӣ ва таҳияи стратегияи рушди корхонаҳои кишоварзӣ таваҷҷӯҳи махсус зоҳир карда шудааст.

**Нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда.**

- таъмини инноватсионӣ ва иттилоотӣ хусусияти асосии идоракунии раванди такрористеҳсол дар корхонаҳои муосири кишоварзӣ мебошанд;

- инкишофи низоми идоракунии раванди такрористеҳсол аз ташкил ва идоракунии самарабахши низоми кадрӣ, таъминоти моддию техникӣ, молиявӣ, сармоягузорӣ ва иттилоотӣ вобаста мебошад;

- ташаккули низоми нави идоракунии раванди такрористеҳсол ба назар гирифтани омилҳои таъсиркунанда, аз ҷумла бо назардошти ҷиҳатҳои молиявӣ, техникӣ ва кадриро талаб мекунад;

- модели идоракунии раванди такрористеҳсол дар сатҳҳои макро, мезо ва микро, ки ҷанбаҳои асосии рушди низоми идоракунии раванди такрористеҳсолро дар шароити муосир фаро мегирад;

- ташаккули менеҷменти инноватсионӣ ба ташаккули низоми нави идоракунии раванди такрористеҳсол дар корхонаҳо ва ташкилотҳои кишоварзӣ мусоидат мекунад.

**Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот.** Ахамияти назариявии таҳкикот аз он иборат аст, ки равишҳои методологиро оид ба татбиқи тактика ва стратегияи такмили идоракунии раванди такрористеҳсол дар корхонахои кишоварзӣ такмил медиҳад. Натиҷаҳои бадастомада дар рушди назарияи идоракунии ташкилотҳо, инчунин асосноккунии равишҳои омӯзиши назария ва амалияи идоракунии раванди такрористеҳсол аҳамияти муҳим доранд. Мақсаднокӣ, таваҷҷуҳ намудан ба вазифаҳои мушаххас ҷиҳати такмил додани идоракунии раванди такрористеҳсол, инчунин мукаммалии коркардҳо аҳамияти амалии натиҷаҳои таҳқиқот ва истифодаи амалии онҳоро муайян мекунанд.

Муқаррароти таҳқиқот ба монанди равиши методологии такмил додани идоракунии раванди такрористеҳсол дар корхонаҳои кишоварзӣ, ки барои истифодаи амалӣ мутобиқ карда шудаанд, аҳамияти амалӣ доранд. Муқаррароти методологии таҳқиқоти диссертатсионӣ метавонад барои такмил додани идоракунии раванди такрористеҳсол дар корхонаҳои кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода шаванд. Муқаррароти назариявӣ ва методии кор ҳангоми таълими фанҳои «Идоракунии ташкилот», «Иқтисодиёт ва идоракунии комплекси агросаноатӣ», «Идоракунии корхонаю ташкилотҳои комплекси агросаноатӣ», инчунин дар корҳои илмии унвонҷӯёну докторантон истифода шаванд.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои тадқиқотро** таҷрибаҳои гузаронидашуда, дурустии маълумот, кифоя будани ҳаҷми маводи тадқиқотӣ ва интишороти конференсияҳои илмию амалии сатҳҳои гуногун

тасдиқ мекунанд. Хулоса ва пешниҳодҳо дар асоси таҳлили илмии таҳқиқоти назариявӣ ва таҷрибавӣ таҳия ва пешниҳод карда шудаанд.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Соҳаи таҳқиқот ба шиносномаи ихтисосҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи самти 6D050700 – Менеҷмент (6D050704 – Ташкил ва идоракунии корхонаҳо, низомҳо ва комплексҳо) 6. Асосҳои назариявию методологии идоракунии ташкилот. Сохтори функсионалӣ ва ниҳодии идоракунии ташкилот. Сохтори ташкилии идоракунӣ. Ҷанбаҳои дарозмуҳлат, миёнамуҳлат ва кӯтоҳмуҳлати идоракунии ташкилот, идоракунии ҷорӣ. Идоракунии ташкилот аз рӯйи даврҳои ҳаётии он. 7.Лоиҳакашии низоми идоракунии ташкилот. Идоракунии зернизомҳо ва функсияҳои алоҳидаи он, равандҳо ва захираҳои истеҳсолӣ, дороиҳои ғайримоддӣ (патентҳо, ноу –хау, имиҷ, бренд ва ғ.). Идоракунии лоиҳаҳо, коркарди лоиҳаҳои сармоягузорӣ ва идоракунии он, идоракунии донишҳо, хавфҳо (риск), сифат, бизнес равандҳо дар ташкилот. Методология ва методҳои идоракунии инноватсяҳо, низоми инноватсионии корпоративӣ. 14.Лоиҳакашӣ, таҳияи методҳо ва воситаҳои ташкил ва идоракунии соҳибкории истеҳсолӣ. Идоракунӣ, танзим ва дастгирии давлатии фаъолияти соҳибкорӣ, ояндабинӣ ва банақшагирии стратегии фаъолияти соҳибкорӣ дар кишвар ва минтақаҳои он; 15.Вижагиҳои идоракунии комплексҳо (КАС, нақлиёт, энергетика, сохтмон ва ғ). Омӯзиши самаранокии иқтисодии шаклҳои нави ташкили боркашонӣ, сохтмони хоҷагии нақлиёт ва таъмири воситаҳои нақлиёт. Механизмҳои ташкилию иқтисодии идоракунии комплексҳо. Ташкил ва идоракунии сохторҳои бозор ва ташкилотҳои соҳаҳои хизматрасонӣ (фаъолияти бонкӣ, суғурта, инноватсия ва ғ.).

**Саҳми шахсии довталаб.** Саҳми шахсии муаллиф дар он ифода меёбад, ки кори диссертатсионӣ аз ҷониби муаллиф шахсан анҷом дода шуда, интихоби усули тадқиқот, ҳалли масъалаҳо ва ҳисобҳо мустақилона анҷом дода шудаанд. Муаллиф дар банизмодарорӣ ва таҳлили маълумоти

оморӣ, асосноккунии роҳҳои такмили идоракунии раванди такрористеҳсол дар корхонаҳои кишоварзӣ, таҳлил ва арзёбии вазъи кунунии корхонаҳои соҳа ва таҳияи тавсияҳо оид ба зиёд намудани ҳаҷми истеҳсолот, дараҷаи самаранокии идоракунӣ ва дар асоси онхо хулосаҳои илмӣ таҳия намуда, дар мақолаҳои илмӣ чоп кардааст.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.** Натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсия дар конфронсҳои илмию амалии байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ, мизҳои мудаввар ва семинарҳои илмию методӣ, ки дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва берун аз он баргузор карда шудаанд, муаррифӣ гардиданд. Аксари мақолаҳои муаллиф дар солҳои 2018-2023 дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон ба табъ расонида шудаанд.

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия**. Муаллиф дар асоси натиҷаҳои тадқиқот 11 мақолаи илмӣ, аз он ҷумла 5 мақола дар маҷаллаҳои илмие, ки ба рӯйхати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дохил карда шудаанд, нашр кардааст.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Кори диссертатсионӣ аз муқаддима, се боб, хулосаю пешниҳодҳо ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат мебошад. Кори диссертатсионӣ дар ҳаҷми 188 саҳифаи матни компютерӣ пешниҳод шуда, аз 22 ҷадвал ва 16 расм иборат мебошад.

# БОБИ 1. АСОСҲОИ НАЗАРИЯВИЮ МЕТОДОЛОГИИ МЕНЕҶМЕНТИ РАВАНДИ ТАКРОРИСТЕҲСОЛ ДАР ТАШКИЛОТҲОИ КИШОВАРЗӢ

## §1.1. Таҳаввули назария ва равишҳои таҳқиқи раванди такрористеҳсол дар корхонаҳои кишоварзӣ

Дар марҳилаи муосири рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон таъмини амнияти озуқаворӣ ва дастрасии аҳолӣ ба маҳсулоти ғизоии хушсифат ҳамчун ҳадафи стратегии рушди миллӣ эътироф шуда, таъмини тавсеаи истеҳсоли мунтазам ва мураттаби маҳсулоти кишоварзӣ шарти заминавии расидан ба ҳадафи мазкур ба ҳисоб меравад. Дар баробари ин тағйиротҳои ҷаҳони муосир ва таъсири манфии омилҳои беруна ба сатҳи истеҳсолот ва нархи маҳсулоти озуқаворӣ тақозо менамояд, ки самаранокии истеҳсолоти кишоварзӣ ва сатҳи худтаъминкунӣ бо маҳсулоти ғизоӣ баланд бардошта шавад.

Таҳқиқоти анҷомдодаи олимон исбот менамояд, ки дар шароити муосир менеҷменти корхонаҳои кишоварзӣ ба тағйироти ҷиддӣ рӯ ба рӯ гардида, дар ин замина бояд он такрористеҳсолро дар заминаи тавсеаи истифодаи принсипҳои экологӣ, иқтисоди сабз ва истеҳсоли маҳсулоти босифату бехатар таъмин намояд.[2]

Таҷриба нишон медиҳад, ки баландбардории самаранокии истеҳсолоти кишоварзӣ шарти асосии таъмини такрористеҳсол дар корхонаҳои кишоварзӣ ба ҳисоб рафта, барқарорсозӣ ва густариши раванди такрористеҳсол яке аз омилҳои асосии таъмини устуворӣ ва рушди бемайлони иқтисоди миллӣ ба ҳисоб меравад. Дар ин заминаи такрористеҳсол дар корхонаҳои кишоварзӣ ҳамчун раванди бисёрҷанба ва интегралӣ тавсиф шуда, дар шароити муосир тақвияти шароитҳои ташаккул ва такмили низоми идоракунии он аз ҷумлаи масоили мубрами назария ва амалияи иқтисодиёти соҳавӣ ба ҳисоб меравад.

---

[2] Воронин Б.А., Воронина Я.В. Менеджмент: цели и задачи в современных сельскохозяйственных и иных организациях АПК // АОН. 2022. №4. -С.21-26.

Назария такрористеҳсол ба таври комил бори нахуст дар таҳқиқиоти муҳаққиқи фаронсавӣ Ф. Кэне[3] ба чашм мерасад. Кэне раванди такрористеҳсолро ҳамчун чараёни ба вуҷуд овардани сарвати миллӣ баррасӣ намуда, ба хилофи раваши мактаби меркантилистӣ сарчашмаи сарватро аз доираи муомилот ба истеҳсолоти кишоварзӣ мансуб медонист. Ф. Кэне дар «Ҷадвалҳои иқтисодӣ»-и худ модели такрористеҳсоли ҷамъиятиро пешниҳод намуда, онро ҳамчун категорияи муҳими муносибатҳои иқтисодиву иҷтимоӣ тавсиф намудааст.

Бояд таъкид сохт, ки мубрамият ва аҳамияти бузурги назариявиию амалӣ доштани категорияи мазкур бо он низ тавсиф дода мешавад, ки дар таҳқиқотҳои олимони атиқа ва классик мавқеи марказӣ дорад. Барои мисол дар таҳқиқотҳои А. Смит[4] мафҳуми такрористеҳсол тавассути ибораи «Догмаи Смит» баррасӣ шуда, ҳамчун нархи хаҷми умумии солонаи маҳсулоти истеҳсолшудаи ҷамъиятӣ фаҳмида мешавад. Ба ақидаи А. Смит такрористеҳсол пеш аз ҳама ба бахши муомилот алоқамандии бевосита дошта, зимнан сифати такрористеҳсол ва муҳлати он маҳз ба ҳамин марҳила вобаста мебошад.

Таҳқиқот нишон дод, ки дар тавсеа ва инкишофи назарияи такрористеҳсол мавқеи К. Маркс[5] низ назаррас мебошад. Дар баъзе сарчашмаҳои К. Маркс ҳамчун асосгузори назарияи такрористеҳсол эътироф шуда, моҳияти назарияи ӯ ба пайвандсозии назарияи такроистеҳсол ва назарияи абстрактии амал, назарияи даромади миллӣ ва назарияи бухронҳои иқтисодӣ алоқаманд мебошад. Саҳми К. Маркс дар ташаккул ва инкишофи назарияи такрористеҳсол дар он аст, ки хусусиятҳои асосии онро асоснок ва пешниҳод намудааст, яъне:

- раванди такрористеҳсол ба вақт маҳдуд нашуда, раванди мунтазам такроршаванда ва бетанаффус мебошад;

---

[3] Muratov Q.G. Theory of economic essence, factors and target reviews of reproduction in modern agriculture//Capital of Science. 2020. № 6 (23). С. 57.
[4] Смит А. Исследование о природе и причинах богатства народов /А. Смит. – Москва: Эксмо, 2009. – 960 с.
[5] Маркс К. Капитал. Том 1. Москва, 1988. –С. 256.

- раванди такрористеҳсол фарогири такрористеҳсоли маҷмӯи маҳсулоти ҷамъиятӣ, такрористеҳсоли қувваҳои истеҳсолкунанда ва такроистеҳсоли муносибатҳои истеҳсолӣ мебошад;

- раванди такрористеҳсол истеҳсолот, тақсимот, мубодила ва истеъмолро дар бар мегирад;

- дар ташаккули рафанди такрористеҳсол истеҳсоли воситаҳои истеҳсолӣ афзалият доранд.

Таҳқиқотҳои минбаъдае, ки ба баррасии такрористеҳсол, аз он ҷумла ба такрористеҳсоли кишоварзӣ бахшида шудаанд, пеш аз ҳама ба назарияи А. Смит ва К. Маркс такя мекунанд. Зимнан бояд таъкид сохт, ки раванди инкишофи муносибатҳои истеҳсолӣ ба мазмун ва моҳияти раванди такрористеҳсол тағйиротҳои муайянро ворид намуда бошанд ҳам, вале заминаи консептуалии он ба таҳқиқоти олимони классик иртиботи қавӣ дорад.

Такрористеҳсол дар давраҳои алоҳидаи рушди муносибатҳои истеҳсолӣ ҳамчун раванди доим такроршаванда ва бефосилаи истеҳсол, тақсимот, мубодила ва истеъмол баррасӣ шуда, дар ҳаҷми маҳсулоти истеҳсолшуда ифода меёбад. Дар назария моҳияти такрористеҳсол аз зарурати такмили доимии воситаҳои истеҳсолот сарчашма гирифта, дар баробари ин на танҳо қисмҳои таркибии такрористеҳсол, бакли қувваи корӣ ва муносибатҳои истеҳсолиро дар бар мегирад.

Қобили қайд аст, ки раванди такрористеҳсол дар бахши кишоварзӣ аз ҷумлаи масъалаҳои муҳим ва калидии низоми муносибатҳои иқтисодиву иҷтимоӣ буда, тавсеа ва баландбардории самаранокии он шарти асосии таъмини рушди устувори истеҳсолоти кишоварзӣ мебошад. Ба андешаи мо, асосноккунии самтҳои асосии такмили низоми идоракунии раванди такрористеҳсол дар корхонаҳои кишоварзӣ аз баррасии назарияи он сарчашма гирифта, зимнан равишҳои таҳқиқот ба он асос меёбанд.

Муҳаққиқони рус Б.А. Варонин6 ва дигарон таъкид менамоянд, ки такрористеҳсол ин баркроршавии қувваи корӣ, воситаҳои истеҳсолот ва

[6] Воронин Б.А., Чупина И.П., Воронина Я.В., Чупин Ю.Н., Митин А.Н. Специфика воспроизводства в сельском хозяйстве//Аграрное образование и наука. 2018. № 3. С. 2.

захираҳои табиӣ буда, махсусияти он дар бахши кишоварзӣ бо алоқамандии он ба такрористеҳсоли низоми табиӣ-биологӣ, яъне замин, растанӣ ва ҳайвонот ифода меёбад. Дар ин замина раванди такрористеҳсол дар бахши кишоварзӣ бо таъмини ягонагии техника, биология, иқтисодиёт ва экология алоқаманд мебошад.

Таҳлили таҳқиқотҳои соҳавӣ нишон медиҳад, ки такрористеҳсол дар бахши кишоварзӣ дорои як қатор хусусиятҳои хос мебошад, ки раванди тавсеа ва идоракунии онро аз дигар бахшу соҳаҳои иқтисоди миллӣ ҷудо мекунад. Яке аз хусусиятҳои хоси раванди такрористеҳсол дар бахши кишоварзӣ дар он аст, ки зимни такрористеҳсоли воситаҳои асосӣ, аз он ҷумла замин мавҷудияти рентаи тафриқавӣ ба он таъсир мерасонад. Дар баробари ин хусусияти мавсимӣ доштани равнди такрористеҳсол низ яке аз хусусиятҳои хоси раванди такшил ва идоракунии такрористеҳсол дар бахши кишоварзӣ мебошад. Дар ин маврид мавсимӣ будани истеҳсолот ба ташаккули сармояи гардон ва такрористеҳсоли қувваи корӣ таъсир расонида, вобастагии ҷараёни истеҳсолотро ба сармояи қарзӣ зиёд мегардонад.

Золотарёва Е.Л.[7] бошад зимни таҳқиқи назарияи такрористеҳсоли бахши кишоварзӣ таъкид месозад, ки такрористеҳсоли дар кишоварзӣ муносибатҳои ҷамтъиятию иқтисодиеро инъикос мекунад, ки дар раванди мунтазам такроршавии истеҳсолот, тақсимот, мубодила ва истеъмоли маҳсулоти кишоварзӣ ва захираҳои барои ин зарур ба вуҷуд меоянд. Қобили қайд аст, ки нигариши муҳаққиқи номбаршуда аз назарияҳои мавҷуда бо он фарқ мекунад, ки таъминоти захиравии раванди такрористеҳсолотро дар мадди аввал гузошта, асосҳои иқтисодии онро шарти асосии таъмини устувории раванди такрористеҳсол медонад.

---

[7] Золотарева, Е. Л. Экономические основы повышения устойчивости воспроизводства в сельском хозяйстве: дис. ... д-ра. эк. наук: 08.00.05 / Е. Л. Золотарева. Курск, 2002. 304 с.

Дар таҳқиқоти Тлишева Н.А.[8] такрористеҳсол дар бахши кишоварзӣ ҳамчун раванди ягона, бисёрсатҳа ва бетанаффу такроршаванда мебошад, ки ба истеҳсол, мубодила, тақсимот ва истеъмоли маҳсулоти кишоварзӣ алоқаманд аст. Дар ин замина таваҷҷуҳи асосии муаллиф ба таъсири омилҳои истеҳсолӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ нигаронида шуда, таъмини устувории раванди такрористеҳсолро ба мавҷудияти дастгирии давлатӣ алоқаманд сохта, густариши онро заминаи асосии таъмини амнияти озуқаворӣ медонад.

Дар асоси назарияҳои дар боло овардашуда марҳилаҳои раванди такрористеҳсолро чунин тасвир намудан мумкин аст (Расми 1.1.1.).




**Расми 1.1.1. Марҳилаҳои раванди такрористеҳсол**
**Сарчашма:** таҳияи муаллиф

Таҳлили равиш ва назарияҳои илмии аз он гувоҳи медиҳад, ки зимни таҳқиқи назарияи такрористеҳсол дар корхонаҳои кишоварзӣ аз ду равиши асосӣ, яъне чараёнӣ ва захиравӣ истифода мекунанд. Тавассути равиши чараёнӣ раванди такрористеҳсол ҳамчун чараёни бетанаффус такроршаванда баррасӣ шуда, равиши захиравӣ таҳти такрористеҳсол раванди барқароршавии омилҳои истеҳсолот ва муносибатҳои истеҳсолиро дар назар дорад.

---

[8] Тлишева, Н. А. Государственное регулирование воспроизводственных процессов в аграрном секторе экономики: автореф. дис. ... канд. эк. наук: 08.00.05 / Н. А. Тлишева ; Кубанский гос. аграр. ун-т. Крансодар, 2013. – 24 с.

Таҳлили назарияи ва равишҳои мавҷуда нишон медиҳад, ки мафҳуми такрористеҳсол аз нигоҳи муҳаққиқон ва мактабҳои алоҳидаи иқтисодӣ ин раванди мунтазам такроршавандаи бозсозии низомҳои иқтисодиву иҷтимоӣ ва биологӣ мебошад. Ҳамчунин такрористеҳсол ба намудҳои алоҳида ҷуда карда шуда, зимни он аз меъёр ва нишондиҳандаҳои гуногун истифода мекунанд. Дар асоси таҷзия ва муқоисаи назарияи такрористеҳсол намуд ва навъҳои онро бо истифода аз меъёрҳои гуногун тасниф намудан мумкин аст, ки дар расми 1.1.2. оварда шудааст.

Такрористеҳсоли оддӣ ин азнавсозии истеҳсолот ва истемолот дар андозаи мавҷудбуда мебошад. Бояд таъкид сохт, ки дар ин маврид омилҳои истеҳсол низ тағйир намеёбанд. Зимни такрористеҳсоли оддӣ тамоми маҳсулоти изофаро худи истеҳсолкунанда барои истеъмоли шахсӣ истифода мебарад ва он бояд барои барқарорсозии омилҳои истеҳсолот кофӣ бошад.

Ҳангоми такрористеҳсоли васеъ ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоту хизматрасонӣ ва фоида меафзояд. Такрористеҳсоли васеъ дар оғози ҳар даври навбатӣ сармоягузориҳои зиёдро талаб мекунад. Хусусияти такрористеҳсоли васеъ ин аст, ки на танҳо сармояи масрафшуда (ашёи хому масолеҳ, таҷҳизоти фарсудашуда) ҷуброн мешавад, балки илова ба ин воситаҳои мукаммалу самараноктари истеҳсолот харидорӣ, сатҳи тахассуси кормандон баланду сифати маҳсулот беҳтар карда мешавад. Манбаи тавсеи истеҳсолот махсулоти изофа мебошад, ки ҳаҷмаш бояд ҳам барои пӯшонидани хароҷот ва ҳам барои барқарорсозии омилҳои истеҳсолот кифоя бошад.

Ҳангоми такрористеҳсоли маҳдуд аз як давр ба даври дигар ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоту сармоягузорӣ аз ҳаҷми лозима камтар шуда, зимни такрористеҳсоли маҳдуд баробарвазнии мубодила халалдор шуда, таносуби миёни қисматҳои арзишии маҳсулоти маҷмуи тағйир меёбад. Воситаҳои дар рафти истеҳсол истифодашуда ба шакли натуралӣ барқарор намешаванд, музди менати қувваи кориро таъмин намекунад ва маҳсулоти изофа вуҷуд надорад.




**Расми 1.1.2. Таснифоти намуд ва шаклҳои такрористеҳсол**
**Сарчашма:** таҳияи муаллиф

Бояд қайд намуд, ки раванди такрористеҳсоли ҷамъиятӣ дар ҳоли инкишофи доимӣ қарор дошта, аз лиҳози микдор ва сифат тағйир меёбад. Раванди такрористеҳсол ҳамчун заминаи рушди ҷамъият, чӣ тавре ки гуфтем, аз давраҳои асосии истеҳсол, тақсимот, мубодила ва истеъмоли молу хизматрасониҳо иборат аст. Ҳамаи ин чор давраи истеҳсолоти ҷамъиятӣ, аввалан, дар як раванд муттаҳиду вобастаи ҳамдигаранд; баъдан, онҳо дар гардиши доимии иқтисодӣ қарор доранд.

Чи тавре, ки болотар қайд карда шуда буд, такрористеҳсол чаҳор марҳилаи асосиро дар бар мегирад. Дар ин миён истеҳсол давраи асосии раванди такрористеҳсол буда, дар ин давра маҳсулот истеҳсол шуда, таркибу сохтори маҳсулоти ҷамъиятӣ, манбаи даромади ибтидоӣ ва ҷамъоваришудаи субъектҳои муносибатҳои иқтисодӣ ташаккул меёбад. Яъне, мақсади истеҳсол қонеъгардонии талаботи ҷомеа ба намудҳои муайяни маҳсулот аст.

Давраи дуюм раванди такрористеҳсол ин тақсимоти маҳсулоти истеҳсолшуда мебошад. Дар ин давра шароити мусоид баҳри ҷалби захираҳои иловагии меҳнатӣ ва сармоя фароҳам карда шуда, буҷети субъектҳои хоҷагидор ташаккул меёбад. Пас аз он ки маҳсули тавлидшуда тақсимот шуд, он дар бозори мол мубодила мешавад, ки даври дигари раванди такрористеҳсол мебошад.

Мубодила давраи ҳаракати маҳсулоти истеҳсошуда бо мақсади истеъмол мебошад. Мубодилаи молу хизматрасонӣ бо ифодаи пулӣ ва ҳам натуралӣ сурат гирифта, он барои рушди истеҳсол мусоидат ва ё мамониат эҷод мекунад, ё ин ки суръати ҳаракати молу хизматрасониҳоро метезонад ва ё баръакс суст менамояд.

Давраи охирини ҳаракати маҳсули ҷамъиятӣ истеъмол, яъне фурӯши он бо арзиши истеъмолӣ мебошад. Истеъмол, ҳамчун давраи ниҳоии такрористеҳсол ба истеъмоли истеҳсолӣ (истифодабарии воситаҳои истеҳсол ва қувваи корӣ барои истеҳсоли маҳсулот: мошин, биноҳо, ғалла, гӯшт, шир ва ғ.) ва шахсӣ (аз ҷониби инсон истифода шудани молу

хизматрасонӣ барои қонеъ намудани талабот ба маҳсулоти озуқа, либос, манзил, рушди фарҳангӣ ва касбӣ) ҷудо мешавад.

Новобаста аз он ки маҳсулоти тавлидшуда пурра истеъмол мешавад ё не, давраи истеҳсол бояд такроран амалӣ гардад, чунки такрористеҳсол раванди бефосилаи истеҳсолот аст, ки ҳамеша такрор меёбад. Аммо самаранокии равандҳои тақсимот, мубодила ва истеъмол ба ҳаҷми истеҳсолоти баъдӣ вобаста мебошанд. Муҳим ин аст, ки давраҳои мубодилаву истеъмол дар муддати ҳарчӣ кутоҳтар ва бо натиҷаи беҳтарини молиявӣ тамом шаванд, ин бо давраи гардишнокии сармояи гардон алоқаманд аст, яъне чӣ қадаре ки пули ба истеҳсол харҷшуда ба муомилоти хоҷагӣ баргардад, ҳамон қадар давраи раванди такрористеҳсол аз лиҳози молиявӣ пурратар таъмин карда хоҳад шуд. Чунин ҳолат ниҳоят зарур аст, зеро барои ба даст овардани натиҷаи баланди истеҳсол дар оғози ҳар сол сармояи зиёд лозим аст.

Дар шароите, ки саноатикунонӣ ва таъмини амнияти озуқаворӣ аз ҷумлаи ҳадафҳои стратегӣ баромад мекунанд ва барқарорсозиву тавсеаи равандҳои истеҳсолиро тақозо мекунанд тадқиқ равандҳои такрористеҳсол дорои аҳамияти муҳими илмию назариявӣ ба ҳисоб меравад. Аз ин рӯ, барои амиқтар фаҳмидани мафҳум ва моҳияти иқтисодии категорияи "такрористеҳсол" мо таърифҳои мухталифро ҷамъоварӣ ва дар ҷадвали 1.1.1. пешниҳод намудем.

**Ҷадвали 1.1.1. - Нигаришҳои назариявӣ ва тафсири мафҳуми «такрористеҳсол»**

| Муаллиф/сарчашма | Мафҳум |
|---|---|
| Энсиклопедияи калони Шӯравӣ | Раванди истеҳсолоти муттасил ва баркроршаванда. |
| Азрилиян А.Н. | Такрористеҳсол – истеҳсолоти ҷамъиятӣ, ки ҳамчун раванди бетанаффус такроршавандаи ба тақсимо, мубодила ва истеъмол алоқамандро меноманд |
| Видяпин В.Н. Галямов А.С. | Такрористеҳсоли ҷамъиятӣ раванди истеҳсолоти ҷамъиятие фаҳмида мешавад, ки такроршаванда буда дар ҷараёни доимии барқароршаванда ифода меёбад |
| Головачев А.С. | Ҷараёни истеҳсолот, ки ҳамчун раванди бетанаффус, барқароршаванда, такроршаванда фаҳмида мешавад такрористеҳсол ном дорад. |

*Идомаи ҷадвали 1.1.1.*

| Муаллиф/сарчашма | Мафҳум |
|---|---|
| Грязнова А.Г. ЧечелеваТ.В. | Ҷараёни мунтазам барқароршавии истеҳсолотро такрористеҳсол меноманд |
| Иохин В.Я. | Ҷараёни муттасилу барқароршавандаро такрористеҳсол меноманд. |
| Коваленко Н.Я. | Такроршавии раванди истеҳсолоти ҷамъиятиро дар марҳилаҳои истеҳсол, тақсимот, мубодила ва истеъмолро такрористеҳсол меноманд. |
| Кушлин В.И. | Такрористеҳсол барқароршавии муттасили унсурҳои асосии макроиқтисодӣ: неъматҳои моддӣ ва хизматрасонӣ: қувваи корӣ, муносибатҳои иҷтимоию иқтисодӣ, шароити ҳаёт ва фаъолияти инсон ба ҳисоб меравад. |
| Марыганова Е. А. | Такрористеҳсол, чуноне ки маълум аст, истеҳсолотеро ифода мекунад, ки мунтазам такрор шуда, ҷараёни баркроршавнада мебошад |
| Сидорович А. В. | Такрористеҳсоли инфиродӣ ин ҷараёни муттасил баркроршавандаи фаъолияти хоҷагидорие мебошад, ки тавассути он ҷуброн ва афзоиши арзиши пардохткардаи таъмин карда мешавад. |
| Рахимов Р.К. | Такрористеҳсол раванди мутазам ва мураттабтакроршавии ҷараёнҳои истеҳсолоти моддӣ мебошад. |
| Сайфуров К.Ф. | Такрористеҳсол ин раванди таъмини бахши кишоварзӣ бо фондҳои асосии истеҳсолӣ мебошад, ки ба механизми молиявию қарзӣ вобастагӣ дорад. |
| Аврорзода А. | Такрористеҳсол дар бахши кишоварзӣ ин ҷараёни такроршавии пайдарпай ва муназзаме ба ҳисоб меравад, ки тавассути такмили механизмҳои танзими давлатӣ суръат бахшида мешавад. |

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф дар асоси [9]

[9] Азрилян, А.Н. Большой экономический словарь / А.Н. Азрилян. – М.: Институт новой экономики, 1997. – 864с.; Видяпин,В.И. Экономическая теория: учебник / В.И. Видяпин, С.С. Галямов. – Ташкент: Изв-во ТФУ, 2005. – 714с. Головачев, А.С. Экономическая теория. Практикум: учеб. пособие / А.С. Головачев, Л.П. Пацкевич, И.В. Головачева и др. – Мн.: Выш. шк., 2006. – 446с.; Грязнова, А.Г. Экономическая теория: учебник / под ред. А.Г. Грязновой, Т.В. Чечелевой, Т.Д. Бурменко. – М.: Изд-во «Экзамен». 2005. – 592с.; Иохин, В.Я. Экономическая теория: учебник / В.Я. Иохин. – М.: Экономистъ, 2006. – 861с.; Коваленко, Н.Я. Экономика сельского хозяйства: учебник / Н.Я. Коваленко, Ю.И. Агирбов, Н.А. Серова и др. – М.: ЮРКНИГА, 2004. – 384с.; Кушлин, В.И. Государственное регулирование рыночной экономики: учебник. Издание 2-е, перераб. и доп. / В.И. Кушлин. – М.: Изд-во РАГС, 2005. – 829с.; Марыганова, Е.А. Макроэкономика. Экспресс-курс: учебное пособие / Е.А. Марыганова, С.А. Шапиро. – М.: КНОРУС, 2010. – 302с.; Сидорович, А.В. Курс экономической теории: Общие основы экономической теории. Микроэкономика. Макроэкономика. Основы национальной экономики: учеб. пособие / Под ред. д.э.н., проф. А.В. Сидоровича; МГУ им. М.В. Ломоносова. - 2-е изд., перераб. и доп. – М.: Издательство «Дело и Сервис», 2001. – 832с.; http://bse.sci-lib.com/article006773.html

Таҳлили таърифҳои дар боло овардашуда нишон медиҳад, ки онҳо тақрибан якхелаанд, якдигарро пурра мекунанд ва ба ҳеҷ ваҷҳ ба моҳияти асосии такрористеҳсолкунӣ ҳамчун раванди доимо такроршаванда ва барқароршавнада мухолиф нестанд.

Аз ин рӯ, ба андешаи мо такрористеҳсол гуфта такроршавии муназзам ва мутраттаби истеҳсолотро меноманд, ки дар асоси ба ҳам пайвастани истеҳсолот, тақсимот, мубодила ва истеъмол ба вуҷуд меояд.

Бояд қайд кард, ки рушди такрористеҳсол дар соҳаи кишоварзӣ аз ҳаҷми маблағҳои сармоягузорӣ вобаста аст, яъне аз сармоягузориҳое, ки барои навсозӣ ва такмили фондҳои истеҳсолӣ ва гардон, инчунин татбиқи технологияҳои инноватсионӣ равона карда мешаванд. Бинобар ин, корхонаҳои кишоварзӣ бояд шаклҳо ва механизмҳои сармоягузории раванди такрористеҳсолкуниро ҷустуҷӯ кунанд.

Қобили қайд аст, ки такрористеҳсол дар адабиёти иқтисодӣ ба таври кофӣ омӯхта шудааст. Аммо бояд қайд кард, ки мафҳумҳои пешниҳодшуда, моҳият ва маъно, инчунин намудҳо ва принсипҳои он ба шароити тағйирёбандаи бозор мутобиқ карда нашудаанд. Дар адабиёти ватанӣ масъалаҳои такрористеҳсолӣ дар кишоварзӣ дар якҷоягӣ бо мавзӯъҳои мушаххасу хосу таҳқиқот омӯхта шуда, назарияи мукаммал ва ҷамъбасшуда вуҷуд надорад. Хусусиятҳои хоси такрористеҳсолкунӣ дар соҳаи кишоварзӣ, ки дар расми 1.1.3. оварда шудааст.




**Расми 1.1.3. Хусусиятҳои хоси такрористеҳсол дар шароити муосир**
**Сарчашма:** таҳияи муаллиф

Дар асоси расми овардашуда хусусиятҳои зерини раванди такрористеҳсолро дар корхонаҳои кишоварзӣ ва умуман дар бахши аграрӣ тавсиф намоем. Ба андешаи мо, такрористеҳсол дар бахши аграрӣ дорои чунин хусусиятҳо мебошад:

- давраи истеҳсолӣ як соли тақвимӣ давом мекунад (ҳарчанд дар минтақаҳои муайян вобаста ба шароити иқлим дар як сол ду ё се маротиба ҳосил гирифтан мумкин аст);

- дар соҳаи кишоварзӣ воситаи асосии истеҳсолот замин мебошад, ки захираи табиӣ ва такрористеҳсолнашаванда буда, бузургии он маҳдуд мебошад;

- истеҳсолоти кишоварзӣ бештар ба шароитҳои табиию иқлимӣ вобаста буда, бинобар ин дар корхонаҳои кишоварзӣ қисми зиёди фоида ба фонди эҳтиётӣ равона карда мешавад;

- дар корхонаҳои кишоварзӣ қисми муайяни маҳсулот бо мақсади такрористеҳсоли минбаъда дар хоҷагӣ нигоҳ дошта мешавад;

- дар истеҳсолоти кишоварзӣ омилҳои техникӣ, иқтисодӣ, биологӣ ва иҷтимоии истеҳсолот ба ҳам алоқаманд буда, ба ҳамдигар таъсир мерасонанд.

Тавре ки таҷриба нишон медиҳад, шаклгирии такрористеҳсол дар соҳаи кишоварзӣ шарти муҳимтарин барои мӯътадилӣ ва рушди устувори иқтисодиёт ва ташаккули бозори мутамаддини озуқаворӣ ба ҳисоб меравад. Дар назарияи классикии иқтисодӣ, такрористеҳсолӣ ҳамчун ҷараёни муттасил ва доимо такроршавандаи истеҳсолот ва хизматрасонӣ муайян карда мешавад. Агар мо мафҳуми раванди такрористеҳсолиро дар заминаи назарияи мактабҳои гуногун ва самтҳо ба маънои васеъи таҳлил таҳлил намоем, он тамоми паҳлӯҳои мавҷудот ва рушди ҷомеаи инсониро фаро мегирад. Ба маънои маҳдуд, моҳияти такрористеҳсоли иҷтимоӣ ба гардиши доимии истеҳсол, тақсим, мубодила (гардиш) ва истеъмоли маҳсулоти ҷамъиятӣ тавсиф дода мешавад.

Қобили қайд аст, ки такмили низоми идоракунии такрористеҳсол дар бахши аграрӣ тақозо менамояд, ки тарҳи нави таъсиррасонӣ ба раванди мазкур коркард шуда, махсусияти такрористеҳсол дар бахши аграрӣ ба инобат гирифта шавад. Аз назария маълум аст, ки раванди такрористеҳсол пайдарпай истеҳсол кардани неъматҳоро дар назар дошта, вобаста ба бахши аграрӣ такрористеҳсол истеҳсоли мутаассили маҳсулоти кишоварзиро дар назар дорад. Чи тавре ки Мирсаидов А.Б. ва Аҳдияи М. таъкид месозанд «ҷараёни такрористеҳсол дар кишоварзӣ дар худ амали муттасили ду ҷараёни ба ҳам алоқамандро ифода мекунад: ҷараёни технологӣ, ки раванди истеҳсолот, тайёркунӣ, ҳамну нақл, захиракунӣ, коркард ва фурӯшро дар бар мегирад. Дуюм, ин ҷараёни иқтисодӣ мебошад, ки аз марҳилаҳои истеҳсолот, тақсимот, мубодила ва истеъмолро дар бар мегирад.[10]

Таҳлили сарчашмаҳо имкон медиҳад, ки хусусиятҳои зерини раванди такрористеҳсолро дар бахши аграрӣ муайян ва баррасӣ намоем.

Хусусияти асосии такрористеҳсоли кишоварзӣ ин ба замин ва бо организмҳои зинда, яъне ҳайвоноту наботот алоқаманд будани он мебошад. Яъне, замин ҳамчун омили асосии истеҳсолот дар истеҳсолоти кишоварзӣ мавқеи марказӣ дошта, на танҳо ба сифати предмети меҳнат, балки воситаи асосии истеҳсолот баромад мекунад. Алоқамандии такрористеҳсол бо замин хусусиятҳои дигар истеҳсолоти кишоварзӣ, аз ҷумла мавсимӣ будани он ва ба техникаи махсус вобаста будани меҳнати соҳавиро ба миён меорад. Бо назардошти он ки истеҳсолоти аграрӣ маҳсулоти кишоварзӣ ва барои саноат ашёи хом истеҳсол мекунад, мутаносибан шарти асосии таъмини ҳаёт ва мавҷудияти ҷомеа ба ҳисоб меравад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон замин моликияти давлатӣ буда, ҳуқуқи истифодаи он ба субъектҳои хоҷагидор ва хоҷагиҳои хонавода дода шудааст. Солҳои охир масоили вобаста ба истифодаи оқилонаи ҳар як

[10] Мирсаидов А.Б. Ахдияи М. Институциональное обеспечение воспроизводственного процесса в аграрном секторе экономики Республики Таджикистан// Экономика Таджикистана. Душанбе, 2018 №3. –С.14.

порчаи замин дар маркази таваҷҷуҳи давлату Ҳукумати кишвар қарор дошта, вобаста ба ин барои ба гардиши кишоварзӣ ворид намудани заминҳои нав имтиёзҳои муайяни андозӣ пешбинӣ карда шудаааст.

Хусусияти дигари такрористеҳсол дар бахши аграрӣ ин зарурияти таъмини он бо захираҳои истеҳсолии гуногун ба ҳисоб меравад, он аз ҳисоби сарчашмаҳои худӣ ва харидоришуда таъмин карда мешавад. Дар кишоварзӣ ба захираҳои худӣ замин, обанборҳо, дарахтзорҳои бисёрсола, тухмӣ ва маводи кишт, пору, ҷавонаи ҳавони калони шохдор, парранда ва ғайра дохил мешаванд. Ба захираҳои харидоришуда бошад воситаҳои асосии истеҳсолот, аз қабили трактору комбайнҳо, мошинҳои дигари кишоварзӣ ва таҷҳизоти зироаткорию чорводорӣ – таҷхизоти тақсими хӯрок, порубарор, мошинҳои говдӯшӣ; воситаҳои гардон: чорвои хушзот, хӯроки омехта, тухмӣ, нуриҳои минералӣ, моддаҳои гуногуни химиявӣ барои ҳифозати набототу ҳайвонот аз бемориву ҳашароти зараррасон, маводи сӯзишворию равғани мошин, ангишт, гази табиӣ, нерӯи барқ, масолеҳи сохтмону таъмир ва ғайра дохил мешаванд.

Хусусияти сеюми истеҳсолоти кишоварзӣ мушкилоти тафовути (диспаритети) нарх дар миёни корхонаҳои саноатии таҳвилгари захираҳои истеҳсолии кишоварзӣ ва корхонаҳои кишоварзист. Дар шароити иқтисодии муосир нобаробарии мубодила ба масъалаи ҳалнашавандаи истеҳсолоти кишоварзӣ табдил ёфтааст, вале тезутундии он ҳар сол баландтар шуда, аз ин сабаб корхонаҳои кишоварзӣ бар зарари худ кор мекунанд.

Вазъи умумии бахши аграрии комплекси агросаноатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро таҳлил намуда, профессор А.А. Мадаминов исбот мекунад, ки «...таъмини такрористеҳсол дар комплекси озуқавории ҷумҳурӣ дастгирии доимии устувории онро дар сатҳи муайян талаб мекунад. Дастгирӣ таносуби зарурии рушди босуботи иҷтимоӣ-иқтисодии соҳаи аграриро дар муддати нисбатан кӯтоҳ таъмин намуда, бо роҳи тағйироти

ҷиддӣ шароити истеҳсолот, истифодаи дастовардҳои илму техникаро беҳтар намудан мумкин аст…».[11]

Тафовути нархҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мушкилот доманадор буда, ба ақидаи Сайфуров К.Ф. ҳолати ҷойдошта ба хусусиятҳои зерин алоқаманд аст:

- аввал ин ки бахши якуми КАС (истеҳсоли воситаҳои истеҳсоли барои кишоварзӣ) ба истисноi истеҳсоли нуриҳои минералӣ, фаъолият намекунад, ки зимнан давлат наметавонад нархи захираҳои моддию техникии ба кишваорзӣ пешниҳодшавандаро танзим кунад;

- дуввум, дар бозор маҳсулоти истеъмоли маҳсулоти воридотии арзон барзиёданд, ки давлат бе маҳдудсозии воридот намтеавонад нархи маҳсулоти кишоварзиро бар нафъи истеҳсолкунандагони ватанӣ танзим кунад;

- сеюм, буҷети давлат ва вазъи иқтисоди миллӣ дар маҷмуъ намегузоранд, ки молистеҳсолкунандагони ватаниро дар сатҳи кишварҳои пешрафта дастгирӣ намоем.[12]

Яке аз сабабҳои асосии чунин ҳолат тафовути зиёди нархи маҳсулоти саноатӣ ва кишоварзист, зеро тайи солҳои ислоҳот суръати баландшавии нархи захираҳои харидоришуда аз кишоварзӣ бештар буд. Дар натиҷа кишоварзӣ дигар қодир ба хароҷоти истеҳсолӣ нест, ки аз ин сабаб бисёре аз корхонаҳо аз буҷети давлатӣ ва аз фондҳои ғайрибуҷетию бонкҳои тиҷоратӣ қарздоранд.

Хусусияти чорум - роҳу усули сершумори истифодабарии захираҳои харидоришуда дар раванди истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ҳамчун манбаи таъмини ҳаёти ҷомеа мебошад. Барои расидан ба ин ҳадаф равиши такрористеҳсолеро истифода бояд бурд, ки таҳқиқи тамоми марҳилаҳоро бо

---

[11] Мадаминов А.А. Баъзе ҷанбаҳои рушди устувори кишоварзӣ. /Проблемаҳои рушди устувори иқтисодии соҳаи КАС Тоҷикистон. Душанбе, 2001, Саҳ. 16.

[12] Сайфуров К.Ф. Совершенствование финансово-кредитного механизма воспроизводства основных фондов сельского хозяйства в условиях рынка: на материалах Республики Таджикистан: автореферат диссертации ... кандидата экономических наук. Бишкек, 2013.- С. 17.

робитаи мутақобилаашон пешбинӣ мекунад. Шарти муҳими фаъолияти муътадили равандҳои такрористеҳсол сармоягузорӣ барои парки нақлиётиву мошинҳои кишоварзӣ мебошад, ки дар корхонаҳои саноатии дахлдор такрористеҳсол мешаванд. Дар корхонаҳои кишоварзӣ қисми хурди воситаҳои асосӣ - чорвои корӣ ва наслдиҳанда, киштзорҳои бисёрсола, ва воситаҳои гардон - тухмӣ, чорвою парандагони ҷавон, хӯроки чорво такрористеҳсол мешавад.

Дар соҳаи кишоварзӣ қувваи корӣ ва замин такрористеҳсол намешаванд. Қувваи корӣ дар оилаҳо такрористеҳсол мешавад, дар мактаб, омӯзишгоҳ, коллеҷу мактабҳои олӣ таҳсил мекунад ва ба фаъолияти касбӣ омода мегардад. Корхонаҳои кишоварзӣ қувваи кории омодаро барои истифодаи истеҳсолӣ ба кор мегиранд. Танҳо ҳосилхезии заминро барқарор кардан мумкин аст.

Хусусияти панҷум дар он ифода меёбад, ки низоми пешбурди зироаткорӣ ва чорводорӣ аз ташкили истеҳсол дар корхонаҳои саноати коркард, хӯроквории ва мошинсозӣ фарқ дорад. Модели низоми пешбурди зироаткорӣ ташкили истеҳсол, воситаи истеҳсолот ва технологияи истеҳсоли маҳсулоти растанипарвариро дар бар мегирад.

Ташкили истеҳсолот аз ташкили: майдонҳои кишт, раванди меҳнат, шаклҳои кооператсия ва тақсими меҳнат, меъёрбандӣ ва музди меҳнат; ҳисоботдиҳӣ ва муҳосибот, банақшагирӣ ва идораи зерсоҳаҳо иборат аст. Воситаҳои итсеҳсолот (асосӣ ва гардон) вобаста ба ташкил ва ҳам технологияи истеҳсол барои зироатҳои гуногун истифода мешаванд. Воситаҳои истеҳсолот маҷмӯи бинову иншоот, мошину таҷҳизот, воситаҳои гардон мебошанд. Технологияи истеҳсол низоми кишт, нуриву обёрӣ, коркарди хок, ҳифзи растаниҳо, тухмипарварӣ, ғунучину нигоҳдории ҳосил, фурӯши маҳсулот иборат аст.

Қобили қайд аст, ки таҳлил ва баррасии назарияи такрористеҳсол дар бахши кишоварзӣ нишон дод, ки он яке аз масъалаҳои муҳим ва айни замон дар имли ватанӣ кам тадқиқшуда ба ҳисоб меравад. Такрористеҳсол ҳамчун

ҷузъи асоси сиёсати аграрӣ ва омили муҳимтарини густариши ситеҳсолоти самаранок бояд дар маркази ислоҳотҳои анҷомшаванда қарор дошта бошад.

Назарияи классикии иқтисодӣ такрористеҳсолкуниро ҳамчун раванди доимӣ ва мунтазам такроршавандаи истеҳсолот ва хизматрасонӣ муайян мекунад. Қонунҳои умумитарини такрористеҳсолкунии ба ҳама гуна системаҳои иқтисодӣ хос аз инҳо иборатанд:

- робитаи мутақобила ва вобастагии истеҳсолот, тақсимот, мубодила ва истеъмол ҳамчун марҳилаҳои асосии раванди такрористеҳсол;

- ягонагии такрористеҳсоли маҳсулот, муносибатҳои меҳнатӣ ва истеҳсолӣ; омили охирин, ки ба муносибатҳои моликият асос ёфтааст, шакли иҷтимоию иқтисодии раванди такрористеҳсолкуниро муайян мекунад;

- зарурати мутаносибии тамоми марҳилаҳои такрористеҳсолкунӣ, муносибати байни ҷамъоварӣ ва истеъмол, байни шакли арзиш (дар робита ба истеҳсоли мол) ва мундариҷаи табиӣ-моддии маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ ва ҷузъҳои он;

- муайян кардани самаранокии раванди такрористеҳсолкунӣ дар асоси таҳлили суръати мавҷуда ва пешбинишудаи рушди иқтисодӣ бо истифода аз нишондиҳандаҳое, ки сатҳҳои гуногуни истеҳсол ва фурӯши маҳсулотро инъикос мекунанд: суръати афзоиши маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ ва даромади миллӣ дар сатҳи макро; меъёри арзиши умумии иловашуда дар сатҳи соҳавӣ; суръати афзоиши маҳсулоти умумӣ ва фоида дар сатҳи иттиҳодияҳо ва корхонаҳо;

- заминаи моддии сикли такрористеҳсолкунӣ ва рафъи вазъи бӯҳронӣ таҷдиди фондҳои асосӣ мебошад; дар ин росто, рушди низоми сармоягузорӣ дар шароити рушди инноватсионӣ таъхирнопазир мегардад.

Таҳаввулоти назария ва равишҳои таҳқиқи такрористехсол дар корхонаҳои кишоварзӣ нишон медиҳад, ки дар давраҳои алоҳидаи рушди муносибатҳои истеҳсолӣ он хусусиятҳои гуногунро соҳиб гашта, ҳамчун

унсури муҳимтарини таъмини рушди бетанаффус ва мунтазами муносибатҳои истеҳсолӣ дар бахши кишоварзӣ эътироф карда мешавад. Тамоюли муосири рушди қувваҳои истеҳсолкунандаи ҷомеа, ба андешаи мо, аз такрористеҳсоли сифатии воситаҳои истеҳсолот ва технологияҳо, ташаккули афзалияти сармояи зеҳнӣ, тавсеаи ҳаҷми иқтисодиёти миллӣ иборат мебошад.

Ҳамин тавр, назария ва хусусиятҳои такрористеҳсолкунӣ дар соҳаи кишоварзӣ ба мо имкон фароҳам меорад, ки моҳият ва аҳамияти ин равандро дар иқтисодиёти кишвар дарк намоем, барои идоракунии такрористеҳсоли оддӣ ва васеъ дар соҳаи кишоварзии иқтисодиёти мо - ҳамчун як соҳаи калидии таъмини амнияти озуқаворӣ ва татбиқи саноатикунонии босуръати иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон шароит фароҳам оварда шавад.

## 1.2. Усулҳо ва моделҳои идоракунии раванди такрористеҳсол дар корхонаҳои кишоварзӣ

Яке аз масъалаҳои муҳими иқтисодиёт ва идоракунии бахши аграрии Ҷумҳурии Тоҷикистон ин тавсеаи низоми идоракунии раванди такрористеҳсол бо мақсади баланд бардоштани самаранокии он мебошад. Дар ин замина шарти асосии таъмини самаранокии иктисодии механизми идоракунии раванди такрористехсол дар корхонаҳои кишоварзӣ тақозо менамояд, ки манфиатҳои ҳамаи иштироккунандагони ин раванд таъмин карда шавад. Механизми идоракунии муосир бояд имконият диҳад, ки истеҳсолкунандагон бо гирифтани фоидаи максималӣ ва таъмини устувории фаъолияти худ ноил гардида, истеъмолкунандагон бошанд ба маводи босифати озуқаворӣ дастрасӣ пайдо кунанд. Бо назардошти он ки дастрасӣ ба ғизои хушсифат аз ҷумлаи ҳадафҳои стратегии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад, зимнан бояд он бо назардошти ҳифзи муҳити зист ва татбиқи принсипҳои иқтисодиёти сабз амалӣ карда шавад.

Таҷриба нишон медиҳад, ки самаранокии раванди такрористеҳсол дар бахши кишоварзӣ ба ташкили идоракунӣ ва самаранокии қабули қарор вобастагии амиқ дорад. Аз ин рӯ дар марҳилаи муосири рушд ташаккул ва инкишофи сохтори самараноки идоракунии раванди такрористеҳсол дар бахши аграрӣ аз ҷумлаи масоили мубрами менеҷменти аграрӣ ба ҳисоб меравад. Қобили қайд аст, ки ташкили дурусти идоракунии раванди такрористеҳсолӣ дар бахши кишоварзӣ тақозо менамояд, ки методология ва амалияи он тадқиқ карда шуда, махсусият ва самтҳои такмили он асоснок карда шавад.[13]

Ба ақидаи муҳаққиқони ватанӣ Попов Н.А. ва Саидзода Д.С. самаранокии раванди истеҳсолот дар бахши аграрӣ дар умум ва корхонаҳои кишоварзӣ дар алоҳидагӣ ба ташаккули низоми нави идоракунии соҳа алоқаманд буда, дар ин самт бояд шароити мусоид фароҳам оварда шавад.[14] Аз ин рӯ, мо ба андешаи муҳаққиқон розӣ шуда, зарурати ташаккул ва инкишофи низоми нави идоракунии раванди такрористеҳсолро дар корхонаҳои кишоварзӣ таъкид менамоем, ки ба баррасии усулҳо ва принсипҳои он вобастагии амиқ дорад.

Қобили қайд аст, ки назарияи идоракунии раванди такрористеҳсол аз нигоҳи олимони гуногун мухталиф шарҳ дода шуда, ҳар яки онҳо нигоҳи худро вобаста ба шароит ва хусусияти такрористеҳсол дар соҳаи кишоварзӣ пешниҳод намудаанд. Новобаста ба ин низоми идоракунии раванди такрористеҳсол бояд самаранокии фаъолиятро таъмин сохта, набудани системаи муосири идоракунӣ, сатҳи пасти истифодаи пойгоҳи иттилоотию таҳлилӣ метавонад якбора ба паст шудани натиҷаҳои фаъолияти корхонаҳои кишоварзӣ оварда расонад.[15]

---

[13] Муслихова Т.Т. Такрористеҳсоли васеъ дар хоҷагии қишлоқ: интенсификатсия ва самаранокии он//Паёми молия ва иқтисод. 2020. № 3 (23). С. 63-67.

[14] Попов Н.А., Саидзода Д.С. Шароити амалигардонии такрористеҳсол дар соҳаи кишоварзӣ//Паёми молия ва иқтисод. 2021. № 4-1 (29). С. 90-95.

[15] Руденко, Н. Р. Процесс воспроизводства в сельском хозяйстве как объект управления / Н. Р. Руденко // Экономика и управление собственностью. – 2012. – № 4. – С. 61-65.

Тадқиқоти анҷомдода мо нишон медиҳад, ки ҳама гуна равандҳои идоракунӣ дар корхона ба силсилаи муттасили амалҳои муайян асос ёфтааст, ки дар байни онҳо ҷамъоварӣ, нигоҳдорӣ, коркард ва таҳвили иттилоот; таҳияи чораҳои назоратӣ; таҳия ва қабули қарорҳои идоракунӣ ва чораҳои назоратиро аз ҳамдигар ҷудо мекунад. Дар баробари ин идоракунӣ ҳамчун раванди истифодаи самараноки меҳнат ва захираҳои маҳдуд буда, барои ба даст овардани шароити дилхоҳи истеҳсол шароит фароҳам меорад.

Таҳлили адабиёти соҳавӣ ва сарчашмаҳои илмӣ нишон медиҳад, ки аксар иқтисоддонҳо мафҳуми идоракуниро ҳамчун раванди банақшагирӣ, ташкил, ҳавасмандкунӣ ва назорат шарҳ медиҳанд. Ҳамаи ин бевосита ба ҷараёни идоракунии такрористеҳсол, ки дар соҳаи кишоварзӣ хусусиятҳои худро дорад, алоқаманд мебошад. Идоракунии такрористеҳсол дар корхонаҳои кишоварзӣ таҳияи барномаи азнавсозии техникии корхона, ки ҳолати кунунии таҷҳизот, оқилона истифода бурдани сармоягузорӣ ва шароитҳои афзалиятноки бозорро барои такрористеҳсоли ин объектҳо дар бар мегирад, ифода мекунад.

Ба ақидаи муҳаққиқони алоҳида идоракунии такрористеҳсол дар корхонаҳои кишоварзӣ ин ҷараёни таъсиррасонӣ ба ҳолати иқтидор ва захираҳои корхона мебошад, ки дар марҳилаи алоҳидаи давраи фаъолият қарор доранд ва барои расидан ба ҳадафи стратегӣ зарур мебошанд.[16]

Бо назардошти ин нуктаҳо, бояд гуфт, ки ба фикри мо, идоракунии такрористеҳсол дар корхонаҳои кишоварзӣ раванди мураттабро талаб мекунад, ки маҷмӯи тадбирҳои иқтисодӣ, ташкилӣ, назоратӣ ва дигар тадбирҳоеро дар самти банақшагирии зарурати сармояи асосӣ ва гардон, иқтидори кадрӣ, ҷустуҷӯи роҳҳо ва манбаҳои маблағгузории таҷдиди истеҳсолоти кишоварзиро дар бар гирифта, самаранокии истифодаи онҳоро таъмин менамояд.

---

[16] Сучков, А. И. Управление воспроизводством ресурсного потенциала сельского хозяйства / А. И. Сучков, О. М. Кирилюк // Вестник НГАУ (Новосибирский государственный аграрный университет). – 2010. – № 3(15). – С. 166-170.

Дар фаъолияти корхонаҳои кишоварзӣ раванди идоракунии манбаъҳои маблағгузории такрористеҳсол, аз он ҷумла такрористеҳсоли сармояи асосӣ таъмини ҳиссаи ҳадди аксар захираҳои худиро дар маблағгузории умумии раванди такрористеҳсол дар бар гирифта, имконият медиҳад, ки таносуби оқилонаи манбаъҳои ташаккули захираҳои молиявии таъмин карда шавад. Дар баробари ин таҳлили захираҳои ҷалбшуда, арзиши онҳо, таносуби оқилонаи маблағҳои худӣ ва қарзӣ, интихоби шакли қарз ва идоракунии маблағҳои ҷалбшуда дар баланд бардоштани самаранокии идоракунии такрористеҳсол дар корхонаҳои кишоварзӣ аҳамияти муҳим доранд.

Таҷриба нишон медиҳад, ки раванди мукаммали такрористеҳсол ба зиёд шудани ҳосилнокии меҳнат, ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот, кам шудани хароҷот ва афзудани фоида дар корхонаҳои кишоварзӣ мусоидат мекунад. Дар доираи ин раванд, чунин чорабиниҳо ба монанди таҳлили таркиб, ҳаракат ва ҳолати захираҳои корхона; таҳлили самаранокии истифодаи захираҳои моддӣ, молиявӣ ва кадрӣ; ҷустуҷӯи захираҳо барои баланд бардоштани самаранокии истифодаи иқтидори корхонаҳои кишоварзӣ зарур ва мувофиқи мақсад мебошанд.

Таҳқиқоти анҷомдода мо нишон медиҳад, ки менеҷменти раванди такрористеҳсол дар корхонаҳои кишоварзӣ ба як қатор омилҳо вобастагӣ дошта, онҳоро метавон ба гурӯҳҳои зерин ҷудо намуд:

- омилҳои берунӣ, ки ба он ҳадаф, принсип ва усулҳои идоракуние дохил мешаанд, ки ба вазъияти иқтисодиву иҷтимоӣ вобаста буда, зимнан шакли моликият, ҷойгиркунонии минтақавӣ ва ҳамчунин равандҳои ҳамгироӣ нақши муҳим мебозанд;

- омилҳои дохилӣ, ки ба он хусусият ва ҳаҷми истеҳсолот, дараҷаи махсусгардонии он, сатҳи таъмин будани истеҳсолот бо воситаҳои асосӣ ва кадрҳои соҳибтахассус дохил мешаванд;

Дар раванди такмили низоми идоракунии такрористеҳсол дар корхонаҳои кишоварзӣ риояи таносуби он аҳамияти аввалиндараҷа дорад.

Бояд таъкид сохт, ки ба ин масъала дар назария ва амалияи Ҷумҳурии Тоҷикистон таваҷҷуҳи хоса зоҳир карда нашуда, он яке аз сабабҳои паст будани самаранокии истеҳсолоти кишоварзӣ мебошад. Таъмини таносуби зарурии такрористеҳсол дар корхонаҳои кишоварзӣ яке аз вазифаҳои асосии менеҷменти муосири аграрӣ ба ҳисоб меравад, зеро раванди идоракунӣ ва таъмини инкишофи кишоварзӣ ба ташаккули таносуби такрористеҳсол вобастагии амиқ дорад. Нақши таъмини таносуби такрористеҳсолро дар раванди идоракунии он чунин пешниҳод намудан мумкин аст (Расми 1.2.1.).




**Расми 1.2.1. Таносуби такрористеҳсол дар низоми идоракунии он**
**Сарчашма:** таҳияи муаллиф

Ташаккули низоми идоракунии раванди такрористеҳсол дар корхонаҳои кишоварзӣ бояд бо назардошти мониторинги таносуби такрористеҳсол дар сатҳи миллӣ, минтақавӣ ва соҳавӣ амалӣ карда шавад. Дар ин замина ба ақидаи баъзе муаллифон ташаккули низоми мониторинги

истифодаи захираҳо зарур аст, ки бояд фарогирӣ чорабиниҳои хоси банақшагирӣ ва ҳавасмандгардонӣ бошад.

Яке аз масъалаҳои муҳимтарини ноил шудан ба самаранокии такрористеҳсол дар бахши кишоварзӣ ин таъмини системаи идоракунии меҳнат ба механизми мавҷудаи ташкилию иқтисодии он ба ҳисоб меравад. Устуворӣ ҳамчун яке аз принсипҳои иқтисодии идоракунии стратегии ҷараёни такрористеҳсол дар бахши кишоварзӣ ҳисобида шуда, истифодаи равиши ҷараёниро пешбинӣ мекунад, ки татбиқи як қатор марҳилаҳои ба ҳам алоқамандро фаро мегирад. Марҳилаҳои асосии татбиқи идоракунии стратегияи такрористеҳсол дар бахши кишоварзӣ аз унсурҳои зерин иборат аст:[17]

**1. Таҳияи модели назариявии (консептуалии) идоракунии раванди такрористеҳсол дар корхонаи кишоварзӣ.** Бо назардошти он, ки ҷараёни идоракунии такрористеҳсол дар корхонаҳои кишоварзӣ низоми ба ҳам алоқаманди равандҳоро дар бар мегирад, таҳияи модели консептуалии идоракунии такрористеҳсол бояд бо назардошти унсурҳои асосии татбиқи модели муосири идоракунӣ сурат гирад. Модели консептуалӣ бояд фаъолияти корхонаҳои кишоварзиро дар шакли системаи кушоди иқтисодӣ, ки аз унсурҳои ба ҳам алоқаманд ва мутақобила иборатанд, тавсиф кунад. Унсурҳои модели консептуалӣ ба равандҳои асосии такрористеҳсол, ба монанди таъмини захираҳои меҳнатӣ, сармояи асосӣ ва гардон, истеҳсол ва фурӯши маҳсулот, тақсими даромад ва фоида мувофиқат мекунанд;

**2. Таҳияи модели иқтисодӣ-риёзии идоракунии такрористеҳсол дар корхонаҳои кишоварзӣ.** Модели иқтисодию риёзии идоракунии такрористеҳсол дар корхонаҳои кишоварзӣ метавонад танҳо дар асоси модели консептуалии таҳияшуда сохта шавад, ки заминаи назариявии рушди системаҳои иқтисодиро дар робита бо идоракунии раванди

[17] Хлынин, Э. В. Формирование стратегии управления воспроизводством основного капитала предприятия / Э. В. Хлынин, Н. И. Коровкина // Международный журнал прикладных и фундаментальных исследований. – 2009. – № 6. – С. 62-63.

такрористеҳсол дар корхонаро инъикос менамояд. Бо ин мақсад, равандҳои асосие, ки дар корхона ба амал меоянд, бояд бо истифодаи муносибатҳои мутавозин, ки робитаи байни унсурҳои низоми идоракуниро тавсиф мекунанд, ифода карда шаванд. Риояи таносуби тавозун пайдарҳамии байни унсурҳои гуногуни низоми идоракунӣ ва нигоҳ доштани онро дар мувозинати динамикӣ таъмин мекунад.

**3. Моделсозии қарорҳои идоракунии стратегӣ дар ҷараёни такрористеҳсол дар корхонаҳои кишоварзӣ.** Назарияи рушди низомҳои идоракуниро мавҷудияти равишҳои (мутавозин) собит исбот мекунад, ки ягон низоми иқтисодӣ бо мурури замон ба он майл мекунад. Баррасии корхона дар шакли системаи иқтисодӣ инчунин мавҷудияти равишҳои доимиро барои нишондиҳандаҳои гуногуни фаъолият дар назар дорад.

Яке аз вазифаҳои ин марҳилаи идоракунии стратегии ҷараёни такрористеҳсол дар корхонаҳои кишоварзӣ ин муайян кардани нишондиҳандаҳои иқтисодӣ, равишҳои собит ва таҳлили онҳо мебошад. Азбаски равиши доимии ҳар як нишондиҳандаи иқтисодӣ тағйироти таъсирбахши онро дар шароити кунунӣ тавсиф мекунад, аҳамияти амалии ин марҳилаи идоракунии стратегии такрористеҳсолро шарҳ медиҳад.

Моделсозӣ бо истифода аз модели сохташудаи иқтисодию риёзӣ барои идоракунии ҷараёни такрористеҳсол имкон медиҳад, ки масири собитро барои нишондиҳандаҳои асосии иқтисодӣ муайян кунанд, ки самаранокии фаъолияти корхонаро тавсиф медиҳад. Натиҷаҳои моделсозӣ бояд барои қабули қарорҳои стратегии идоракунӣ дар раванди такрористеҳсол ва муайян кардани таъсири омилҳои бозор ба ташаккули стратегияи асосии идоракунӣ асос шаванд;

**4. Муайян намудани таъсири омилҳои бозорӣ ба идоракунии стратегии ҷараёни такрористеҳсол дар корхонаҳои кишоварзӣ.** Корхонаҳои кишоварзие, ки дар муҳити бозорӣ амал мекунад, бояд ба ҳама тағйиротҳои дар муҳити беруна рухдода фавран ва ба таври мувофиқ аксуламал нишон диҳад. Аз ин рӯ, ҳангоми татбиқи идоракунии стратегии ҷараёни

такрористеҳсол таъсири омилҳои муҳити беруна бояд ба назар гирифта шаванд, зеро онҳо масири низомҳои иқтисодиро аз масири доимӣ дур мекунанд ё худи масири доимиро иваз мекунанд;

**5. Банақшагирии стратегӣ ва тактикии раванди такрористеҳсоли сармояи асосӣ.** Марҳилаи муҳим дар идоракунии раванди такрористеҳол ин банақшагирии стратегӣ ва тактикии он мебошад. Банақшагирии стратегӣ имкон медиҳад, ки тамоюли эҳтиёҷоти умумии корхона ба захираҳо барои баҳодиҳии ҳаҷми истеҳсолот дар сатҳи талаботи пардохтпазир бо назардошти динамикаи нархҳо дар бозори мол ва хизматрасонӣ баҳо дода шавад;

**6. Асосноккунии бархӯрдҳо барои таҳияи нақшаи самараноки маблағгузории раванди такрористеҳсол.** Татбиқи идоракунии стратегии ҷараёни такрористеҳсол бе дарназардошти ҷузъи молиявии фаъолияти иқтисодӣ ғайриимкон аст. Мавҷудияти сарчашмаҳои мухталифи маблағгузории раванди такрористеҳсол, ки ба маблағҳои худи корхона ва ҳам воситаҳои қарзӣ асос меёбад, шароити афзалиятноки ҷалб ва тамоюли имконпазири онҳо имкон медиҳад, ки асосноксозии назариявии усулҳои ташаккули нақшаи самараноки маблағгузорӣ ба воситаҳои асосии корхона тавсиф дода шавад;

**7. Таҳияи системаи нишондиҳандаҳои таҳлилӣ барои ташхис дар ҷараёни идоракунии такрористеҳсол дар корхонаҳои кишоварзӣ.** Барои арзёбӣ ва мониторинги самаранокии қарорҳои стратегӣ, ки дар самти идоракунии такрористеҳсол қабул карда мешавад системаи мувофиқи нишондиҳандаҳои таҳлилӣ вуҷуд дорад. Ин нишондиҳандаҳо имкон медиҳанд, ки бо мурури замон ташаккулзахираҳо ташхис шавад ва аз ин рӯ ташаккули онҳо на ба таҳлили статикӣ, балки ба таҳлили динамикӣ асос ёбад. Ташхиси ҷараёни такрористеҳсол бо истифодаи чунин системаи нишондиҳандаҳои таҳлилӣ имкон медиҳад, ки тағйироти ҷории системаи иқтисодӣ пайгирӣ карда шаванд ва дар ҳолати рушди ғайриқаноатбахш сари вақт ислоҳ карда шаванд.

Қобили қайд аст, ки ташаккули низоми самараноки идоракуни раванди такрористеҳсол шарти асосии густариши фаъолияти инноватсионии корхонаҳои кишоварзӣ ба ҳисоб меравад.18 Таҷриба нишон медиҳад, ки хусусияти рушди инноватсионии муосир аз он иборат аст, ки рушди инноватсияҳо ва такрористеҳсол равандҳои мунтазам ва пайдарпай татбиқшаванда мебошанд, ки ҳадафи асосии онҳо таъмини ҳосилнокии сифатан нави меҳнат, афзоиши сатҳи ҷамъбастӣ ва хусусии самаранокии фаъолияти иқтисодӣ ба ҳисоб меравад.

Идоракунии такрористеҳсол дар корхонаҳои кишоварзӣ шарти муайянкунандаи рушди инноватсионӣ мебошад. Ба ақидаи мо, идоракунии такрористеҳсол бояд ҳамчун маҷмӯи чорабиниҳои иқтисодӣ, ташкилӣ ва ғайра фаҳмида шавад, ки таъмин ва нигоҳдории захираҳоро дар ҳолати зарурии миқдорӣ, сифатӣ ва самарабахш амалӣ месозад.

Ҳамин тавр, идоракунии самаранок дар соҳаи такрористеҳсол дар корхонаҳои кишоварзӣ бо мақсади таъмини корхона бо захираҳо бояд фарогири чораҳои такмил додани системаи сармоягузории ин раванд, аз ҷумла лоиҳаҳои инноватсиониро дар бар гирад. Сиёсати сармоягузорӣ, ки ба такрористеҳсоли сармояи асосӣ нигаронида шудааст, як қисми сиёсати иқтисодии корхона мебошад, ки маҷмӯи усулҳо ва воситаҳои идоракунии сармоягузориҳо ба объектҳои асосиро дар назар дорад.

Ба ақидаи мо, идоракунии такрористеҳсол раванди мураттабро талаб мекунад, ки маҷмӯи тадбирҳои иқтисодӣ, ташкилӣ, назоратӣ ва дигар тадбирҳоеро, ки фарогири банақшагирии захираҳо, дарёфти роҳҳо ва манбаҳои маблағгузории такрористеҳсоли онҳо, таъмини саривақтии раванди истеҳсолот бо захираҳо мебошад. Нақшаи ҳамкории сохторҳои идоракунӣ дар раванди идоракунии такрористеҳсол дар бахши кишоварзӣ дар **расми 1.2.2.** нишон дода шудааст.

[18] Управление воспроизводством основных средств сельского хозяйства в условиях обеспечения продовольственной безопасности / С. А. Маркина, С. Н. Белоусова, В. Л. Рыкунова, Ж. А. Ульянцева // Конкурентоспособность в глобальном мире: экономика, наука, технологии. – 2017. – № 10(57). – С. 931-939.

Дар амалия самаранокии ин равандро танҳо он вакт баланд бардоштан мумкин аст, ки агар он дар сатҳи макро, мезо ва микро ҳамаҷониба татбиқ карда шавад.[19] Субъекти идоракунии такрористеҳсол дар сатҳи макроиқтисодӣ давлат мебошад. Ҳадафи он фароҳам овардани шароити мусоид ҷиҳати ҳавасмандкунии такрористеҳсол дар корхонаҳои кишоварзӣ мебошад. Барои ноил шудан ба ин раванд чараёни такрористеҳсол дар бахши кишоварзии кишвар таҳлил карда мешавад, сабабҳои вазъи мавҷуда муайян карда мешаванд ва тадбирҳо оид ба баланд бардоштани самаранокии ин раванд тавассути механизми ҳамгироишудаи идоракунӣ ва инфрасохтори иҷтимоӣ таҳия карда мешаванд.




**Расми 1.2.2. Нақшаи ҳамкории сохторҳои идоракунӣ дар раванди идоракунии такрористеҳсол дар бахши кишоварзӣ**

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф

[19] Абакумов, Р. Г. Индикаторы анализа состояния управления воспроизводством основных средств на макро- и микроуровне / Р. Г. Абакумов // Вестник Белгородского государственного технологического университета им. В.Г. Шухова. – 2015. – № 5. – С. 261-264.

Идоракунии такрористеҳсол дар соҳаи кишоварзӣ дар сатҳи мезо таҳия намудани сохторҳои минтақавиро бо назардошти вазъи кунунии минтақа аз ҷониби мақомоти минтақавӣ талаб мекунад. Дар сатҳи микро, идоракунии такрористеҳсол пеш аз ҳама ба маълумоте асос меёбад, ки самти рушди корхонаро барои давраи дарозмуддат муайян мекунад. Бо дарназардошти он, ки такрористеҳсол дар корхонаҳои кишоварзӣ асосан дар заминаи сармоягузории асосӣ сурат мегирад, идоракунии самаранок дар ин соҳа бояд тавассути беҳсозии низоми сармоягузорӣ сурат гирад.

Иқтисоддонҳо қайд мекунанд, ки идоракунии стратегии такрористеҳсол нақшаи стратегии амал оид ба таъмини корхона бо пули нақд мебошад, ки назария ва амалияи ташаккули молия, банақшагирӣ ва таъминоти онҳоро фаро мегирад ва мушкилотҳоеро ҳал мекунад, ки устувории молиявии корхона дар шароити бозорро таъмин мекунанд. Идоракунии стратегии такрористеҳсол нақшаи мукаммалу ҳамаҷонибаи таъмини рисолати корхонаҳои кишоварзӣ барои расидан ба ҳадафҳои худ мебошад ва маҷмӯи стратегияҳои сармоягузорӣ, истеҳсолӣ ва қарзӣ асосии онро ташкил медиҳад. Самаранокии идоракунии такрористеҳсол категорияест, ки мувофиқати идоракуниро бо мақсадҳо ва манфиатҳои ташкилот инъикос мекунад.[20]

Дар шароити муосир барои такмили низоми идоракунии раванди такрористеҳсол бо мақсади тавсеаи фаъолияти корхонаҳои кишоварзӣ бояд низоми идоракунии молиявии муосир ташкил карда шавад. Дар ин самт бояд на танҳо захираҳои худӣ, балки аз манбаъҳои берунии маблағгузорӣ истифода карда шуда, онҳоро асосан ба ташаккули истеҳсолоти калони кишоварзӣ равона кардан зарур аст.

Дар ин замина ҷалби сармояи барои татбиқи лоиҳаҳои инноватсионӣ, такрористеҳсоли комплексҳои чорводорӣ, анборҳо ва марказҳои

---

[20] Агузарова, Л. А. Управление воспроизводством социально-трудового потенциала субъекта: новые подходы / Л. А. Агузарова // Теоретическая экономика. – 2018. – № 2(44). – С. 143-149.

зотпарварӣ самара рақобатнокии корхонаи кишоварзиро баланд мебардорад. Яке аз самтҳои асосии такмили раванди такрористеҳсол ин интенсификатсияи фаъолияти инноватсионӣ ва инвеститсионӣ мебошад.

Дар сатҳи миллӣ тадбирҳои дастгирии андоз барои сармоягузорон метавонанд самараи калон дошта бошанд. Ҳангоми ҳисоб кардани меъёрҳои имтиёзноки андоз барои сармоягузорон бояд нишондиҳандаи муайянкунанда андозаи сармоягузорӣ ба технологияҳои нав бошад. Ҳавасмандгардонии андоз барои истеҳсолкунандагони соҳаи кишоварзӣ, ки технологияҳои инноватсиониро фаъолона таҳия мекунанд, бояд бо роҳи тезонидани истеҳлоки фондҳои асосии дар истеҳсолоти инноватсионӣ истифодашаванда амалӣ карда шаванд.

Дар натиҷаи таҳқиқот муайян карда шуд, ки моделҳои асосии идоракунии такрористеҳсол дар корхонаҳои кишоварзӣ бояд фарогири унсурҳои зерин бошанд:

- арзёбии шакли ташкилию ҳуқуқии корхонаҳои кишоварзӣ ва таҳлили таъсири он ба раванди такрористеҳсол;[21]

– таҳияи нишондихандахои пешбинишавандаи рушди нерӯи инсонӣ, баҳодиҳии таъсири омилҳои беруна ва дохилие, ки ба раванди такрористеҳсоли нерӯи инсонӣ дар корхонаҳои кишоварзӣ таъсир мерасонанд;

– ташаккули стратегияи рушди корхонаҳои кишоварзӣ, муайян намудани шаклу механизмхои мушаххаси татбиқи стратегияи маблағгузориии раванди такрористеҳсол;

– ташкили низоми ҳавасмандгардонии иштироки субъектҳои низоми иқтисодии минтақавӣ дар татбиқи стратегияи идоракунии раванди такрористеҳсол;

– ташаккули низоми мониторинг ва назорати амалисозии стратегияи идоракунии раванди такрористеҳсол дар корхонаҳои кишоварзӣ;

[21] Смирнова, И. В. Эффективность управления процессами воспроизводства в сельскохозяйственных предприятиях различных организационно-правовых форм / И. В. Смирнова // Актуальные проблемы экономики современной России. – 2016. – № 3. – С. 91-94.

- тавсеаи фаъолияти инвеститисонӣ ва инноватсионӣ дар корхонаҳои кишоварзӣ;[22]

- арзёбии мувофиқати стратегияи интихобшудаи такрористеҳсол ба стратегияи умумии рушди корхона, соҳа, минтақа ва давлат.

Механизми идоракунии раванди такрористеҳсол дар корхонаҳои кишоварзӣ бояд бо назардошти хусусияти хоси ташаккул ва инкишофи он таҳия ва татбиқ карда шавад. Дар ин замина ташкили раванди такрористеҳсол бояд дар асоси нишондиҳандаи меъёрии арзиши ибтидоӣ, ки барои таъмин намудани такрористехсоли оддӣ ва васеъ заруранд ба роҳ монда шавад.

Дар амалия бо ин мақсад такрористеҳсол ҳамчунин бо истифода аз меъёру нишондиҳандаҳои гуногун ба навъҳои алоҳида ҷудо мешавад. Яъне ташаккули менеҷменти муосир ва самаранок бояд бо назардошти табиат ва хусусиятҳои такрористеҳсол дар корхонаҳои кишоварзӣ сурат гирад. Дар диссертация дар асоси таснифоти шаклу навъҳои такрористедсол самтҳои асосии идоракунии такрористеҳсол дар корхонаҳои кишоварзӣ асоснок карда шудааст **(Расми 1.2.3.).**

Чи гунае, ки аз расм бар меояд менеҷменти раванди такрористеҳсол бояд аз рӯйи самти фаъолияти корхона ташкил карда шуда, ҳар як равандро дар алоҳидагӣ танзим намояд. Дар ин ҷо менеҷменти такрористеҳсоли захираҳои моддию техникӣ, дороиҳои ғайримоддӣ, захираҳои инсонӣ, табиӣ ва молиявию инвеститсионӣ мавқеи марказӣ доранд. Дар баробари ин зимни ташаккули менеҷменти раванди такрористеҳсол бояд таъсири моилҳои объективӣ ва субъективӣ низ ба инобат гирифта шаванд, зеро онҳо ба таъмини устувории раванди такрористеҳсол дар корхонаҳои кишоварзӣ таъсири бевосита мерасонанд.

[22] Сазонов, В. Г. Совершенствование хозяйственного механизма управления воспроизводством основных фондов в инновационно-активных экономических системах / В. Г. Сазонов, Е. В. Рогова // Актуальные вопросы экономических наук. – 2011. – № 21-2. – С. 204-210.




**Расми 1.2.3. - Идоракунии раванди такрористеҳсол дар корхонаҳои кишоварзӣ**
**Сарчашма:** таҳияи муаллиф

Ба фикри мо, дар иқтисоди муосири инноватсионӣ таъсири муҳити иттилоотӣ ба равандҳои такрористеҳсол тақвият ёфтааст ва минбаъд ҳам хоҳад ёфт. Маълумот дар бораи инноватсияҳо, махсулот, шаклҳои қарз, низоми андозбандӣ, технологияҳои навин, манбаъҳои маблағ ва ҳоказо ба коҳиш додани хароҷот ва гирифтани фоидаи бештар мусоидат мекунад. Барои самарнокии равандҳои такрористеҳсол на танҳо дониши наву сари вақт гирифтани иттилоот, балки фаъолгардонии татбиқи коркардҳои илмӣ дар истеҳсолот лозим аст.

Дар шароити муносибатҳои бозорӣ талаботи истеҳсолкунандагони соҳаи кишоварзӣ ба ҳаҷми иттилоот ва ҳам густариши навъҳои он меафзояд. Ин ба иттилоот оид ба бозорҳои фурӯш, маркетинг, тарҳрезии бизнес ва нархи маҳсулот дахл дорад. Иттилооти муҳим санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва заминаи қонунгузорӣ, хусусан дар соҳаи андоз, суғурта, қарз, нархгузорӣ, барномаҳои давлатӣ мебошанд. Истифодаи самараноки захираҳои иттилоотӣ, аз ҷумла ҳангоми иҷрои ӯҳдадориҳо оид ба андоз ба роҳбарони ташкилоту корхонаҳо имкон медиҳад, ки раванди такрористеҳсоли хоҷагии худро бо роҳи рушди пурсамар пеш бурда, вазъиятро зери назорат гиранду барои густариши такрористеҳсоли васеъ қарорҳои идорӣ қабул намоянд.

Таҳқиқи заминаҳои консептуалӣ ва методологии идоракунии раванди такрористеҳсол дар корхонаҳои кишоварзӣ нишон дод, ки бояд самтҳои стратегиии идоракунии раванди такрористеҳсол муайян карда шавад. Дар ин самт истифодаи захираҳои худӣ ва қарзӣ, такмили методологияи муайян кардани арзиши истеҳлоки воситахои асосӣ, ташкили баҳодиҳии техникӣ ва азнавбаҳодиҳӣ бо мақсади навсозии саривақтии иншоот, инчунин аз ҳисоб баровардани воситаҳои асосии аз ҷиҳати маънавӣ ва ҷисмонӣ фарсудашуда, азнавбаҳодиҳии мунтазами захираҳо, ки имкон медиҳад арзиши балансии онҳо ба сатҳи арзиши бозорӣ мутобиқ карда шавад[23], давра ба давра аз назар

[23] Агошкова, Н. Е. Совершенствование управления воспроизводством основных средств в региональном АПК / Н. Е. Агошкова, Н. Н. Агошкова // Региональная экономика: теория и практика. – 2013. – № 12. – С. 31-39.

гузарондани мухлати истифодабарӣ ва такмили таркиби сифатии захираҳо аз ҷумлаи масъалаҳои муҳим ва стратегии идоракунии раванди таркористеҳсол мебошанд.

Тадқиқоти анҷомшуда нишон медиҳад, ки густариши раванди такрористеҳсол тақозо менамояд, ки ҷиҳати такмили он бояд чораҳои муассир андешида шуда, ба ҳалли масъалаҳои зерин равона карда шавад:

- дар сатҳи маҳалҳо, аз он ҷумла деҳот бояд таҷдиди инфрасохтор амалӣ карда шавад. Дар баробари ин бояд ҷиҳати коҳиши хавфи сармоягузорӣ ба раванди такрористеҳсол механизмҳои мукаммал коркард амалӣ карда шаванд.

- барои таъмини рушди интенсивии истеҳсолоти кишоварзӣ бояд ҳавасмандагардонии усулҳои инноватсионии тақвияти суръати такрористеҳсол истифода карда шаванд;

- бояд механизмҳои қарздиҳӣ ба субъектҳои хоҷагидорӣ, аз он ҷумла барои тақвияти равандҳои такрористеҳсол такмил дода шавад.

Ҳамин тавр, татбиқи ҳамаҷонибаи чараёни идоракунии такрористеҳсол дар корхонаҳои кишоварзии кишвар барои баланд бардоштани самаранокии рушди ин соҳа мусоидат хоҳад кард.

## §1.3. Таҷрибаи хориҷии идоракунии равандҳои такрористеҳсол дар корхонаҳои кишоварзӣ

Дар ҷаҳони муосир яке аз самтҳои асосии тавсеа ва рушди муносибатҳои иқтисодӣ, аз ҷумла такмили механизмҳои муайяни ташкилию иқтисодӣ ин такя ва хулосабарорӣ аз таҷрибаи ҷойдоштаи хориҷӣ ба ҳисоб меравад. Омӯзиши таҷрибаи хориҷӣ ва таҷзияи роҳҳо ва усулҳои самараноки истифодашуда имконият медиҳад, ки механизмҳои дар амал тасвибшуда интихоб ва истифода карда шаванд. Ҳамин тартиб барои Ҷумҳурии Тоҷикистон низ хос аст, зеро тайи солҳои истиқлолияти давлатӣ механизми қаблан вуҷуддоштаи ташаккул ва идоракунии раванди

такрористеҳсоли дар корхонаҳои кишоварзӣ аз байн рафта, механизми нав ҳанӯз ташаккуш наёфтааст.

Қобили қайд аст, ки на танҳо дар давлатҳои кишоварзӣ, балки дар аксар мамалакатҳои пешрафтаи саноатӣ низ ба масоили такрористеҳсол дар корхонаҳои кишоварзӣ таваҷҷуҳи хос зоҳир карда мешавад. Барои мисол, таҳлили сарчашмаҳои гуногуне, ки ба таҷрибаи хориҷи тааллуқ доштанд нишон медиҳад, ки дар корхонаҳои кишоварзии хориҷӣ такрористеҳсол дар шакли маҳдуд, оддӣ ва васеъ ба роҳ монда шудааст.

Барои мисол дар корхонаҳои кишоварзии Амрико такрористеҳсоли маҳдуд маҷмӯи корҳоеро дар бар мегирад, ки ба такмили ҷузъии равандҳои алоҳидаи истеҳсолоти кишоварзӣ, воситаҳои асосӣ ва таъмини кадриву инвеститсионӣ алоқа доранд.[24] Барои мисол, такрористеҳсоли маҳдуд дар такмили базаи моддию техникӣ ба анҷмо додани таъмири воистаҳои техникӣ ва нақлиёти кишоварзӣ, аз ҷумла таъсиси таъмиргоҳҳои хурдро дар назар дорад. Барои ин дар аксар кишварҳо ташкилотҳои хузматрасони хос мавҷуданд, ки ба таъмири босифати нақлиёти кишоварзӣ ва дигар мошинолотҳо машғуланд. Барои мисол дар Амрико, таъмири мошин ва таҷҳизоти чорводориро миёнаравони дахлдор ба сомон расонида, дар баробари ин ба истеҳсоли қисмҳои эҳтиётии онҳо низ машғуланд.

Дар чунин таъмиргоҳҳо ва корхонаҳои хизматрасон, ки дар такрористеҳсоли воситаҳои техникӣ нақши асосӣ доранд аз ду то даҳ нафар фаъолият карда, ҳамчун марказҳои расмии ширкатҳои бузурги истеҳсолкунандаи мошинолоти кишоварзӣ фаъолият мекунанд. Корхонаҳои кишоварзие, ки аз чунин миёнаравон техника ва мошинолоти кишоварзиро харидорӣ мекунанд, метавонанд дар давраи муайян аз таъмири кафолатии ин марказҳо истифода кунанд. Дар баробари ин

---

[24] Гладкова, Е. П. Воспроизводство основных фондов АПК: зарубежный опыт / Е. П. Гладкова // Управление экономическими системами: электронный научный журнал. – 2017. – № 12(106). – С. 5.

миқдори муайяни олот ва ҷузъҳои тезхӯрдашавандаро низ ба корхонаҳои кишоварзӣ пешниҳод менамоянд.

Азбаски, дар муқоиса бо Ҷумҳурии Тоҷикистон дар кишварҳои хориҷӣ корхонаҳои кишоварзӣ андозаи бузург доранд, онҳо кӯшиш менамоянд, ки парки техникии худро тез навсозӣ кунанд. Аз ин рӯ, корхонаҳои кишоварзие, ки аз техникаи кафолатдошта истифода мекунанд, хароҷоти таъмир ва такрористеҳсолиашон низ мутаносиба коҳиш меёбад. Дар амал ширкатҳое, ки корхонаҳои кишоварзиро бо техникаю мошинолоти кишоварзӣ таъмин мекунанд, таъмири ройгон ва хизматрасониҳои техникии муайянро ройгон анҷом медиҳанд.

Бо такя ба гуфтаҳои боло чунин хулосабарорӣ кардан мумкин аст, ки такрористеҳсоли воситаҳои техникии истеҳсолоти кишоварзӣ дар асоси ҳамкории корхонаҳои кишоварзӣ ва истеҳсолкунандагони онҳо ба роҳ монда шуда, аз мавҷудияти механизми мукаммали такрористеҳсоли воситаҳои техникӣ шаҳодат медиҳад. Бинобар ин, дар ин самт Ҷумҳурии Тоҷикистон низ бояд корҳои муайянро ба анҷом расонад. Механизми мавҷуда, ки дар асоси ҳамкориҳои КВД «Тоҷикагролизинг» ва корхонаҳои кишоварзии кишвар амалӣ карда мешавад, на он қадар самаранок буда, зарурати ҳамкорӣ бо истеҳсолкунандагони хориҷӣ, аз ҷумла Ҷумҳурии Ӯзбекистон ва Белорус ба миён омадааст.

Пешниҳод ва хизматрасониҳои техникии дар корхонаҳои кишоварзӣ аз ҷумлаи самтҳои азалиятноки идоракунии равнадҳои такрористеҳсол ба ҳисоб меравад. Зеро такрористеҳсоли замин аз мавҷудияти техника ва мошинолотҳои муосир вобаста буда, ҳам бевосита ва ҳам бавосита ба натиҷаҳи фаъолияти корхонаҳо таъсир мерасонад.

Дар Германия, Австрия, Швейцария[25] ва давлатҳои Скандинавия истеҳсолкунандагони техникаи кишоварзӣ ва миёнароване, ки ба таъмири

---

[25] Абакумов, Р. Г. Управление воспроизводством основного капитала как современная система управления на предприятии / Р. Г. Абакумов // Экономика и бизнес. Взгляд молодых: Сборник материалов Всероссийской научно-практической конференции студентов и аспирантов, Челябинск, 31 октября 2007 года. – Челябинск: Издательский центр ЮУрГУ, 2007. – С. 4-6.

онҳо машғуланд дар шакли иттиҳодияҳо фаъолият карда, дар заминаи шартномаҳо бо якчанд истеҳсолкунандагони воситаҳои техникии кишоварзӣ ба таъмири техникаҳои гуногун машғуланд. Миёнаравони мазкур ҳам таъмири ҷорӣ ва таъмирҳои мураккабро ба анҷом расонида, корхонаҳои кишоварзиро бо қисмҳои эҳтиётии зарурӣ таъмин мекунанд. Ҳамзамон марказҳои бузург коргоҳҳои таъмирии корхонаҳои кишоварзӣ ва кормандони онҳоро дастгирӣ намуда, курсҳои мунтазами такмили ихтисос ва бозомӯзӣ ташкил мекунанд.

Хусусияти фарқкунандаи идоракунии раванди такрористеҳсол дар корхонаҳои кишоварзии давлатҳои хориҷӣ дар он аст, ки тамоми низоми муносибатҳо, аз ҷумла таъмири техника ва мошинолотҳо, такрористеҳсоли захираҳои замин ва кадрҳои соҳаи кишоварзӣ ба низоми муайян даровvarда шуда, аз ҷониби мақомоти давлатӣ назаорат карда мешавад. Бо мақсади коҳиши хароҷоти таъмири техника, нигаҳдории замин ва бозомӯзии кадрҳо корхонаҳои кишоварзӣ аз усулҳои гуногуни идоракунии раванди такрористеҳсол истифода мекунанд.

Дар маҷмӯъ шаклҳои такрористеҳсолро дар корхонаҳои кишоварзии далватҳои хориҷӣ, дар мисоли такрористеҳсоли воситаҳои техникӣ чунин ҷамъбаст намудан мумкин аст (**Ҷадвали 1.3.1.).**

**Ҷадвали 1.3.1. Шаклҳои асосии такрористеҳсоли воситаҳои асосӣ дар давлатҳои хориҷӣ**

| Навъҳои такрористеҳсол | Шакли татбиқ | Давлат |
|---|---|---|
| Қисман (маҳдуд) | Нигоҳдорӣ ва таъмири техникаи кишоварзӣ дар марказҳо махсуси таъмир, ки ба шахсони воқеӣ ё ҳуқуқӣ тааллуқ доранд, анҷом дода мешавад. | ИМА, Швейтсария, Олмон, Австрия ва кишварҳои Скандинавия, Канада |
| Оддӣ | Таъмири техникаи кишоварзӣ, мошинҳо ва таҷҳизоти хоҷагиҳои чорводорӣ ва комплексҳо аз ҷониби шабакаи ширкатҳои дилерӣ ё нуктаҳои таъмир | Кишварҳои Иттиҳоди Аврупо |
| Васеъ | Қабули барномаҳо оид ба навсозии парки мошину тракторҳо ва таҷҳизоти хоҷагиҳои чорводорӣ. | Бразилия |

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф

Таҳлили таҷрибаи хориҷӣ нишон медиҳад, ки яке аз самтҳои идоракунии раванди такрористеҳсол ин таҳияи сиёсати дохиликорхонавӣ мебошад. Бинобар ин, харидории техника ва мошинолот, барқароркунии захираҳои замин ва интихоби кадрҳо дар асоси сиёсати мукаммал ва таъсирбахши идоракунии раванди такрористеҳсол ба ҳисоб меравад.

Хусусиятҳои хоси таҷдиди ҷузъии воситаҳои асосӣ дар ИМА, Швейтсария, Олмон, Австрия, кишварҳои Скандинавия ва Канада дар ҷадвали 1.3.2. оварда шудаанд.

Қобили қайд аст, ки дар кишварҳои хориҷӣ вобаста ба сарчашмаи маблағгузорӣ ва мазмуни он такрористеҳсоли воситаҳои асосӣ дар шакли маҳдуд, оддӣ ва васеъ амалӣ карда мешавад. Такрористеҳсоли маҳдуд танҳо таъмири ҷории воситаҳои асосии истеҳсолоти кишоварзиро дар назар дорад, ки аз ҷониби худи истеҳсолкунандагон амалӣ карда мешавад. Такрористеҳсоли оддӣ бошад, аллакай ташкили таъмири воситаҳои асосии истеҳсолоти кишоварзиро дар марказҳои махсус дар назар дорад.[26] Такрористеҳсоли васеъ бошад, таҳия ва татбиқи барномаҳои махсуси соҳавиро дар назар дорад, ки зимни он воситаҳои асосии истеҳсоли нав карда мешаванд.

Низоми барқарор намудани иқтидори моддию техникӣ дар бахши аграрии иқтисодиёт, чи тавре ки таҷрибаи ҷаҳонӣ шаҳодат медиҳад, шарти муайянкунандаи раванди такрористеҳсол дар соҳаи истеҳсолот мебошад. Аз ин рӯ, рафъи бӯҳрони дарозмуддат дар кишоварзӣ, зиёд кардани ҳаҷм ва баланд бардоштани самаранокии истеҳсоли захираҳои агроозуқаворӣ дар шароити муносибатҳои бозорӣ ба андозаи сармоягузорӣ ба сармояи асосии кишоварзӣ, мутобиқати талаботи муосир дар самти заминаи моддию техникӣ барои таъмини рақобатпазири истеҳсолот дар дохили кишвар ва дар бозорҳои байналмилалӣ вобаста мебошад. Қариб ҳамаи муҳаққиқони ин масъала аҳамияти ниҳоят калон доштани такристехсоли базаи моддию

[26] Овчаров, А. В. Инвестиционный аспект повышения эффективности управления воспроизводством основных фондов / А. В. Овчаров, Т. В. Бабкина // Вестник Тульского филиала Финуниверситета. – 2023. – № 1. – С. 101-104.

техникии корхонаҳои кишоварзиро аз нуқтаи назари рушди устувор ва васеъ намудани такрористехсоли он эътироф мекунанд.[27]

Ҳамин тариқ, хусусияти фарққунандаи ташкили нигоҳдорӣ ва таъмири техникаи кишоварзии кишварҳои хориҷӣ дар тамоми давраи кор ин наздикии пойгоҳҳои таъмирӣ ба ҷойҳои кории истеҳсолкунандагони кишоварзӣ мебошад. Барои мисол, масофаи дурдасти коргоҳҳои таъмирӣ дар ИМА ва Канада камтар аз 40 км ва дар Аврупои Ғарбӣ бошад - на камтар аз 25 км мебошад.[28]

Тадқиқот нишон медиҳад, ки хароҷоти истеҳсолкунандагони кишоварзӣ барои таъмири техникаи кишоварзӣ, мошинҳо ва таҷҳизоти хоҷагиҳои фермерӣ ва комплексҳо то 15% хароҷоти умумии истеҳсолотро ташкил медиҳад, ки ин аз меъёрҳои илмӣ дар ин кишварҳо 1,5 маротиба зиёд аст. Аз ин сабаб, онҳо барои коҳиш додани ин хароҷотҳо як қатор чораҳо меандешанд, ки кам кардани шумораи нигоҳдорӣ ва таъмир дар давраи фарсудашавии стандартӣ аз ҷумлаи онҳо ба ҳисоб меравад.

Пас аз таҳлили таҷрибаи кишварҳои хориҷӣ, ки дар истеҳсоли кишоварзӣ пешрафта ба ҳисоб меравaнд бо итминон метавон қайд намуд, ки системаҳо ва шаклҳои ташкили нигоҳдорӣ ва таъмири техникаи кишоварзӣ, мошинҳо ва таҷҳизоти хоҷагиҳои чорводорӣ ва комплексҳое, ки онҳо истифода мебаранд, мустақиман метавон дар комплекси агросанотии Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода намуд. Ин имконият медиҳад, ки ҳам ҷойҳои кории нав таъсис дода шавад ва ҳам раванди идоракунии такрористеҳсоли техника ва мошинолотҳои кишоварзӣ такмил дода шавад.

---

[27] Казакова, О. Б. Управление инвестированием воспроизводства основного капитала в современной экономике : специальность 08.00.05 "Экономика и управление народным хозяйством (по отраслям и сферам деятельности, в т.ч.: экономика, организация и управление предприятиями, отраслями, комплексами; управление инновациями; региональная экономика; логистика; экономика труда; экономика народонаселения и демография; экономика природопользования; экономика предпринимательства; маркетинг; менеджмент; ценообразование; экономическая безопасность; стандартизация и управление качеством продукции; землеустройство; рекреация и туризм)" : диссертация на соискание ученой степени доктора экономических наук / Казакова Оксана Борисовна. – Уфа, 2009. – 379 с.

[28] Абакумов, Р. Г. Концептуальные аспекты управления воспроизводством основного капитала в рамках зарубежного опыта / Р. Г. Абакумов // Вестник Белгородского университета потребительской кооперации. – 2010. – № 2(34). – С. 172-176.

**Ҷадвали 1.3.2. Шаклҳои асосии такрористеҳсоли воситаҳои асосӣ дар кишварҳои хориҷӣ**

| Навъҳои такрористеҳсол | Хусусиятҳои таҷдид |
|---|---|
| **ИМА** | **Усули 1.** |
| | Таъмири техникаи кишоварзӣ, мошинҳо ва техникаҳои хоҷагиҳои чорводорӣ ва комплексҳо аз ҷониби дилерҳо - соҳибони устохонаҳо анҷом дода мешавад. Хоҷагиҳои хурд ҳангоми хариди таҷҳизоти кишоварзӣ миқдори зарурии қисмҳои эҳтиётиро барои иваз кардани онҳо мегиранд. Истеҳсолкунандагони бузурги кишоварзӣ техникаи кишоварзиро иваз мекунанд, онҳоро танҳо дар давраи кафолат истифода мекунанд ва пасон онро ба дилери худ бармегардонанд. Техникаи кӯҳнаи кишоварзии истеҳсолкунандагони калон аз ҷониби дилерҳо харидашуда ба истеҳсолкунандагони хурди кишоварзӣ, ки баъзан қодир нестанд мошинҳои нави гаронарзиш харанд, бо нархи арзон пешниҳод мекунанд. |
| | **Усули 2.** |
| | Таъмири техникаи кишоварзӣ, мошинҳо ва таҷҳизоти хоҷагиҳои чорводорӣ ва комплексҳо аз ҷониби марказҳои махсус анҷом дода мешавад. Таъмири автомобилҳо аз ҷониби устохонаҳо сурат мегирад, ки аз корхонаҳои таъмир барои ҳамкорӣ қисмҳои эҳтиётӣ мегиранд. Ташкили таҳвили қисмҳои эҳтиётии зарурӣ ба анборҳои ташкилотҳои таъмирӣ аз ҷониби хадамоти диспетчерӣ анҷом дода мешавад. |
| **Швейтсария, Олмон, Австрия, кишварҳои Скандинавия** | **Усули 1.** |
| | Таъмири техникаи кишоварзӣ, мошин ва таҷҳизоти хоҷагиҳои чорводорӣ ва комплексҳо аз ҷониби устохонаҳои хурд, ки дар иттифоқҳо муттаҳид шудаанд анҷом дода мешаванд. Ин ширкатҳои ҳунармандӣ бо як ё якчанд корхонаҳои истеҳсолкунандаи техникаи кишоварзӣ оид ба фурӯш, таъмир ва хизматрасонии мошинҳои истеҳсоли шартнома мебанданд. |
| | **Усули 2.** |
| | Корхонаҳои мошинсозӣ марказҳои минтақавии хидматрасонии техникӣ таъсис медиҳанд. Марказҳои хизматрасонии техникии минтақавӣ таъмири мураккабтари техникаи кишоварзӣ, мошинҳо ва таҷҳизоти хоҷагиҳои чорводорӣ ва комплексҳоро анҷом медиҳанд. |

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф

Ҳамзамон қобили қайд аст, ки бо мақсади омӯхтани ташкили хизматрасонии техникӣ ва таъмири техникаи кишоварзӣ, мошинҳо ва таҷҳизот барои хоҷагиҳои чорводорӣ ва маҷмӯаҳои истеҳсоли худӣ, таъмин намудани истеъмолкунандагон бо қисмҳои эҳтиётӣ, ҳисоби дақиқи эҳтиёҷоти воқеии онҳо, инчунин мавҷудият ва истеъмоли тамоми ассортимент мавқеи марказӣ дорад. Дар баробари ин бо мақсади таъмин

намудани самаранокии баланди иншооти таъмир ҳангоми пешгирии вайроншавӣ ва корношоямии техникаи кишоварзӣ, пешгирии таъхирҳои тӯлонӣ, ки ба истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ зарари калон мерасонанд, имконияти ба ҳадди ақал расонидани масофаи байни пойгоҳи таъмирӣ ва ташкилотҳои кишоварзӣ бояд ба назар гирифта шавад.[29]

Ҷиҳати дигари қобили омӯзиш ва истифода ин ташкили хадамотҳои алоқа ва шабакаҳои хоси диспетчерӣ дар сатҳи миллӣ ва минтақавӣ бо мақсади ҳамоҳангсозии фаъолияти таъмирӣ ва такмили идораи раванди такрористеҳсоли техника ва дар маҷмӯъ воситаҳои асосии бахши кишоварзӣ ба ҳисоб меравад.

Татбиқи таҷрибаи хориҷӣ дар такрористеҳсоли воситаҳои асосӣ дар соҳаи кишоварзӣ дар соҳаи кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон имкон медиҳад, ки даромаднокии маҳсулоти кишоварзӣ баланд бардошта, рақобатпазирии он ҳам дар бозори дохилӣ ва ҳам берунаи озуқаворӣ афзоиш ёбад ва амнияти озуқаворecho кишвар таҳким дода шавад.

Масъалаи дигари корхонаҳои кишоварзӣ дар кишварҳои хориҷӣ ин аст, ки меҳнати кироя дар ин ҷо барои истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ гарон аст. Худи деҳқонони маҷбуранд дар дастгоҳҳои мавҷудаи кишоварзӣ кор кунанд. Ин ҳолат ҳавасмандии шахсиро нисбати дар муддати тӯлонӣ дар ҳолати хуб нигоҳ доштани таҷҳизот зиёд намуда, таъмири ҷузъӣ ва мустақилонаи онро ба миён меорад.

Як нуктаи дигаре, ки қобили таваҷҷуҳ аст ин монандии баъзе кишварҳои хориҷӣ бо Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Барои мисол дар

---

[29] Черепанова, М. В. Управление воспроизводством основных средств организаций агропромышленного комплекса : специальность 08.00.05 "Экономика и управление народным хозяйством (по отраслям и сферам деятельности, в т.ч.: экономика, организация и управление предприятиями, отраслями, комплексами; управление инновациями; региональная экономика; логистика; экономика труда; экономика народонаселения и демография; экономика природопользования; экономика предпринимательства; маркетинг; менеджмент; ценообразование; экономическая безопасность; стандартизация и управление качеством продукции; землеустройство; рекреация и туризм)" : диссертация на соискание ученой степени кандидата экономических наук / Черепанова Марина Владимировна. – Чебоксары, 2005. – 182 с.

мамлакатҳои хориҷӣ шумораи зиёди хоҷагиҳои хурди дорои майдонҳои маҳдуди кишт ва дар натиҷа сарбории ками техникаи кишоварзӣ тавсиф карда мешаванд, ки ҳатто ба 30% қобилияти онҳо баробар нест. Илова бар ин, ҳолати асосӣ, ки мавҷудияти техникаи кишоварзиро муайян мекунад, андозаи хоҷагӣ аст. Аз ҷумла, дар кишварҳои ИА, майдони миёнаи заминҳои кишоварзии як хоҷагии деҳқонӣ тақрибан 19 гектарро ташкил медиҳад. Ҳадди миёнаи хоҷагӣ дар Британияи Кабир 68 га, Фаронса - 42 га, Олмон - 36 га. Тавре ки мо мебинем, миқдори воқеии хоҷагиҳо метавонад дар фосилаҳои назаррас тағйир ёбад. Ҳамин тавр, дар кишварҳои ИА, ҳиссаи хоҷагиҳои дорои майдони то 5 га заминҳои кишоварзӣ 57,6%, аз 5 то 10 га - 12,3%, аз 10 то 20 га - 10,2% ва зиёда аз 100 га 3,5% Зиёда аз 100 гектар заминҳои хоҷагиҳои Англия 16,7%, Фаронса - 11,9%, Дания - 10,7% ҳастанд.[30]

Дар баъзе кишварҳои аз ҷиҳати иқтисодӣ рушдёфта сармоягузориҳои давлатии молиявӣ ба соҳаи кишоварзӣ аз арзиши бозории маҳсулоти онҳо 1,5-2 маротиба зиёданд. Дастгирии қарзӣ ва молиявии имтиёзноки давлатӣ қобилияти хоҷагиҳои фермериро кафолат медиҳад ва ба воридшавии сармоя ба соҳаи кишоварзӣ барои рушди дастовардҳои илмӣ ва техникӣ, замонавӣ кардани корхонаҳо, пешниҳоди барномаҳои кафолатноки давлатӣ барои хариди таҷҳизот мусоидат мекунад.

Тавре таҳлили таҷрибаи хориҷӣ нишон дод, вазифаи танзими давлатии кишварҳои хориҷӣ аз танзими механизми андозбандӣ бо мақсади ҳавасманд намудани суръатбахшии пешрафти илмӣ ва техникӣ дар соҳаи кишоварзӣ тавассути рушди васеи дастовардҳои илмӣ ва техникӣ дар истеҳсолоти кишоварзӣ ва баланд бардоштани самаранокӣ ва рақобатпазирии он иборат аст.

Системаи андозбандии истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ дар Олмон аз ҳама гаронвазн мебошад. Омезиши оптималии андозҳои

---

[30] Субаева, А. К. Зарубежный опыт воспроизводства техники в агропромышленном комплексе / А. К. Субаева // Бизнес. Образование. Право. – 2015. – № 1(30). – С. 138-143.

мустақим ва ғайримустақим ба шароити мусоиди иқтисодӣ барои истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ, афзоиши сармоягузории истеҳсолӣ мусоидат мекунад. Баръакси бисёр кишварҳои пешрафта соҳаи кишоварзии Олмон, андозҳои корпоративӣ амалан татбиқ намешаванд ва агар татбиқ карда шуда бошад, пас онҳо онҳоро ба андоз аз фоида табдил медиҳанд. Андоз аз сармоягузорӣ ё афзоиши сармояи асосӣ барои ҳавасмандӣ ба афзоиши сармояи асосӣ, заминаи моддию техникӣ тавассути хариди мошинҳои нав ва татбиқи технологияҳои нав пешбинӣ шудааст. Ин андоз дар соҳаи кишоварзии аксар кишварҳо ба яке аз намудҳои андоз аз амволи ғайриманқул алоқаманд аст. Андоз аз сармоягузорӣ ба танзими самарабахши бозори захираҳои моддию техникӣ мусоидат мекунад. Бо мақсади ҳавасмандгардонии сармоягузории хоҷагиҳои фермерӣ ба ҷорисозии навовариҳои техникӣ ва технологӣ, шароити махсуси андозбандии фермерон пешбинӣ карда шудааст: муқаррар кардани имтиёзҳои андозӣ барои рушди сармоягузорӣ, ҷуброни буҷети пардохтҳои андоз барои афзоиши сармоягузорӣ ба истеҳсолоти асосӣ ва батаъхирандозии пардохтҳои андоз аз афзоиши сармояи асосӣ то давраи ба охир расидани ҷараёни сармоягузорӣ.

Бо мақсади зуд азхуд намудани техника ва технологияҳои нав барои фермерон дар системаи андоз, як қатор имтиёзҳо дар робита бо зарурати сармоягузории назарраси иловагӣ пешбинӣ шудаанд. Дар як қатор кишварҳои ИА мувофиқи барномаҳои аграрӣ, дар назар аст, ки деҳқонон аз буҷаи миллӣ қисми пардохтҳои андозро барои афзоиши сармоягузорӣ ба фондҳои асосӣ ҷуброн кунанд. Масалан, сохтмони иншооти истеҳсолӣ дар кӯҳҳо, рушди манбаъҳои барқароршавандаи энергия (офтоб, шамол), рушди соҳаи иҷтимоӣ дар асоси рушди инноватсия ва ғайраҳо.31

Дар ИМА, Англия, Олмон, Фаронса ва як қатор кишварҳои дигар механизми таъини андозҳо аз ҳисоби афзоиши сармоягузорӣ барои рушди дастовардҳои илмӣ ва техникӣ дар истеҳсолоти кишоварзӣ васеътар

[31] Костюкова Е. И. Экономический механизм воспроизводства технической базы сельского хозяйства (теория, методология, практика): дис. … д-ра экон. наук. М., 2008. 318 с.

шудааст. Ҳамзамон, ба истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ, ки дар татбиқи барномаҳои давлатии рушди инноватсияҳо иштирок мекунанд, ҳуқуқи ба таъхир гузоштани пардохти андози афзоиши сармоягузорӣ то ба анҷом расидани равандҳои сармоягузорӣ дода мешавад, аз ин рӯ ҳаҷми андозҳо бо дарназардошти сатҳи таваррум кам карда шуда, миқдори андоз дар тӯли солҳо баробар тақсим карда мешавад.

Чунин тадбирҳои таъсири ғайримустақими иқтисодӣ ба истеҳсолкунандагони кишоварзӣ дар асоси шароити мушаххаси истеҳсолӣ имкон медиҳанд, ки ба андозаи манбаи андоз тағирот ворид кунанд, аз ҷумла бо истифода аз усулҳои мухталиф оид ба муайян кардани андозаи фарсудашавӣ ва интиқоли сармоягузориҳо ба рушди инноватсия ба хароҷоти ҷорӣ (дар арзиши истеҳсолот) ва баръакс тавассути сармоягардонии хароҷотҳои ҷорӣ, тақсимоти муваққатии хароҷот ва даромадҳо анҷом дода шавад.

Ба ибораи дигар, механизми хуб амалкунандаи имтиёзҳо ва ҳавасмандгардонии системаи андоз барои истеҳсолкунандагони кишоварзӣ ба рушди истеҳсолоти кишоварзӣ ва баланд бардоштани самаранокии он тавассути рушди дастовардҳои илмию техникӣ ва таҷрибаи пешрафта мусоидат менамояд. Ҷузъи асосии системаи андоз ин ҳавасмандкунӣ ба ҳисоб меравад (меъёри воқеии андоз нисбат ба андозаи муқарраршуда камтар аст). Зимнан андоз истеҳсолкунандагони кишоварзиро ҳавасманд менамояд, ки дар истеҳсолот техника ва технологияҳои кишоварзии навро истифода кунанд ва раванди такрористеҳсолро такмил диҳанд.

Дар кишварҳои хориҷӣ, ҳеҷ яке аз мақомот ҳуқуқи тағир додани шароити пешниҳоди имтиёзҳои андозро барои истеҳсолкунандагони кишоварзӣ надоранд. Тавре ки муҳаққиқ Э.И. Костюкова32 қайд менамояд навовариҳо дар амалияи маъмурикунонии андоз, ки дар замони Р. Рейган дар соли 1981 ҷорӣ карда шуда буд, қобили таваҷҷуҳ мебошад. Дар баробари ин, истеҳсолкунандагони бузурги кишоварзӣ, ки дорои

[32] Костюкова Е.И. Воспроизводство технических ресурсов сельского хозяйства: проблемы и решения. – М.: НИПКЦ Восход-А, 2008. – 276 с

истеҳсолоти сармояталаб ва доништалаб мебошанд, манфиатҳои махсус доштанд. Манфиатҳои асосии сиёсати нави андоз инҳо буданд:

- Меъёрҳои андоз аз фоида аз 70 то 50% барои гирандагони даромад ба маблағи зиёда аз 200 ҳазор доллар, барои андозсупорандагони хурд бо даромади 5 ҳазор доллар аз 14 то 11% кам карда шуд;

- хусусияти торафт афзояндаи андозбандӣ бо баланд шудани фоида коҳиш ёбад;

- меъёрҳои азхудкунии сармоя (рушди инноватсия) аз 28 то 20% паст гардид;

- ҳангоми истифодаи як қисми даромаде, ки барои сармоягузорӣ ба такрористеҳсоли сармояи асосӣ равон карда мешавад, ба таъхир гузоштани пардохти аз 6 то 10% андоз пешбинӣ шудааст.

Дар Англия бо мақсади азнавтаҷҳизонии техникӣ ва модернизатсияи бахши кишоварзӣ ба истеҳсолкунандагон ба андозаи 25 фоизи сармоягузорӣ барои хариди техника ва таҷҳизоти нав ва 4 фоизи маблағ барои барқароркунии захираҳои моддию техникӣ (сохтмони биноҳои кишоварзӣ, иншоот) тибқи барномаи рушди дастовардҳои илмӣ ва техникӣ андозбандӣ намешавад. Дар Италия, низоми имтиёзноки андозсупорӣ ба деҳқонон бевосита аз истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ татбиқ мешавад ва онҳо дар навбати худ аз пардохти андоз аз фоидаи хоҷагиҳо (дар мавриди интиқоли хоҷагии оилавӣ) ва аз андоз аз арзиши иловашуда озод карда мешаванд (агар истеҳсоли солона аз 10 миллион лир зиёд набошад).[33]

Яке аз хусусиятҳои хоси идоракунии низоми такрористеҳсол дар корхонаҳои кишоварзии хориҷӣ ин истифодаи нигариши инноватсионӣ дар ташаккул ва идоракунии он мебошад. Дар асоси омӯзиши таҷрибаи хориҷӣ шакли зерини ташаккул ва идоракунии раванди такрористеҳсолро таҳия карда мумкин аст (Расми 1.3.1.).

---

[33] Ерохин, А. Н. Законы устойчивости воспроизводства и их использование в управлении развитием АПК / А. Н. Ерохин; А. Н. Ерохин ; под общ. ред. И. Б. Загайтова ; М-во сельского хоз-ва Российской Федерации, Федеральное гос. образовательное учреждение высш. проф. образования "Воронежский гос. аграрный ун-т им. К. Д. Глинки". – Воронеж: Воронежский гос. аграрный ун-т им. К. Д. Глинки, 2006. – 129 с. – ISBN 5-7267-0413-4.




**Расми 1.3.1. Марҳилаҳои идоракунии лоиҳаи такрористеҳсол дар корхонаҳои кишоварзии давлатҳои хориҷӣ**

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф

Таҳлили расм нишон медиҳад, ки дар корхонаҳои кишоварзии хориҷӣ раванди такрористеҳсол дар асоси таҳияи лоиҳаи алоҳида татбиқ карда

шуда, зимнан истифодаи васеи равиши лоиҳавиро дар назар дорад. Яъне, баъд аз муайян кардани сарчашмаҳои маблағгузорӣ талабот ба такрористеҳсол муайян карда шуда, дар ин замина стратегияи махсус таҳия ва татбиқ карда мешавад. Дар натиҷа идоракунии раванди такрористеҳсол бо риояи принсипи инноватсионӣ ба роҳ монда шуда, дар ин замина ба устувории он таваҷҷӯҳи хос зоҳир карда мешавад.

Ташаккули низоми идоракунӣ дар кишварҳои хориҷӣ бо назардошти хусусиятҳои хоси истеҳсолоти кишоварзӣ таҳия ва татбиқ карда шуда, дар ин самт хусусиятҳои зерини истеҳсолоти агросаноатӣ ба инобат гирифта мешаванд:

- иртиботи мустақими истеҳсолоти агросаноатӣ бо равандҳои такрористеҳсоли табиӣ ва қонуниятҳои он;

- ба раванди такрористеҳсол дар корхонаҳои кишоварзӣ ва бахши аграрӣ омилҳои зерин ба монанди шароити хоку иқлим ва дигар омилҳои табиӣ таъси мерасонанд;

- шарти асосии тавсеаи раванди такрористеҳсол ин баланд бардоштани ҳосилнокии замин ба ҳисоб меравад, зеро замин дар шакли моддии он такрористехсол карда намешавад;

- мавсимӣ будани истеҳсолоти кишоварзӣ боиси номувофиқоии давраи истеҳсолот мегардад;

- раванди такрористеҳсол дар корхонаҳои кишоварзӣ ба равандҳои табиии обу иқлим ва муҳлати кишту парвариш вобастагӣ дорад;

Аз ин рӯ, системаи андозсупории истеҳсолкунандагони кишоварзӣ дар кишварҳои пешрафтаи иқтисодӣ маҷмӯи механизмҳои шаффофи ҳавасмандкунии такрористеҳсоли васеъи захираҳои моддию техникӣ дар асоси дастовардҳои илмӣ ва техникӣ мебошад. Системаи милии андозбандии истеҳсолкунандагони кишоварзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон такрористеҳсоли захираҳои моддию техникӣ ва рушди инноватсияро дар бахши кишоварзӣ ҳавасманд намекунад.

Мо мавқеи олимонро дастгирӣ мекунем, ки эътироф мекунанд, ки назорати давлатӣ ба ташаккул ва инкишофи институтҳои моликияти замин ва истифодаи замин зарур аст.[34] Мақсади чунин дахолат ба фаъолияти механизмҳои бозорӣ аз ҷониби давлат аз инҳо иборатанд: таъмини сатҳи кофии истифодаи заминҳои кишоварзӣ; таъмини риояи талаботи экологӣ; татбиқи аз ҷиҳати иҷтимоӣ одилона тақсим кардани замин ва даромади иҷора. Дар ин замина унсурҳои муҳимтарини механизми хоҷагидорӣ танзими нарх, андоз ва қарз мебошанд. Нарх ҳамчун унсури бозорӣ воситаи ченкунандаи асосии арзиши захираҳои замин баромад мекунад. Таҷрибаи ҷаҳонӣ исбот мекунад, ки давлатҳо ҳангоми танзими муносибатҳои замин барои таъмини истифодаи оқилонаи заминҳои кишоварзӣ аз воситаҳои зиёд истифода мебаранд. Дар байни равишҳои асосӣ инҳоро ҷудо кардан мумкин аст: маҷбуран мусодира кардани замин барои эҳтиёҷоти давлат, инчунин ҳодисаҳои азхудкунии заминҳои бекорхобида ё истифоданашудаи кишоварзӣ ҷой доранд.

Дар ИМА сиёсати маҳдуд кардани истифодаи замин ва ҳавасманд гардондани он фаъолона татбиқ карда мешавад. Тибқи ин барнома заминҳои кишоварзӣ одатан барои чанд сол аз муомилот баровараа мешаванд. Яъне деҳқон замини худро муддати дароз намекорад, балки онро давра ба давра шудгор мекунад, замин хосиятҳои худро нигоҳ дошта, моддаҳои ғизоро ҷамъ мекунад, таркиби гумусро зиёд мекунад, вале дар айни замон маҳсулот руёнида намешавад. Дараҷаи ҳосилнокии зироатҳои асосии кишоварзии ИМА ба назар гирифта, фақат як қисми замини корамро истифода бурдан кифоя аст. Давлат деҳқононро водор мекунад, ки заминро давра ба давра коркард кунанд ва онро назорат кунанд. Дар ин ҷо таъмини истифодаи самараноки захираҳои замин бояд пеш аз ҳама ба механизми

[34] Самаркин, Ф. К. Проблемные аспекты методики управления процессом воспроизводства материальных ресурсов в организации / Ф. К. Самаркин // Актуальные вопросы развития современного обществ: сборник научных статей VI Международной научно-практической конференции, Курск, 22 апреля 2016 года. – Курск: Закрытое акционерное общество "Университетская книга", 2016. – С. 263-265.

мувофиқи самарабахши ташкилию иқтисодии такрористеҳсоли ҳосилхезии замин асос ёбад. Чи тавре ки таҷрибаи ҷаҳонӣ собит мекунад, ба танзими муносибатҳои иқтисодии истифодаи захираҳои замин ва такрористеҳсолкунии ҳосилхезии онҳо механизми бозор мақсаднок таъсир мерасонад.

Аммо дар амалияи ҷаҳонӣ бозори мутлақи озоди заминҳои кишоварзӣ, инчунин бозори вобаста ба маводи озуқа ва ашёи хоми кишоварзӣ вуҷуд надорад. Дар аксарияти мамлакатҳое, ки деҳоти тараққикарда доранд дар иқтисодиёт муносибатҳои моликият ба замин ва сарватҳои табиӣ бо фаъолияти институтҳои бозорӣ ташаккул меёбанд. Аммо азнавтақсимкунии захираҳои замин бо номгӯи зиёди маҳдудиятҳое алоқаманд аст, ки назорати қатъӣ ва танзими на танҳо бозори замин, балки муносибатҳои истифодаи онро барои пешгирии таназзул, ифлосшавии муҳити зист ва ғайра талаб мекунанд.

Бояд қайд кард, ки дар кишварҳои хориҷие, ки кишоварзии пешрафта доранд, механизмҳое фаъолият мекунанд, ки такрористеҳсоли васеи захираҳои моддию техникиро дар хоҷагиҳо ҳавасманд мекунанд ва чунин намудҳои такрористеҳсоли маҳдуд ва оддӣ нестанд. Бо ҷамъбасти сиёсати протексионистии аграрӣ, бо итминон гуфта метавонем, ки рушди заминаи моддию техникии хоҷагиҳои фермерӣ дар кишварҳои хориҷӣ қисман ва дар сатҳи зарурӣ сурат мегирад.[35]

Дар шароити Ҷумҳурии Точикистон ҷуброн кардани арзиши таҷҳизот вазъро ислоҳ карда, дар ин замина рақобатпазирии корхонаҳои кишоварзиро баланд мебардорад. Ба андешаи мо тараққиёти бозори такрорӣ самти афзалиятдори такрористеҳсоли воситаҳои техникии корхонаҳои кишоварзӣ ба ҳисоб меравад. Таҳлили дар мисоли корхонаҳои кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон анҷомдодаи мо нишон медиҳад, ки корхонаҳои кишоварзӣ аксаран техникаи кишоварзии истифодашударо

[35] Субаева, А. К. Зарубежный опыт воспроизводства техники в агропромышленном комплексе / А. К. Субаева // Бизнес. Образование. Право. – 2015. – № 1(30). – С. 138-143.

харидорӣ карда. Масалан дар ИМА ва Германия системаи дар бозорҳои дуюмдарача фурухтани техникаи истифодашуда васеъ паҳн шудааст, ки дар он ҷо воситаҳои техникии истифодашуда назар ба воситаҳои нав ба ҳисоби миёна се баробар зиёд фурухта мешаванд. Дар баробари ин, барои мисол муҳлати хизмати тракторҳои истифодашуа 4-5 сол ва комбайнҳои ғалладарав 3-4 сол мебошад. Чунин таҷҳизот тавассути системаи дилерӣ пас аз таъмир ва хизматрасонии баландсифат фурӯхта мешавад, ки арзиши он ба 30% нархи ибтидоӣ мерасад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бошад фуруши таҷҳизоти истифодашуда ба қадри кифоя инкишоф наёфтааст ва ҳатто дар омӯзиши усулҳои идоракунии такрористеҳсол ба ин масъала кам диққат дода мешавад. Бояд гуфт, ки ин барои корхонаҳои аз ҷиҳати молиявӣ заиф ва ё корхонаҳои хурди кишоварзӣ яке аз вариантҳои афзалиятдори такрористеҳсоли воситаҳои техникӣ мебошад. Самтҳои зикршудаи раванди такрористеҳсол омилҳоеро талаб мекунанд, ки имкониятҳои татбикқи онҳоро бо роҳи ошкор намудани камбудиҳо ва хусусиятҳои бартарии ҳар як варианти ташаккул ва истифодаи оқилонаи фондҳои асосии истеҳсолот дар кишоварзӣ муайян мекунанд.

Таҳлили таҷрибаи механизми ҳавасмандгардонии афзоиши истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ дар такрористеҳсоли захираҳои моддию техникӣ ва рушди инноватсияҳо дар соҳаи кишоварзии давлатҳои хориҷӣ мунтазам гузаронида мешавад, ки бо дастгирии молиявии ҳукуматҳои кишварҳои гуногун амалӣ карда шуда, тавассути қонунҳои кишоварзӣ ва барномаҳои махсус амалӣ карда мешавад. Ташкил ва фаъолияти самарабахши механизмҳои таблиғоти инноватсионӣ ва пешрафти илмию техникӣ марҳилаҳои зеринро дар бар мегирад: ташаккули ғояҳои илмӣ, табдил додани ғояҳои илмӣ ба мошинҳо ва технологияҳо ва интиқоли онҳо ба истифодабарандагон.

Дар корхонаҳои кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон тарҳи истеҳлок дар таъмини сармоягузории иқтисодиёт нақши муҳим мебозад ва манбаи

асосии маблағгузории такрористеҳсоли фондҳои асосӣ ба ҳисоб меравад. Муҳим он аст, ки аз сабаби камшавии истеҳлок иқтисодиёти кишварҳои пешрафтаи ҷаҳон зиёда аз 70 фоизи маблағгузории умумиро таъмин менамояд, ки ин маблағгузориҳо дар асоси муомилоти мунтазами сармояи асосиро таъмин мекунанд.

Масалан, дар қонунгузории ИМА тарҳҳои истеҳлокӣ истифода карда мешавад, ки тибқи Санади ислоҳоти андоз, ба ширкатҳо иҷозат дода мешавад, ки як навъи муайяни сиёсати истеҳлоки суръатфизоро истифода баранд, ки як қисми системаи ба ном системаи тағирёфтаи суръатбахшии барқарорсозии хароҷот (MACRS) ном дорад.[36] Чунин талаботи қонунгузорӣ ба дастгирии навсозии фондҳои асосии корхонаҳое, ки дар системаи иқтисодии Амрико фаъолият мекунанд, нигаронида шудаанд, ки ба андешаи мо, барои истифода дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ мувофиқ мебошад.

Таҳқиқот нишон дод, ки дар мамлакатҳои мутараққӣ истеҳсолоти кишоварзӣ дар сатҳи давлатӣ танзим карда мешавад ва ба корхонаҳои кишоварзӣ ёрии калони буҷетӣ расонида шуда, татбиқи раванди такрористеҳсол дар бахши аграрӣ ҳавасманд карда мешавад. Таҷрибаи хориҷӣ нишон медиҳад, ки дар бахши аграрии давлатҳои хориҷӣ ба масъалаҳои сармоягузории такрористеҳсол аҳамияти махсус дода мешавад. Дар ин самт бояд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ чораҳои ҳавасмандгардонии раванди такрористеҳсол таҳия ва татбиқ карда шуда, сиёсати давлатии маблағгузории соҳа низ бояд такмил дода шавад.

Имрӯзҳо дар корхонаҳои кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон зарурати дарёфт кардан ва роҳҳои самараноки ташаккул додани манбаъҳои гуногуни такрористеҳсоли қисми фаъоли воситаҳои асосии истеҳсолот зарурати ногузир аст. Рушди чунин вазъият аз он иборат аст, ки манбаъҳои классикии такрористеҳсоли фондҳои асосӣ, ки асосан дар шакли истеҳлок ва фоидаи

---
[36] Ван Хорн Дж.К. Основы финансового менеджмента: пер. с англ. / Дж.К. Ван хорн, Дж.М. Вахович (мл.). – 11-е изд. – М. : Вильямс, 2007. – 992 с.

тақсимнашуда пешниҳод мешаванд, наметавонанд татбиқи равандҳои барқарорсозӣ дар ҳаҷми зарурӣ ва пурра таъмин намоянд. Ба андешаи мо дар шароити ҷойдошта унсурҳои иловагии андозбандии имтиёзнокро таҳия ва пешниҳод намудан лозим аст, ки барои ҳавасмандгардонии сармоягузорӣ ва навсозии базаи моддию техникии корхонаҳои кишоварзӣ заминаи мусоид фароҳам меорад. Ин ба ташаккули сохтори манбаъҳои такрористеҳсоли фондҳои асосӣ дарояндаи наздик мусоидат мекунад.

Ҳамин тавр, барои мутобиқсозии истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон намудҳои гуногуни навовариҳо, ки ба суръатбахшии пешрафти илмию техникӣ дар комплекси агросаноатии кишвар нигаронида шудаанд, омӯзиши ҳамаҷонибаи таҷрибаи хориҷӣ дар такрористеҳсоли воситаҳои асосӣ зарур аст. Аммо дар ин маврид, бешубҳа, сиёсати давлат дар соҳаи кишоварзӣ ва сармоягузории васеъ ба бахши кишоварзии иқтисодиёт бо дастгирии давлатии истеҳсолкунандагони кишоварзӣ нақши ҳалкунанда дорад, ки таҷрибаи хориҷӣ аз он шаҳодат медиҳад.

# БОБИ 2. ТАҲЛИЛИ ҲОЛАТИ МУОСИР ВА АРЗЁБИИ НИЗОМИ ИДОРАКУНИИ ТАКРОРИСТЕҲСОЛ ДАР КОРХОНАҲОИ КИШОВАРЗӢ

## §2.1. Ҳолати муосир ва динамикаи истеҳсолоти кишоварзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

Дар низоми таъминоти амнияти озуқаворӣ ва таъмини соҳаҳои саноат бо ашёи хом бахши кишоварзии иқтисодиёт нақши калидӣ дорад. Бахши кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон баъди ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ ба ислоҳоти куллӣ фаро гирифта шуда, тавассути хусусиягардонӣ ва истифодаи шаклҳои нави хоҷагидорӣ сохтори он тағйир дода шуд. Айни замон дар бахши кишоварзӣ шумораи зиёди субъектҳои хоҷагидории шаклҳои гуногуни моликият фаъолият карда, ба истеҳсолоти маҳсулоти кишоварзӣ машғул мебошанд. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки новобаста аз зиёд шудани шумораи умумии субъектҳои хоҷагидор самаранокии истеҳсолоти кишоварзӣ ҳанӯз ҳам дар сатҳи қаноатбахш қарор надошта, ба он омилҳои гуногун таъсири манфӣ мерасонанд.

Таҳлил нишон медиҳад, ки дар давоми ду даҳсолаи охир соҳаи кишоварзӣ яке аз муҳаррикҳои асосии пешбарандаи иқтисоди Тоҷикистон буд. Сарфи назар аз маҳдуд будани захираҳои табиӣ рушди соҳаи кишоварзӣ дар давоми солҳои 2010-2019 ба ҳисоби миёна 6,4 фоиз ва дар солҳои 2020 ва 2021 мутаносибан 8,8 ва 6,6 фоизро ташкил дод.[37] Рушди соҳаи кишоварзӣ асосан аз ҳисоби пеш бурдани ислоҳоти замин, тезонидани диверсификатсияи истеҳсолот ва то андозае баланд шудани ҳосилнокии маҳсулоти растанипарварӣ ва чорводорӣ ба даст омад.

Дар баробари ин барномаи ислоҳоти кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2012-2022, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 августи соли 2012, №383 тасдиқ шудааст, барои рушди

[37] Барномаи рушди низоми аргоозуқаворӣ ва кишоварзии устувор барои давраи то соли 2030, Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 01.03.2023, №54

истеҳсолот дар соҳа замина гузошт. Тибқи омори расмӣ дар соли 2020 шуғли аҳолӣ дар соҳаи кишоварзӣ 61 фоиз ва арзиши иловагӣ 21 фоизро ташкил намуд. Афзоиши шуғли аҳолӣ дар соҳа натиҷаи бевоситаи ташаккули хоҷагиҳои деҳқонии инфиродӣ дар доираи ислоҳоти замин мебошад. Теъдоди хоҷагиҳои деҳқонӣ дар солҳои 2010 - 2021 аз 51 ҳазор то ба 172 ҳазор расид.

Дар ин замина бояд таъкид сохт, ки яке аз чунин омилҳо ин набудан ва ё дар сатҳи ғайриқаноатбахш қарор доштани раванди такрористеҳсол дар субъектҳои хоҷагидории бахши кишоварзӣ мебошад. Бо сабаби хурдсозии корхонаҳои бузурги кишоварзӣ, ки то замони истиқлол дар бахши аграрӣ фаъолият мекарданд, имконияти молиявии онҳо кам гашта, раванди такрористеҳсол мушкил гардид. Дар баробари ин коҳиш ёфтани ҳаҷми маблағгузориҳои буҷетӣ низ ба пастшавии самаранокии соҳа оварда расонида, дар шароити муосир аксари субъектҳои кишоварзӣ имкони анҷом додани такрористеҳсолӣ оддиро ҳам надоранд. Аз ин рӯ, такмили низоми идоракунии такрористеҳсол дар корхонаҳои кишоварзии амалкунанда зарурати таҳлили ҳолати муосири истеҳсолоти кишоварзӣ ва арзёбии омилҳои таъсисррасонро тақозо менамояд.

Бояд таъкид сохт, ки новобаста аз мубрам шудани масоили рушди саноати миллӣ ва густариши равандҳои саноатикунонии босуръат бахши кишоварзӣ ҳанӯз ҳам ба сифати бахши марказии иқтисодиёти миллӣ боқӣ монда, яке аз соҳаи муҳимтарини истеҳсолоти неъматҳои моддӣ ба ҳисоб меравад.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки зимни анҷом додани ислоҳоти кишоварзӣ ва андешидани тадбирҳо ҷиҳати гузаштан ба иқтисодиёти бозорӣ сохтори соҳа тағйир ёфта, дар заминаи ислоҳоти шакли моликият колхозу совхозҳо аз байн рафта, шаклҳои нави хоҷагидорӣ, аз он ҷумла хоҷагиҳои деҳқонии коллективӣ, корхонаҳои иҷоравӣ, хоҷагиҳои деҳқонӣ ва ғайра ба вуҷуд омаданд.

Мувофиқи омори расмӣ айни замон дар бахши кишоварзӣ 171899 хоҷагиҳои калон, миёна ва хурд, аз онҳо 161 хоҷагиҳои давлатӣ, 59 ассотсиатсияҳои хоҷагиҳои деҳқонӣ, 3731 хоҷагиҳои деҳқонии коллективӣ, 348 ҷамъияти саҳомӣ ва ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуд, 591 хоҷагиҳои ёрирасон дар назди корхонаю ташкилотҳои кишоварзӣ ва 167009 хоҷагиҳои деҳқонӣ фаъолият доранд.[38]

Айни замон таносуби ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ва хоҷагии ҷангал дар ҳамаи категорияҳои хоҷагӣ дар маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ 24,1% ташкил дода, нисбат ба соли 2020 дар умум 1,4% афзоиш ёфтааст. Бояд таъкид сохт, ки тайи панҷ соли охир суръати рушди солонаи истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ба ҳисоби миёна дар сатҳи 7 фоиз нигоҳ дошта шуда, 1,4 баробар афзоиш ёфтааст.

Ба раванди такрористеҳсол дар бахши аграрӣ дар умум ва корхонаҳои кишоварзӣ дар алоҳидагӣ омилҳои гуногун таъсир мерасонанд, ки яке аз онҳо ин мавҷудияти шароити мусоиди ташкилию иқтисодӣ мебошад. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар бахши аграрии иқтисодиёти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои тақвияти раванди такрористеҳсол шароити мусоид ва захираҳои зарурӣ мавҷуд набуда, дар ин замина бояд низоми муосири идоракунии раванди такрористеҳсол дар сатҳи миллӣ, минтақавӣ, соҳавӣ ва корхонавӣ таҳия ва татбиқ карда шавад.

Омилҳо ба раванди такрористеҳсоли кишоварзӣ таъсиррасонро метавон ба омилҳои дохилӣ ва берунӣ ҷудо кард. Ба омилҳои берунӣ, ба тавсеаи раванди такрористеҳсол таъсир мерасонанд низоми таъминоти моддию техникӣ, омодакунии кадрҳо ва фаъолияти муассисаҳои илмию таҳқиқотӣ, мақомоти марказӣ ва маҳалии идоракунии давлатӣ ва ғайраҳо дохил мешаванд. Омилҳои муҳити дохилиро бошад сохтори истеҳсолии корхонаҳои кишоварзӣ, ташкили истеҳсолот, таъминоти захиравӣ ва сохтори ташкилию идоракунии корхонаҳои кишоварзӣ ташкил медиҳанд.

---

[38] Сарчашма: Кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон (маҷмӯаи оморӣ). Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2022. -С. 16.

Вобаста ба ин дар самти тавсеаи раванди такрористеҳсол дар корхонаҳои кишоварзӣ бояд имконияти молиявии корхонаҳои кишоварзӣ такмил дода шуда, низоми идоракунии молиявӣ, аз он ҷумла идоракунии натиҷаҳои молиявӣ, ҳиссаҷудокуниҳои истеҳлокӣ, дастгирӣ аз ҳисоби буҷет ва фондҳои мақсадноки давлатӣ, қарзҳо, сармоягузориҳо ва иҷораи молиявӣ бояд ба талаботи замон ҷавобгӯй буда, бо кадрҳои баландихтисос таъмин бошад. Вале, чи тавре ки таҷрибаи Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон медиҳад, механизми иқтисодии ташкил ва идоракунии раванди такрористеҳсол дар корхонаҳои кишоварзӣ ва умуман дар бахши аграрии иқтисодиёти миллӣ ҳанӯз ҳам мавҷуд нест.

Бо мақсади таҳияи коркардҳо ҷиҳати ташаккули низоми идоракунии раванди такрористеҳсол дар бахши аграрӣ ва корхонаҳои кишоварзӣ сараввал вазъи муосири соҳа ва динамикаи нишондиҳандаҳои асосии тавсифдиҳандаҳои бахши кишоварзиро таҳлил менамоем. Маълумот оид ба ҳаҷми умумии маҳсулоти кишоварзӣ дар ҷадвали 2.1.1. оварда шудааст.

Таҳлили ҷадвал нишон медиҳад, ки маҳсулоти умумии кишоварзӣ дар ҳамаи категорияҳои хоҷагӣ дар соли 2022 нисбат ба соли 1991 афзоиш ёфта, ҳам маҳсулоти растанипарварӣ ва ҳам чорводорӣ ба маротиб афзоиш ёфтаанд. Дар баробари ин бояд қайд намуд, ки дар бахши ҷамъиятӣ, хоҷагиҳои аҳолӣ ва хоҷагиҳои деҳқонӣ низ истеҳсолоти кишоварзӣ тамоюли мусбӣ дошта, дар таъмини амнияти озуқаворӣ ва дастрасии аҳоли ба маҳсулоти хушсифати озуқаворӣ нақи калон мебозанд.

Ҳаҷми маҳсулоти умумии кишоварзӣ дар соли 2022- ум 49272,5 млн. сомониро (бо нархҳои муқоисавии соли 2022) ташкил намуд: аз ҷумла дар соҳаи растанипарварӣ 33902,1 млн. сомонӣ ва чорвопарварӣ 15370,4 млн. сомонӣ. Аз ҳаҷми маҳсулоти умумии кишоварзӣ, ки дар соли 2022 истеҳсол шудааст, ҳиссаи хоҷагиҳои ҷамъиятӣ 10,7 фоиз, деҳқонӣ 48,5 фоиз ва хоҷагиҳои аҳолӣ 40,8 фоизро ташкил кард.

Дар давоми давраи таҳлилшаванда ҳаҷми умумии маҳсулоти кишоварзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон афзоиш ёфта, дар ҳамаи

категорияҳои хоҷагӣ дар соли 2022 нисбат ба соли 1991 дар умум 2,5 баробар, дар бахши ҷамъиятӣ 2,8 баробар, дар хоҷагиҳои хонавода 36,1 % ва дар хоҷагиҳои деҳқонӣ дар соли 2022 нисбат ба соли 2017 дар умуми 54,9 % афзоиш ёфтааст, ки дар маҷмӯъ аз динамикаи мусбии нишондиҳандаҳо шаҳодат медиҳад.

**Ҷадвали 2.1.1. Истеҳсоли маҳсулоти умумии кишоварзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (бо нархҳои муқоисашавандаи соли 2022)** ***(млн. сомонӣ)***

| Нишондиҳандаҳо | Солҳо | | | | | | | 2022/1991 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 1991 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | |
| ***Дар ҳама категорияи хоҷагиҳо*** | | | | | | | | |
| Ҳамагӣ | 18974,5 | 35251,2 | 36668,9 | 39276,0 | 42765,6 | 45633,1 | 49272,5 | 2,5 б. |
| **аз он ҷумла:** | | | | | | | | |
| Растанипарварӣ | 12669,8 | 24643,5 | 25493,6 | 27469,4 | 29719,6 | 31487,5 | 33902,1 | 2,6 б. |
| Чорвордорӣ | 6304,7 | 10607,7 | 11175,3 | 11806,6 | 13046,0 | 14145,6 | 15370,4 | 2,4 б. |
| ***Бахши ҷамъиятӣ*** | | | | | | | | |
| Ҳамагӣ | 2096,5 | 1820,4 | 2057,8 | 2911,5 | 3861,1 | 5001,3 | 6063,4 | 2,8 б. |
| **аз он ҷумла:** | | | | | | | | |
| Растанипарварӣ | 1634,4 | 1546,8 | 1677,0 | 2069,6 | 2339,9 | 2960,2 | 3613,2 | 2,2 б. |
| Чорвордорӣ | 462,1 | 273,6 | 380,8 | 841,9 | 1521,2 | 2041,1 | 2450,2 | 5,3 б. |
| | | | | | | | | |
| ***Хоҷагии аҳолӣ*** | | | | | | | | |
| Ҳамагӣ | 16877,9 | 19780,6 | 20410,5 | 20405,1 | 21618,5 | 22300,3 | 22969,4 | 136,1% |
| **аз он ҷумла:** | | | | | | | | |
| Растанипарварӣ | 11035,4 | 9802,5 | 10015,8 | 9925,7 | 10506,5 | 10707,1 | 10838,6 | - 1,7% |
| Чорвордорӣ | 5842,5 | 9978,1 | 10394,7 | 10479,4 | 11112,0 | 11593,2 | 12130,8 | 2,0 б |
| ***Хоҷагиҳои деҳқонӣ*** | | | | | | | | ***2022/2017*** |
| Ҳамагӣ | - | 13650,2 | 14200,5 | 15959,4 | 17286,0 | 18331,5 | 20239,6 | 152,1 |
| **аз он ҷумла:** | | | | | | | | |
| Растанипарварӣ | - | 13294,1 | 13800,8 | 15474,1 | 16873,2 | 17820,3 | 19450,1 | 146,3% |
| Чорвордорӣ | - | 356,1 | 399,7 | 485,3 | 412,8 | 511,2 | 789,5 | 2,2 б. |

*Сарчашма: Кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон (маҷмуаи оморӣ). Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2023. -С. 16.*

Мувофиқи маълумоти Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2022-ум дар ҳамаи категориҳои хоҷагидорӣ 1586,3 ҳазор тонна ғалладонагӣ, 388,8 ҳазор тонна пахта, 1041,3 ҳазор тонна картошка, 2597,6 ҳазор тонна сабзавот, 818,8 ҳазор тонна полизӣ, 444,4 ҳазор тонна мевагиҳо, 267,5 ҳазор тонна ангур, 327,7 ҳазор тонна гӯшти чорво ва паранда (бо вазни зинда), 1042,6 ҳазор тонна шир, 1053,5 млн дона тухм, 8152,0 тонна пашм, 451,0 тонна пилла, 4390,0 тонна асал истеҳсол шудааст.

Бо назардошти афзоиши истеҳсолоти кишоварзӣ динамикаи онро мусбӣ арзёбӣ намуда, онро метавон ба таври аёнӣ чунин пешниҳод сохт

(расми 2.1.1.). Чи гунае ки аз расм бар меояд дар давраи таҳлилшаванда шохиси истеҳсолоти кишоварзӣ тамоюли мусбӣ дошта, новобаста аз базаи моддию техникии бахши кишоварзӣ ва ҳолати нигаронкунандаи такрористеҳсоли воситаҳои асосӣ ва захираҳои кадрӣ фаъолияти мунтазами истеҳсолоти кишоварзӣ таъмин карда мешавад.




**Расми 2.1.1. Динамикаи истеҳсолоти кишоварзӣ дар солҳои 1991-2021.**

*Сарчашма: Кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон (маҷмуаи оморӣ). Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2023. -С. 16.*

Афзоиши истеҳсолоти маҳсулоти кишоварзӣ дар заминаи татбиқи ҳадафҳои рушди миллӣ, аз он ҷумла таъмини амнияти озуқаворӣ ва дастрасии аҳолӣ ба ғизои хушсифат ва татбиқи истеҳсолоти воридотивазкунанда ба афзоиши истеҳсоли маҳсулоти асосии кишоварзӣ ба ҳар сари аҳолӣ оварда расонид. Таҳлил нишон дод, ки солҳои охир бозори истеъмолии дохилӣ ба намудҳои асосии маҳсулоти кишоварзӣ таъмин буда, танҳо аз рӯйи як ё ду намуди он ҷаҳиши якбораи нархҳо ба назар мерасад.

Бо назардошти афзалияти соҳаи кишоварзӣ ва дастгирии давлатии бахшҳои асосии он солҳои охир истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ дар ҳамаи категорияҳои хоҷагидорӣ зиёд шуда истодааст. Дар баробари ин андешидани тадбирҳои судманд дар самти такрористеҳсоли заминҳои

кишоварзӣ, азхудкунии заминҳои нав, тавсеаи таҷрибаи кишти такрории замин, афзоиши техника ва мошинолотҳои кишоварзӣ, зиёд гардидани истифодаи нуриҳои минералӣ ва органикӣ ба афзоиши маҳсулоти соҳа мусоидат намуданд .маълумот оид ба истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ дар ҳамаи категорияҳои хоҷагӣ дар ҷадвали 2.1.2. оварда шудааст.

**Ҷадвали 2.1.2. - Истеҳсоли намудҳои асосии маҳсулоти кишоварзӣ (1991=100%) дар ҳама категориҳои хоҷагидорӣ (бо фоиз)**

| Нишондиҳандаҳо | Солҳо | | | | | | | 2022/ 1991 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 1991 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | |
| Зироатҳои ғалладона ва лӯбиёӣ (якҷоя бо ҷуворимакка барои дон), ҳамагӣ | 100,0 | 495,9 | 444,0 | 484,5 | 534,8 | 543,3 | 601,6 | |
| Пахта | 100,0 | 47,2 | 36,6 | 49,2 | 48,3 | 47,4 | 49,4 | |
| Картошка | 100,0 | 738,7 | 910,2 | 938,3 | 964,8 | 982,5 | 1032,7 | |
| Сабзавот | 100,0 | 576,5 | 657,2 | 676,8 | 768,8 | 805,5 | 841,8 | |
| Полизии озуқаворӣ | 100,0 | 1145,4 | 1164,3 | 1272,2 | 1373,2 | 1485,5 | 1528,6 | |
| Гӯшт | 100,0 | 165,0 | 173,8 | 180,8 | 199,2 | 217,5 | 231,7 | |
| Шир | 100,0 | 161,8 | 167,4 | 170,4 | 173,9 | 177,6 | 181,2 | |
| Тухм | 100,0 | 75,1 | 99,1 | 159,7 | 216,4 | 231,9 | 266,8 | |
| Пашм | 100,0 | 169,7 | 172,3 | 175,3 | 180,9 | 183,9 | 189,0 | |
| Пилла | 100,0 | 20,1 | 16,3 | 17,0 | 8,6 | 10,0 | 8,7 | |
| Асал | 100,0 | 691,6 | 705,2 | 710,8 | 711,8 | 740,3 | 769,8 | |

*Сарчашма: Кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон (маҷмуаи оморӣ). Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2023. -С. 17.*

Таҳлили ҷадвал нишон медиҳад, ки ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ба ҳар як нафар аҳолӣ дар соли 2022 нисбат ба соли 1991 ба маротиб афзоиш ёфтааст. Барои мисол дар давраи таҳлилшаванда Зироатҳои ғалладона ва лӯбиёӣ (якҷоя бо ҷуворимакка барои дон) зиёда аз 6 баробар, картошка зиёда аз 10 баробар, сабзавот 8,4 баробар, полизиҳо 15 баробар, гушт 2,3 баробарӣ, тухм 2,6 ва асал 7,7 баробар зиёд шудааст.

Дар ин миён метавон афзоиши назарраси истеҳсоли тухмро мисол овард, ки дар ин ҷо нақши корхонаҳои кишоварзӣ назаррас мебошад. Солҳои охир тавассути андешидани чорабиниҳои судманди дастгирии давлатии рушди соҳаи паррандапарварӣ дар кишвар шумораи зиёди корхонаҳои соҳа таъсис дода шуда, дар ин замина афзоши маҳсулоти соҳа, аз он ҷумла тухм ва гушти парранда зиёд гардид. Барои мисол бо мақсади дастгирии рушди соҳа ба қонунгузории амалкунанда, аз он ҷумла ба Қонуни

Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 21.02.2018, №1511 ва №1512 соҳаи мазкур аз пардохти андозҳо ба муҳлати 6 сол озод карда шуд. Дар баробари ин воридоти технологияву таҷҳизот ва мавод барои таъминоти соҳа аз ҳамаи андозу пардохтҳо озод гардида, татбиқи амалии имтиёзҳои мазкур ба пешрафти соҳа таъсири мусбӣ расонид.

Аз руйи маълумоти КВД “Саноати парандапарварии Тоҷикистон” айни замон дар кишвар 222 адад корхонаҳои парандапарварӣ фаъолият мекунанд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 10 адад зиёд мебошад. Аз шумораи умумии корхонаҳои соҳа 100 адад ба истеҳсоли тухм, 108 адад ба истеҳсоли гӯшти паранда, 8 адад ба истеҳсоли тухм ва гӯшти паранда ва 6 адад ба истеҳсоли тухми инкубатсионӣ, чуҷаи якрӯза ва тухми истеъмолӣ машғул мебошанд.

Бо назардошти сохтори соҳавии иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон метавон таъкид сохт, ки бахши кишоварзӣ яке аз соҳаҳои асосии иқтисодиёт ва омили муайянкунандаи суботи иқтисодию иҷтимоӣ ва сиёсии ҷомеа ба ҳисоб меравад. Ин омил дар шароити бартарияти амиқи аҳолии деҳот аҳамияти бештар пайдо карда, да таъмини шуғл ва амнияти озуқаворӣ нақши калидӣ дорад.

Дар шароити иқтисоди бозарӣ раванди пурзӯр гардидани тараққиёти иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон азнавсозии куллии сохтори иқтисодиро талаб мекунад, то ки самаранокии истеҳсолот, махсусан бахши кишоварзӣ доимо ва мунтазам зиёд карда шавад. Айни замон дар рафти азнавсозии иқтисодиёти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор мушкилот ба миён омаданд, ки дар замина бояд ба баланд бардоштани самаранокии истеҳсолоти кишоварзӣ ҳамчун як самти хеле муҳими стратегии фаъолият, ки сатҳи зиндагии аҳолиро муайян мекунад, таваҷҷӯҳҳи ҷиддӣ зоҳир карда шавад.

Айни замон корхонаҳои кишоварзӣ дар шароити ноустувор фаъолият мекунанд, ки бо механизми хоҷагидории номукаммал, иттилооти нокифояи тиҷоратӣ, таъсири манфии омилҳои муҳити беруна ва ғайра тавсиф дода мешаванд. Аз ин ру, тадқиқоти илмӣ, ки мақсади он тавсеаи раванд ва такмили такрористеҳсол дар бахши кишоварзӣ мебошад, яке аз масъалаҳои таъхирнопазир ба ҳисоб меравад.

Мувофиқи маълумоти Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи солҳои 2012-2022 майдони кишти картошка 14 фоиз ва сабзавот 6,3 фоиз зиёд гардида, бо сабаби тамоюли бозаргонӣ пайдо кардани соҳаи кишоварзии мамлакат майдони кишти пахта 11 фоиз кам шуд. Дар ин давра майдони боғот 13 фоиз ва истеҳсоли мева 9,6 фоиз афзуд. Инчунин, истеҳсоли зироатҳои полезӣ 61,8 фоиз, сабзавот 29,1 фоиз, шолӣ 20,1 фоиз, ангур 4,7 фоиз ва картошка 0,1 фоиз зиёд гардид. Дар баробари ин афзоиши ҳосилнокии ангур 61 фоиз, шолӣ 42 фоиз, зироатҳои полезӣ 27,9 фоиз ва сабзавот 21,4 фоизро ташкил медиҳад.

Қобили қайд аст, ки бахши кишоварзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавқеи махсусро ишғол намуда, тараққиёти он шарти асосии таъмини амнияти озуқаворecho мамлакат ба ҳисоб меравад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои такмил ва боз ҳам тараққӣ додани бахши кишоварзӣ, аз ҷумла барои тараққӣ додани чорвопарварӣ, растанипарварӣ, аз он ҷумла сабзавоткорӣ, пахтакорӣ ва гуногунсозии маҳсулоти кишоварзӣ захира ва заминаҳои зиёд мавҷуданд. Ба андешаи мо, барои баланд бардоштани ҳосилнокии меҳнат ва беҳтар намудани сифати ҳосилнокии зироатҳо, яъне самаранок истифода бурдани захираҳо бояд низоми муосири идоракунии такрористеҳсол мавҷуд бошад.

Яке аз масъулаҳои муҳим ва стратегии рушди бахши кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон ин истифодаи оқилонаи захираҳои замин ба ҳисоб меравад. Замин дар истеҳсолоти кишоварзӣ омили бенёдӣ буда, дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон бо таваҷҷуҳ ба камзамин будани кишвар, он аҳамияти бештар пайдо мекунад. Дар ин замина солҳои охир ба масъалаи

ҳифз, нигаҳдорӣ ва гардиши кишоварзӣ ворид намудани заминҳои бекорхобида таваҷҷуҳи хоса зоҳир карда мешавад. Дар баробари ин мсъалаи киштгардон ва такрористеҳсоли захираҳои замин хароҷотталаб буда, барои баланд бардоштани ҳосилнокии он бояд чорабиниҳо самарабахш ва бетаъхир андешида шаванд. Масоҳати умумии замин аз рӯи истифодабарандагони замин дар ҷадвали 2.1.3. оварда шудааст.

**Ҷадвали 2.1.3. Масоҳати умумии замин аз рӯи истифодабарандагони замин (аз рӯи маълумотҳои Кумитаи давлати идораи замин ва геодезии Ҷумҳурии Тоҷикистон)**

*(ҳазор гектар)*

| Солҳо | Фонди умумии замин | Ҳамагӣ замин дар истифодаи корхонаҳои кишоварзӣ | аз он ҷумла замин | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | | Корхонаҳои кишоварзӣ | аз онҳо: | |
| | | | | хоҷагиҳои деҳқонии коллективӣ ва инфиродӣ | хоҷагиҳои давлатӣ |
| **1991** | 14254,5 | 9573,4 | 9573,4 | 2785,3 | 6449,8 |
| **2016** | 14137,7 | 6949,4 | 1771,8 | 369,2 | 1047,5 |
| **2017** | 14137,7 | 6960,7 | 1823,6 | 385,3 | 1078,0 |
| **2018** | 14137,9 | 6976,1 | 1827,9 | 380,2 | 1067,8 |
| **2019** | 14137,9 | 6980,6 | 1830,4 | 380,2 | 1137,2 |
| **2020** | 14137,9 | 6978,2 | 1799,4 | 369,8 | 1151,3 |
| **2021** | 14137,9 | 6953,9 | 1841,0 | 373,4 | 1158,9 |
| **2022** | 14137,9 | 6939,9 | 1858,3 | 371,5 | 1180,0 |

*Сарчашма: Кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон (маҷмӯаи оморӣ). Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2023. -С. 18.*

Таҳлили ҷадвал нишон медиҳад, ки корхонаҳои кишоварзӣ яке аз истифодабарандагони асосии замин буда, самаранокии истифодаи онҳо ва таъмини такрористеҳсоли он шарти асосии рушди устувори бахши аграрӣ ба ҳисоб меравад.

Таҷриба нишон медиҳад, ки захираҳои замин ҷузъи муҳими пояи моддию техникии корхонаҳои кишоварзӣ мебошанд, ки дар якҷоягӣ бо дигар ҷузъҳо, шароити табиӣ, захираҳои меҳнатӣ ва моддию техникӣ барои фаъолияти пурсамари корхонаҳои кишоварзӣ шароиту замина фароҳам меоранд. Бинобар ин ҳангоми тартиб додани самтҳои асосии идоракунии раванди такрористеҳсоли базаи моддию техникӣ тадбирҳои

такрористеҳсолкунии хокро ҳангоми дар истеҳсолоти кишоварзӣ истифода бурдани он муфассалтар асоснок кардан ба мақсад мувофиқ мебошад. Захираҳои замин ҳамчун воситаи мушаххаси истеҳсолот як қатор аломатҳои хос дорад. Махсусан, бар хилофи дигар воситаҳои истеҳсолот, ки дар раванди истифода фарсуда мешаванд ва бо воситаҳои нави аз ҷиҳати техникӣ мукаммал ва аз ҷиҳати иқтисодӣ фоиданок иваз карда мешаванд.

Мушкилоти дигари бахши аграрӣ, ки ба тавсеаи раванди такрористеҳсол таъсири манфӣ мерасонад ин оқилона истифода нашудани замин мебошад. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки маҳдуд будани захираҳои замин ва вазъи мураккаби чарогоҳҳо дар оянда боиси пайдо гаштани мушкилоти ҷиддие хоҳад шуд. Вобаста ба ин дар самти бо озуқаворои асосӣ таъмин намудани аҳолии афзоянда ва диверсификатсияи истеҳсолот аз зироатҳои камдаромади яксола ба сердаромади бисёрсола, ки аз ҷиҳати таъминоти озуқавӣ аҳамияти камтар доранд, метавонад таъсири манфӣ расонад.

Дар ин замина бояд таъкид сохт, ки мушкилоти баланд бардоштани самаранокии истеҳсолоти кишоварзӣ ва нигоҳ доштану барқарор намудани иқтидори он ин таъмини ҳосилнокии баланди замин мебошад. Дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз принсипҳои асосии зиёд кардани истеҳсолоти кишоварзӣ ин истифодаи киштгардон мебошад, ки зироатҳои фоиданоки кишоварзӣ ва зироатҳоеро дар бар мегирад, ки ҳосилхезии заминро беҳтар мекунанд. Вобаста ба ин масъалаҳои нигоҳдорӣ ва барқарорсозии ҳосилхезии хок бояд тавассути ҷорӣ намудани технологияҳои каммасрафи кишоварзӣ амалӣ карда шавад.

Дар баробари таъмини такрористеҳсоли захираҳои замин ва истифодаи самараноки он солҳои охир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон гуногунсозии истеҳсолоти кишоварзӣ аҳамияти муҳим пайдо кардааст. Дар ин замина сохтор соҳавии истифодаи замина тағйир ёфта, майдони кишти баъзе зироатҳо коҳиш дода шуда, майдони баъзеи онҳо зиёд карда шудааст.

Маълумоти умумӣ дар бораи масоҳати замини кишти зироатҳои кишоварзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2022 дар расми 2.1.2. оварда шудааст.




**Расми 2.1.2. Масоҳати замини кишти зироатҳои кишоварзӣ дар ҷумҳурӣ дар соли 2021. (бо фоиз нисбат ба масоҳати умумӣ)**

*Сарчашма: Кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон (маҷмӯаи оморӣ). Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2023. -С. 18.*

Расм нишон медиҳад, ки дар соли 2022 аз масоҳати умумии захираҳои замин 45,8% барои кишти зироатҳои ғалладона, 22,0% барои кишти пахта, 13,2% барои зироатҳои хӯроки чорво, 8,3% барои сабзавот, 6,6% барои картошка, 3,3% барои дигар намуди зироатҳо ва 2,6 % барои кишти полизиҳои хӯрокворӣ истифода карда мешавад. Мувофиқи маълумоти вазорат дар бахши кишоварзии ҷумҳурӣ 605483 гектар замин шудгор шуда, мувофиқи маълумоти оморӣ ба ҳолати 01.01.2023 дар майдони 176909 гектар кишти тирамоҳии ғалладонагиҳо ва дар майдони 5245 гектар кишти баҳории ғалладонагиҳо гузаронида шудааст. Аз он ҷумла, гандум 4378 гектар, ҷав 517 гектар, картошаки барвақтӣ 2636 гектар, сабзавоти барвақтӣ 15553 гектар: аз он пиёзи барвақтӣ 11090 гектар, сабзии барвақтӣ 1985

гектар, карами барвақтӣ 1076 ва дигар сабзавотҳо 1401 гектар кишт карда шуданд.

Таҳлил нишон медиҳад, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низоми ҳавасмандгардонии иқтисодии истифодаи оқилона ва ҳифзи замин, аз ҷумла: додани имтиёзҳои андозӣ ба шаҳрвандон ва шахсони ҳуқуқие, ки тадбирҳои пешбининамудаи барномаҳои миллию минтақавиро истифода ва ҳифзи заминро ба амал мебароранд, мукаррар карда шудааст. Таҳлил маълум намуд, ки танҳо дар 4 барномаи давлатӣ тадбирҳои вусъатдиҳии такрористеҳсоли ҳосилхезии заминҳои кишоварзӣ пешбинӣ шудаанду халос. Дар ин замина истифодаи коэффисиентҳои тасҳеҳ ҳангоми ҳисоб кардани андози замин ҳамчун самти муҳими ташаккули тадбирҳои такрористеҳсоли ҳосилхезии заминҳои кишоварзӣ ба ҳисоб меравад. Бояд гуфт, ки механизми амалкунандаи ҳисобкунии маблағи андозҳо барои баланд бардоштани ҳосилхезии эҳтимолии заминҳои кишоварзӣ ҳавасманд нест. Баръакс, рохбарияти субъектхои хоҷагидори соҳаи кишоварзӣ ба кам кардани он манфиатдор мебошанд, зеро ин боиси кам шудани тарҳи андоз ба буҷет ва маблағи иҷора мегардад.

Дар ин самт пешниҳод карда мешавад, ки системаи омилҳои ислоҳкунӣ ҳангоми ҳисоби арзиши заминҳои кишоварзӣ тартиб дода шавад. Бояд гуфт, ки онҳо дар арзиши муайяншудаи 1 га замини кишоварзӣ, ки барои ҳисоб кардани андоз асос мебошад, самаранок хоҳанд буд. Барои ҳисоб кардани онҳо бояд (дар 5 сол як маротиба) сертификатсияи агрохимиявии замин ҳамчун ҷузъи барӯйхатгирии кишоварзӣ гузаронида шавад. Ба мақсад мувофиқ аст, ки барои ҳисоб кардани зариби ислоҳ арзиши заминҳои кишоварзӣ дар аввал ва охири давраи ҳисоботӣ ва бо роҳи зарб задани он ба арзиши баҳодиҳии пулии меъёрии минтақа муайян карда шуда, барои ҳисоб кардани андози замин ва иҷора ҳамчун асос хизмат мекунад. Ба мақсад мувофиқ аст, ки самараи ин нишондиҳанда дар давоми панҷсола пешбинӣ карда шавад.

Солҳои охир дар корхонаҳои кишоварзӣ афзоиши маҳсулот ба чашм расида, гарчанде ба нишондиҳандаҳои соли 1991 баробар нашуда бошад ҳам, вале дар маҷмуъ таносуби мусбӣ дорад. Истеҳсоли маҳсулоти растанипарварӣ дар корхонаҳои кишоварзӣ дар ҷадвали 2.1.4. оварда шудааст.

**Ҷадвали 2.1.4. Истеҳсоли маҳсулоти растанипарварӣ дар корхонаҳои кишоварзӣ**

*ҳаз. тонна*

| Нишондиҳанда | Солҳо | | | | | | | 2022 нисбат ба соли | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 1991 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | 1991 | 2017 |
| Ғалла | 292,0 | 126,2 | 109,5 | 139,2 | 156,2 | 144,4 | 189,8 | 65% | 166,4 % |
| Гандум | 149,3 | 79,7 | 67,7 | 83,8 | 99,4 | 91,2 | 116,6 | 78% | 146,2 % |
| Ҷав, ҳамагӣ (тирамоҳӣ ва баҳорӣ) | 49,3 | 14,7 | 13,1 | 19,7 | 19,9 | 14,2 | 23,6 | 52,1% | 1,6 б. |
| Ҷуворимакка барои дон | 57,0 | 11,0 | 9,7 | 13,8 | 13,8 | 14,2 | 18,6 | 67,3% | 1,6 б. |
| Шолӣ | 23,3 | 16,5 | 16,0 | 18,6 | 20,4 | 22,3 | 26,9 | 115% | 1,6 б. |
| Пахта | 819,6 | 61,4 | 58,9 | 79,4 | 92,2 | 93,8 | 100,2 | - 8 б. | 1,6 б. |
| Зағир | 1,6 | 0,9 | 2,9 | 1,4 | 1,3 | 0,9 | 1,4 | 97,7% | 1,5 б. |
| Картошка | 105,9 | 57,2 | 72,2 | 88,2 | 100,9 | 126,5 | 174,9 | 1,6 б. | 3 б. |
| Сабзавот | 322,5 | 80,2 | 102,4 | 105,6 | 127,5 | 118,3 | 132,3 | 58,9% | 1,6 |
| Зироатҳои полизӣ | 55,1 | 29,1 | 29,8 | 34,2 | 47,4 | 43,2 | 59,2 | 107,4% | 2 б. |
| Мевагиҳо (якҷоя бо ситрусиҳо) | 69,8 | 18,1 | 22,9 | 26,4 | 21,1 | 15,1 | 27,1 | 2,5 б. | 149,7% |
| Ангур | 92,6 | 7,9 | 10,1 | 9,4 | 5,4 | 11,6 | 15,2 | -6 б. | 1,9 б. |

***Сарчашма:** Кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон (маҷмӯаи оморӣ). Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2023. -С. 38.*

Аз ҷадвал бар меояд, ки истеҳсоли маҳсулоти растанипарварӣ дар корхонаҳои кишоварзӣ дар соли 2022 нисбат ба соли 1991 ба маротиб коҳиш ёфта, танҳо аз рӯйи истеҳсоли шолӣ тағйироти начандон калон ва аз рӯйи маҳсулоти картошка афзоши амиқ дида мешавад. Аммо дар муқоиса нисбат ба соли 2017 манзара тағйир ёфта, истеҳсоли ғалла, гандум, ҷав, мевагиҳо ва ангур тағйироти начандон назаррас ба амал омада, баръакс аз рӯйи истеҳсоли шолӣ, пахта, картошка, сабзавот ва зиротаҳои полезӣ тамоюли мусбӣ дида мешавад.

Яке аз масъалаҳои муҳими танзими шароити мусоид барои такрористеҳсол дар корхонаҳои кишоварзӣ ин баланд бардоштани

ҳосинокии зироатҳои кишоварзӣ ба ҳисоб меравад. Солҳои охир бо сабаби мавҷуд набудани лоиҳаҳои бузурги инвеститсионӣ дар бахши кишоварзӣ ва номукамалаии такрористеҳсоли воситаҳои асосӣ, гардон, қувваи корӣ ва захираҳои замин масъалаи ҳосилнокии зироатҳо аҳамияти бештар пайдо мекунанд. Бояд қайд намуд, ки даромади корхонаҳои кишоварзӣ ва сиёсати инвеститсионии онҳо пеш аз ҳама ба ҳаҷми истеҳсолот ва даромад аз фурӯш вобастагӣ дорад.

Дар ин замина бояд ҷиҳати баланд бардоштани ҳосилнокии зироатҳои кишоварзӣ ва маҳсулнокии чорвопарварӣ тадбирҳои мушаххас амалӣ карда шаванд. Маълумот оид ба ҳосилнокии зироатҳои кишоварзӣ дар ҷадвали 2.1.5. оварда шудааст.

**Ҷадвали 2.1.5. - Ҳосилнокии зироатҳои кишоварзӣ дар корхонаҳои кишоварзӣ**

(сентнер аз 1 га)

| Нишондиҳанда | Солҳо | | | | | | | 2022 нисбат ба соли 1991 (тағйирёбӣ) | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 1991 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2022 | 2023 | 1991 | 2017 |
| Зироатҳои ғалладона ва лӯбиёӣ | 12,8 | 26,0 | 24,1 | 25,9 | 26,3 | 25,4 | 28,4 | 2,2 б. | 109,2% |
| Гандум | 10,7 | 26,7 | 24,0 | 24,1 | 26,1 | 25,7 | 28,9 | 2,7 б. | 108,2 % |
| Ҷав | 10,9 | 16,7 | 17,7 | 18,9 | 18,2 | 13,1 | 18,9 | 1,7 б. | 113,1% |
| Ҷуворимакка барои дон | 39,2 | 48,3 | 53,5 | 62,1 | 49,2 | 50,3 | 53,6 | 136,7% | 110,9 % |
| Шолӣ | 27,4 | 42,5 | 46,2 | 46,4 | 46,8 | 50,6 | 51,8 | 1,8 б. | 121,8 % |
| Пахта | 27,4 | 22,3 | 17,8 | 22,1 | 23,1 | 24,7 | 24,7 | 90,1% | 110,7% |
| Зағир | 4,2 | 5,2 | 18,1 | 5,9 | 5,7 | 5,5 | 5,9 | 140,4% | 113,4% |
| Картошка | 143,0 | 222,0 | 202,7 | 204,9 | 204,0 | 217,8 | 245,3 | 1,7 б. | 110,4% |
| Сабзавот | 181,0 | 245,8 | 250,4 | 261,6 | 285,2 | 282,4 | 287,6 | 1,5 б. | 117,3% |
| Полизиҳо | 62,0 | 197,0 | 196,5 | 184,8 | 220,9 | 225,6 | 268,6 | 4,3 б. | 136,3% |
| Мевагиҳо (якҷоя бо ситрусиҳо) | 22,6 | 14,2 | 17,3 | 18,0 | 14,7 | 10,7 | 17,1 | 75% | 120,4% |
| Ангур | 36,4 | 23,0 | 29,0 | 25,8 | 15,0 | 31,3 | 38,0 | 104,3% | 1,6 б. |

*Сарчашма: Кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон (маҷмӯаи оморӣ). Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2022. -С. 46-49.*

Аз таҳлили ҷадвал ба меояд, ки ҳосилнокии зироатҳои кишоварзӣ дар давраи таҳлилшаванда ба андозаи назаррас боло рафта, барои мисол ҳосилнокии зироатҳои ғалладона ва либиёиҳо дар соли 2022 нисбат ба соли 1991 қариб да маротиба зиёд гаштааст. Ҳамин тавр ҳосилнокии гандум дар

соли 2022 нисбат ба соли 1991 аз 10,7 то ба 28,9, ҷуворимакка барои дон аз 39,2 то ба 53,6, картошка аз 143,0 то ба 245,3, сабзавот аз 181,0 то ба 287,6, полизиҳо аз 62,0 то ба 268,6 сентнер аз 1 га зиёд шудааст.

Ҳосилнокии зироатҳои кишоварзӣ яке аз нишондиҳандаҳои асосии самаранокии истеҳсолоти кишоварзӣ мебошад. Ҳосилнокӣ дараҷаи интенсивии истеҳсолот, дар истеҳсолот ҷорӣ намудани инноватсияҳо, дараҷаи ба талаботи технология мувофиқ будан ва дараҷаи таъминоти хоҷагиҳоро бо воситаҳои зарурии истеҳсолот ва захираҳои меҳнатӣ, дараҷаи ҳосилнокии замине, ки дар он маҳсулот истехсол карда мешавад ва таъсири омилҳои дигари ташаккули ҳосили зироатҳоро инъикос мекунад. Аз тарафи дигар, сатҳи мувофиқи ҳосили зироатҳои кишоварзӣ барои ташаккул ва ҳисоб кардани дигар нишондиҳандаҳои самаранокии истеҳсолоти кишоварзӣ, аз он ҷумла ҳосили умумӣ, арзиши маҳсулоти умумӣ ва бозорӣ то фоида ва даромаднокӣ асос шуда метавонад. Гуфтан мумкин аст, ки тамоили ҳосили зироатҳои кишоварзӣ асосан тамоилҳои умумии тараққиёти иқтисодиёти кишоварзиро муайян мекунад.

Ташаккули сиёсати аграрии дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба амал баровардани ислоҳоти самарабахши ташкили иқтисодиёти деҳот ва баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолии деҳотро дар назар дорад. Равандҳои ҷаҳонишавии иқтисодиёт ва ба Созмони умумиҷаҳонии савдо шомил шудани Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав таҷҳизонидани техникӣ ва технологии истеҳсолоти кишоварзиро тақозо мекунад. Ислоҳоти агарарӣ боиси дигаргуниҳои куллии иҷтимоию иқтисодӣ гардида, дар натиҷаи он иқтидори захиравию техникии корхонаҳои кишоварзӣ коста гардиданд.

Ҳамин тариқ, тағйирёбии даврии динамикаи ҳосилнокии зироатҳо ва маҳсулнокии чорво боиси тағйирёбии даврии ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти умумӣ ва молии кишоварзӣ мегардад. Дар навбати худ ин ҳолат боиси тағйирёбии даврии дахлдори нишондиҳандаҳои молиявӣ гардида, андозаи фоида, сатҳи қобилияти пардохтпазирӣ, устувории молиявӣ, суръати такрористехсоли фондҳои асосӣ мегардад.

Дастовардҳои соҳа дар заминаи татбиқи босамари Барномаи ислоҳоти кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2012-2022, Барномаи рушди боғу токпарварӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020, Барномаи амнияти озуқаворӣи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2024, Барномаи маҷмуавии рушди соҳаи чорводорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2022, Барномаи рушди соҳаи тухмипарварӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025, Консепсияи ташкил ва рушди кластерҳои агросаноатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2040, Барномаи фароҳам овардани шароити мусоид барои ҷорӣ намудани таҷрибаи муносиби кишоварзӣ дар истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ (стандарти байналмилалии Global G.A.P.), Нақшаи чорабиниҳо оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар соҳаи кишоварзӣ ва рушди тиҷорати аграрии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2019-2021 имконпазир гардиданд.

Дар баробари дастовардҳои соҳаи кишоварзӣ, ба андешаи мо боз як қатор мушкилоти муайян мавҷуданд, ки бояд ҷиҳати ҳаллу бартарафсозии онҳо чораандешӣ карда шаванд. Дар ин минён ҳалли мушкилоти вобаста ба такрористеҳсол дар бахши кишоварзӣ низ аҳамияти бунёдӣ дорад. Мушкилоти такрористеҳсол ва дар сатҳи ғайриқаноатбахш қарор доштани он ба чунин омилҳо ба монанди омилҳои ташкилӣ, сохторӣ ва илмию техникӣ вобаста мебошад. Дар барои ин парокандагӣ ва хурдҳаҷмии истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ, ки ба истеҳсолкунандагон барои иштирок дар ташаккули занҷираи арзиши иловашуда ва ба даст овардани даромади зиёд монеа мешаванд, аз мушкилоти асосии вазъи ногувори такрористеҳсол дар корхонаҳои кишоварзӣ мебошад.

Дар баробари ин сатҳи нокифояи рушди хизматрасонии агрологистикӣ, хизматрасонии агромашваратӣ ва инкишофи сусти кашфиётҳои илмӣ ва тадқиқот дар соҳаи кишоварзӣ низ ба тавсеаи раванди такрористеҳсол таъсири манфӣ мерасонанд. Ҳамчунин масъалаҳои

ҳалталаб ҷиҳати таъмини сифат ва бехатарии маҳсулоти кишоварзӣ ба афзоиши содироти сабзавот ва меваҷот мусоидат намекунанд.

Мушкилоти дигар ин сатҳи нокифояи салоҳияти муассисаҳои давлатие, ки дар таҳия ва татбиқи сиёсати давлатӣ дар соҳаи кишоварзӣ иштирок мекунанд. Вобаста ба ин, айни замон ба такмили тахассуси кормандони мақомоти давлатӣ ҷиҳати кор бо маълумот ва омор, инчунин таҳияи лоиҳаҳои рушд, усулҳои татбиқ ва мониторинги онҳо талабот ба миён омадааст. Мушкилоти кадрӣ бо мушкилоти ҳамоҳангсозии сусти байнисоҳавӣ ва байниидоравӣ оид ба масъалаҳои идоракунии замин ва об, масъалаҳои экологӣ, хоҷагии ҷангал, чораҳои санитарӣ ва фитосанитарӣ душвортар мегардад.

Мушкилоти стратегии дигар ин паст будани ҳосилнокии меҳнат дар шароити зиёд будани ҳиссаи шахсони машғули меҳнат. Зиёда аз 60 фоизи аҳолии деҳоти кишвар дар соҳаи кишоварзӣ машғуланд, ҳол он ки дар саноати коркард наздики 3 - фоиз, сохтмон 2 - фоиз, савдо наздики 6 - фоиз кор мекунанд, ки ин аз хусусияти экстенсивӣ доштани рушди соҳаи кишоварзӣ, дигаргуншавии ҷиддии сохтори иқтисодиёти деҳот ва бо кор таъмин будани аҳолии деҳот шаҳодат медиҳад. Дар деҳот музди камтарин дар иҷрои корҳои мавсимии кишоварзӣ дида мешавад, ки дар як моҳ тахминан 700 сомониро ташкил медиҳад.[39]

Дар чунин ҳолат навсозии технологии соҳа барои баланд бардоштани ҳосилнокии меҳнат, ҳосилнокӣ дар соҳа ва таъсиси ҷойҳои нави корӣ дар коркарди маҳсулоти кишоварзӣ зарур аст. Ин ба занон имконият медиҳад, ки шароити меҳнат ва даромади худро беҳтар намуда, ба навъҳои сердаромад ва устувори кор дар соҳаи саноати коркард гузаранд ва ин дар навбати худ барои зиёд шудани пасандозҳо, баланд шудани сатҳи умумии некуаҳволӣ, беҳтар шудани соҳаҳои тандурустӣ ва маорифи деҳот таъсири мусбат мерасонад.

---

[39] Барномаи рушди низоми аргоозуқаворӣ ва кишоварзии устувор барои давраи то соли 2030, Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 01.03.2023, №54

Ҳамин тавр, таҳлили баъзе нишондиҳандаҳои асосии рушди бахши кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон медиҳад, ки соҳа дар ҳолати барқароршавӣ ва ташаккули заминаҳои рушди устувор қарор дорад. Новобаста аз ин дар бахши аграрии кишвар ҳанӯз ҳам мушкилоти муайян ҷой доранд, ки яке аз он ин такрористеҳсол ба ҳисоб меравад. Аз ин рӯ, дар ин самт бояд корҳои назаррас ба анҷом расонида шуда, ҷиҳати тақвияти он бояд чораҳои ҳавасмандсозӣ таҳия ва татбиқ карда шавад.

Бояд таъкид сохт, ки қонеъ гардондани талаботи аҳолӣ ба маҳсулоти озуқаворӣ ҳамеша вазифаи аввалиндараҷаи сиёсати иқтисодии давлат ба ҳисоб меравад. Аз ин лиҳоз, диверсификатсияи истеҳсолот принсипи асосии таъмини аҳолии кишвар бо озуқа дар сатҳи макроиқтисодӣ маҳсуб мешавад. Баҳодиҳии таъминоти боэътимоди аҳолӣ бо маҳсулоти хӯрокворӣ аз рӯи нишондиҳандаҳои зерин амалӣ карда мешавад:

- имкони ба даст овардани ҳаҷми ҷисмонии маҳсулоти хӯрокворӣ - имкони дастрас намудани маҳсулоти хӯроквории хушсифат ва бехатар дар бозори маҳсулоти хӯрокворӣ;

- имконияти азхудкунии иқтисодии озукаворӣ - имконияти ба даст овардани маҳсулоти хушсифати озуқаворӣ бо нархҳое, ки ба манфиатҳои хамаи гуруххои аҳолӣ ва ба дараҷаи даромади онҳо мувофиқ аст;

- мавҷуд будани маҳсулоти хӯрокворӣ, ки барои истифода бехатар аст, таркиби хӯрокворӣ ба стандартҳои дахлдори сифат ҷавобгӯ ва ҳифзи бозори дохилии озуқаворӣ аз маҳсулоти хӯроквории пастсифат.

Дар ин асос шарти асосии иҷроиши вазифаҳои дар боло овардаршуда ин ташаккули низоми мукаммали идоракунии раванди такрористеҳсол дар корхонаҳои кишоварзӣ мебошад, ки шарти асосии таъмини рушди устувори соҳа ба ҳисоб меравад.

Дар ин асос ташаккули ин гуна система ба қабули қарорҳои мутаносиби идоракунӣ ҳам дар сатҳи ҷамъиятӣ ва ҳам дар ҳар як корхонаи кишоварзӣ мусоидат мекунад. Ҳалли масъалаи такрористеҳсол дар доираи як субъекти хоҷагидории соҳаи кишоварзӣ ғайриимкон аст. Дар баробари

ин, истеҳсолкунандагони кишоварзӣ аз сабаби суст будани шароити молиявию иқтисодӣ имкони ҷудо кардани маблағ барои тадбирҳои зарурииро надоранд. Агар чораҳои таъҷилӣ андешида нашаванд, равандҳои таназзули пояи моддию техникии кишоварзӣ метавонанд бебозгашт гарданд. Мақомоти давлатӣ бояд барои баланд бардоштани самаранокии раванди такрористеҳсол, ки субъектҳои хоҷагидорӣ дар соҳаи кишоварзӣ ба иҷора гирифтаанд, бо истифода аз фишангҳои маъмурӣ ва низоми андозбандии амалкунанда системаи ҳавасмандгардонии иқтисодиро ҷорӣ намоянд. Азбаски такрористеҳсол характери умумихоҷгӣ дорад, бояд он барномаҳое, ки ба ҳалли ин проблема нигаронида шудаанд пурра бо маблағҳои зарурӣ таъмин карда шаванд.

Барномаҳои дахлдори такрористеҳсол ва нигаҳдории он бояд дар сатҳи соҳа ва корхонаҳои кишоварзӣ тартиб дода шаванд. Дар шароити муттаҳид намудани тасмимҳо раванди такрористеҳсолро таъмин кардан мумкин аст. Маҳз барои ҳамин механизми самарабахш, ки манфиати молистеҳсолкунандагонро ба тақвияти раванди тарористеҳсол ҳавасманд мекунад, натиҷаи мусбат хоҳад дод.

Дар ҷамъбасти гуфтаҳои боло ба хулосае омадан мумкин аст, ки ташаккули танзими самарабахши меъёрию ҳуқуқии муносибатҳои замин ва ҷорӣ намудани воситаҳои самараноки ҳавасмандгардонии истеҳсолкунандагони мол ба такрористеҳсоли васеъи ҳосилхезии захираҳои замин ба пешгирии эрозияи замин мусоидат мекунад.

## §2.2. Арзёбии ҳолати такрористеҳсол ва низоми идоракунии он дар корхонаҳои кишоварзӣ

Таҳлили ҳолати муосири истеҳсолоти кишоварзӣ нишон дод, ки айни замон дар ин бахши муҳими иқтисодиёти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор мушкилоти муайян ҷой дорад, ки яке аз онҳо ин сатҳи ғайриқаотбахши раванди такрористеҳсол мебошад. Корхонаҳои кишоварзӣ

ва хоҷагиҳои деҳқоние, ки дар натиҷаи ислоҳот ташкил ва таҷдид карда шуданд имконияти маҳдуди молиявӣ дошта, мушкилоти такрористеҳсол ҳолати онҳоро душвор сохтааст. Вобаста ба ин бояд қайд намуд, ки корхонаҳои кишоварзӣ, ки дар минтақаҳои гуногуни кишвар фаъолият мекунанд сатҳи нобаробари рушд дошта, зарурати таҳқиқ ва асосноккунии самтҳои стратегии баландбардории самаранокии онҳоро ба миён мегузоранд.

Таҳлил нишон медиҳад, ки мубодилаи дарозмуддати ғайриэквивалентии маҳсулоти кишоварзӣ ва саноат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон боиси хеле баланд шудани дараҷаи ба кор андохтани фондҳои асосӣ, паст шудани суръати ҷорӣ намудани технологияи навоварона ва дигар комёбиҳои илмию техникӣ дар истеҳсолоти кишоварзӣ гардид. Дар бисёр корхонаҳои хурду миёнаи кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон махсусан, фарсудашавии биноҳо бештар аз 50,0 фоиз, мошину таҷҳизот қариб 60,0 фоизро ташкил медиҳад. Зиёда аз нисфи парки тракторҳо, комбайнҳо ва мошинҳои боркаш муҳлати истеҳлокии худро ба охир расонданд. Натиҷаи ҳамин аст, ки хароҷоти таъмир ва нигоҳубини техникӣ қариб 70 фоизи маблағи хариди техникаи навро ташкил медихад ва дар баъзе корхонаҳои кишоварзии таҳлилнамудаи мо, масалан дар шаҳри Ҳисор то 40 фоизи мошинолото бо сабабҳои техникӣ бекор меистанд.

Дар аксари корхонаҳои кишоварзии шаҳри Ҳисор ва ноҳияи Бобоҷон Ғафуров мавҷудияти захираҳо ва дараҷаи самаранокии иқтисодӣ дар истифодаи захираҳои моддию техникӣ паст шуда, гузаштан ба технологияи хеле самараноки истеҳсолоти захираталаб ғайриимкон мегардад. Таҳлилҳои анҷомдодаи мо нишон дод, ки айни замон танҳо агрохолдингҳои вилояти Суғд ба монанди ҶДММ “Комрон агрохолдинг” ва “Файзи расул” ва корхонаҳои бузурги кишоварзии ноҳияи Ҳисор дар заминаи тақвияти сармоягузорӣ метавонанд иҷрои равандҳои истеҳсолиро бо мошину таҷҳизоти баландсифат ва бо ҳадафи истифодаи технологияҳои инноватсионӣ дар майдонҳои васеъ таъмин намоянд.

Таҳлил нишон медиҳад, ки бе дастгирии давлат ва баланд бардоштани даромаднокии кишоварзӣ дар дигар корхонаҳо базаи моддию техникӣ, ҷорӣ намудани технологияи пешқадам ва истеҳсоли маҳсулоти рақобатпазир имконнопазир аст. Дар истеҳсолоти кишоварзӣ давраҳои такрористеҳсол бо қонунҳои биологӣ алоқаи зич дошта, он ба қонунҳои табиӣ алоқамананд мебошад. Хусусияти такрористеҳсоли кишоварзӣ хусусияти мавсимии равандҳои истеҳсолот мебошад (масалан дар зироаткорӣ ва чорводорӣ тағйирёбии мавсимӣ метавонад хеле назаррас бошад). Ин тартиби ба вуҷуд овардани фондҳои муомилот ва такрористеҳсоли қувваи кориро ба вуҷуд меоварад, ки ин аз аксар соҳаҳои саноат фарқ мекунад, зеро раванди технологии истеҳсол ва фурӯши маҳсулоти кишоварзӣ якчанд моҳ давом мекунад.

Дар ин замина аз ҳисоби манбаъҳои худӣ маъёрҳои истифодаи маблағҳои муомилотро таъмин кардан на танхо имконнопазир аст, балки аз ҷиҳати иқтисодӣ ҳам беасос мебошад. Аз сабаби ба шароити табиӣ вобаста будани раванди истеҳсолот муттасилии такрористеҳсол дар корхонаҳои кишоварзӣ ба воситаи чузъи иқтисодии механизми ташкилию иқтисодии такрористеҳсол, маҷмуи тадбирҳои идоракунию танзимкунанда дар соҳаи такрористеҳсол таъмин кардан мумкин аст.

Ҳангоми истифода бурдани алоқаҳои горизонталии иқтисодии корҳонаҳои кишоварзӣ бо корхонаҳои саноати мошинсозӣ, энергетика, саноати химия, сохтмон ва дигар соҳаҳои хоҷагии халқ таъсири худро мегузоранд. Натиҷаи ҳамин аст, ки қисмҳои таркибии он, ба монанди заминҳои кишоварзӣ ва гуруҳи биологии воситаҳои истеҳсолот ҳар сол дар доираи саноат ва ҳар як корхонаи алоҳидаи кишоварзӣ ба таври даврӣ такрор карда мешаванд. Агар зироатҳои кишоварзӣ ва чорво на танҳо аз ҷиҳати миқдор, балки сифат хам такрор карда шаванд, пас такрористеҳсоли замин танҳо ба маънои сифатӣ, аз ҳисоби баланд бардоштани ҳосилхезии он ба амал меояд.

Бояд таъкид сохт, ки баъдиислоҳоти бахши кишоварзӣ бо мақсади гузариш ба низоми нави муносибатҳо шаклҳои хоҷагидорие, ки дар замони то истиқлолият маъмул буданд аз байн рафта, шаклҳои нави хоҷагидорӣ ба миён омаданд. Айни замон, дар бахши кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба категорияҳои «корхонаҳои кишоварзӣ»- ассотсиятсияҳо ва хоҷагиҳои деҳқонии коллективӣ, муассисаҳои байнихоҷагӣ, хоҷагиҳои давлатӣ, корхонаҳои иҷоравӣ, кооперативҳои кишоварзӣ, агрофирмаҳо, хоҷагиҳои ёрирасони корхонаҳои саноатӣ, нақлиёт ва дигар корхонаҳо шомил карда мешаванд.

Чи таре, ки дар Барномаи рушди низоми аргоозуқаворӣ ва кишоварзии устувор барои давраи то соли 2030, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 01.03.2023, №54 тасдиқ шудааст, қайд карда шудааст пешравӣ дар соҳаи кишоварзӣ барои ҳалли мушкилоти рӯзафзуни кишвар ҳанӯз ҳам кифоя нест. Истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон босуръат афзоиш ёбад ҳам, вале ҳосилнокии он ҳанӯз ҳам дар сатҳи ғайриқаноатбахш қарор дорад. Бояд таъкид сохт, ки ин ба инфрасохтори номукаммал ва истифодаи ғайрисамарабахши он бо заминаи технологии ба таври кофӣ инкишофнаёфта, таназзули хок ва талафоти эҳтимолии захираҳои замин ва об аз сабаби тағйирёбии манфии шароити табиӣ вобаста аст. Таъсири афзоиши босуръати аҳолии кишвар ва тамоюлҳое, ки дар бозорҳои озуқавории ҷаҳон ба вуҷуд омада истодаанд, дида мешавад. Дар чунин шароит зарурати пурзӯр намудани ислоҳоти ниҳодӣ ва сохторӣ ба миён меояд.

Дар шароити муосир омилҳоеро, ки ба раванди такрористеҳсол таъсир мерасонанд бояд мушаххас карда шаванд. Дар амалия онҳо ҳам характери умумии иқтисодӣ дошта, дар сатҳи субъектҳои идоракунии бахши кишоварзӣ зоҳир мешаванд ва ба омилҳои субъективӣ ва объективӣ ҷудо мешаванд. Дар ин миён бо мақсади таҳлили ҳолати такрористеҳсол дар корхонаҳои кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон мо омилҳои зеринро ҷудо мекунем:

- иҷтимоӣ-сиёсӣ (вазъияти геополитикӣ, вазъи иҷтимоию иқтисодии кишвар, сатҳи суботи иҷтимоию иқтисодӣ, муносибатҳои иҷтимоӣ дар ҷомеа);

- иҷтимоию иқтисодӣ (такмили фаъолияти муассисаҳо, ҳолат ва сатҳи рушди соҳаи аграрии иқтисодиёт ва бозори меҳнат, даромаднокии корхонаҳои кишоварзӣ; дараҷаи ҳавасмандгардонии моддию иҷтимоӣ ва равонии кормандон);

- хусусиятҳо ва афзалиятҳои сиёсати аграрии давлатӣ;

- самаранокӣ ва сифати истифодаи заминҳои кишоварзӣ ва дигар захираҳо, мушкилот ва тамоюлҳои он;

- шароити табиию иқлимии ҳудудҳое, ки корхонаҳои кишоварзӣ ҷойгиранд (ҳосилхезии хок, нишондихандаҳои ҳарорат, эрозияи обу шамол, офатҳои табии ва ғайра);

- мавсимӣ будани истеҳсолоти кишоварзӣ (корҳои саҳроии баҳорию тирамоҳӣ ва ғайра), дараҷаи ҳосилнокии меҳнат ва самаранокии захираҳои дигар;

- энергия ва захираҳои истеҳсолоти кишоварзӣ, сатҳи сарфаи захираҳо;

- ҷорӣ намудани технологияҳои инноватсионӣ, кишоварзии органикӣ ва мелиоратсия.

Дар натиҷаи ислоҳот сохторҳои хоҷагидории то истиқлолияти давлатӣ мавҷудбуда таҷдид карда шуда, дар заминаи онҳо шаклҳои нави хоҷагидорӣ ба вуҷуд омаданд. Айни замон дар кишвар қариб ягон колхоз ва совхоз фаъолият накарда, ҳиссаи бузурги субъектҳои хоҷагидории бахши кишоварзиро хоҷагиҳои деҳқонӣ ташкил медиҳанд (Ҷадвали 2.2.1.).

Аз ҷадвал маълум мегардад, ки дар давраи таҳлилшаванда шумораи умумии хоҷагиҳои деҳқонӣ афзоиш ёфта аз 145107 дар соли 2016 то ба 172107 дар соли 2022 зиёд гардидааст. Дар баробари ин соли 2022 дар шаҳри Душанбе низ 697 хоҷагии деҳқонӣ ба қайд гирифта шудааст, ки аксарият аз ҳисоби заминҳои ҳамроҳшуда мебошанд. Дар даври таҳлилшаванда шумораи умумии хоҷагиҳои деҳқонӣ дар ВМКБ, вилояти Суғд ва вилояти

Хатлон шумораи умумии хоҷагиҳои деҳқонӣ афзоиш ёфта, танҳо дар ноҳияи Рӯдакӣ, Нуробод, Тоҷикобод ва Роғун шумораи онҳо кам шудааст.

**Ҷадвали 2.2.1. Шумораи умумии хоҷагиҳои деҳқонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2016-2021 (воҳид)**

| | Солҳо | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 |
| **Ҷумҳурии Тоҷикистон** | **145107*** | **164631** | **172668** | **171975** | **179005** | **167009** | **172107** |
| **ш.Душанбе** | **-** | **-** | **-** | **-** | **-** | **691** | **697** |
| **ВМКБ** | **145** | **15471** | **16059** | **16007** | **16113** | **1581** | **2256** |
| **Суғд** | **57868** | **61591** | **64615** | **65174** | **66331** | **65543** | **66603** |
| **Хатлон** | **57219** | **57609** | **60212** | **58704** | **63672** | **65604** | **68090** |
| **НТҶ** | **29875** | **29960** | **31782** | **32090** | **32889** | **33590** | **34461** |
| Турсунзода | 1723 | 1786 | 2173 | 1984 | 2102 | 2253 | 2316 |
| Ҳисор | 3765 | 3914 | 3825 | 4003 | 4061 | 4074 | 4140 |
| Шаҳринав | 1140 | 881 | 1250 | 1173 | 1333 | 1695 | 1752 |
| Рӯдакӣ | 4678 | 4402 | 4983 | 5028 | 5042 | 4270 | 4359 |
| Варзоб | 287 | 662 | 656 | 660 | 661 | 580 | 599 |
| Ваҳдат | 6999 | 6681 | 7011 | 7352 | 7478 | 8733 | 8964 |
| Файзобод | 3244 | 3519 | 3586 | 3609 | 3704 | 3788 | 3862 |
| Нуробод | 904 | 910 | 910 | 911 | 909 | 786 | 850 |
| Сангвор | 518 | 557 | 562 | 565 | 564 | 564 | 575 |
| Рашт | 2589 | 2613 | 2708 | 2707 | 2714 | 2733 | 2791 |
| Тоҷикобод | 1327 | 1315 | 1360 | 1423 | 1451 | 1312 | 1401 |
| Лахш | 1631 | 1650 | 1702 | 1657 | 1803 | 1746 | 1778 |
| Роғун | 1070 | 1070 | 1056 | 1018 | 1067 | 1056 | 1074 |

*Сарчашма: Кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон (маҷмӯаи оморӣ). Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2022. -С. 328.*

Хоҷагиҳои деҳқонӣ ҳамчун шакли маъмултарини корхонаҳои кишоварзӣ дар алоҳидагӣ ҳаҷми ноустувори истеҳсолот, хароҷоти баланд барои харидани воситаҳои истеҳсолӣ ва таҷрибаи нокифоя оид ба маркетинг ва фурӯши маҳсулот доранд. Аз шумораи умумии хоҷагиҳои деҳқонӣ 2 фоизро кооперативҳо ташкил медиҳанд.

Бо мақсади арзёбии вазъи такрористеҳсол дар корхонаҳои кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон мо бо истифода аз маълумотҳои дастрасшуда самаранокии онро таҳлил намудем. Барои мисол дар Кооперативи тиҷоратии «Абдуҳафизсаркор»-и ноҳияи Бобоҷон Ғафуров, ки соли 1996 таъсис дода шуда, 22 га. замин дорад ва ба истеҳсолу фурӯши зардолу, шафтолу, бодом, чормағз, гандум, пиёз, помидор, хӯроки чорво, коҳ ва ҷуворимакка машғул аст бо мақсади такрористеҳсоли воситаҳои

асосӣ як қатор корхо ба анҷом расонида шудааст. Бо ин мақсад соли 2013 дар коооперативи мазкур бо мақсади парвариши меваҳои ситрусӣ гармхонаи махсус бунёд карда шудааст.

Дар заминаи тақвияти фаъолият дар самти такрористеҳсоли воситаҳои асосӣ айни замон коопертиви тиҷоратии «Абдуҳафизсаркор» 40-80 тонна зардолу,5,8 тонна шафтолу, 05-1 тонна чормағз, 150-220 тонна пиёз, 15-20 тонна гандум, 3 тонна лимон ва 20-30 тонна хӯроки чорво истеҳсол мекунад. Афзоиши истеҳсолот дар заминаи дуруст ба роҳ мондани такрористеҳсоли воситаҳои асосӣ, аз он ҷумла таъмини техникии раванди истеҳсолот сурат гирифтааст. Барои мисол дар ин давра як трансформатор бо иқтидори 100 Вт. ва ду чоҳи об ба истифода дода шудааст, ки иқтидории умумии онҳо 180м.$^{3}$/соат об мебошад.

Сохтори идоракунии кооперативи мазкур дар асоси риояи принсипи самаранокии максималӣ ташкил карда шуда, фаъолияти молиявю хоҷагидории он дар заминаи сохтори функсионалии идоракунӣ идора карда мешавад (Расми 2.2.1.).




**Расми 2.2.1. Сохтори идоракунии Кооперативи тиҷоратии «Абдуҳафиз Саркор»**

**Сарчашма:** Бизнес-нақшаи рушди комплексии Кооперативи тиҷоратии «Абдуҳафиз Саркор». Реҷаи дастрасӣ: https://tpp74.ru/storage/fales1.pdf

Таҳлили сохтори идоракунии КТ «Абдуҳафиз Саркор» нишон медиҳад, ки дар он салоҳиятҳои идоракунӣ аз рӯи принсипи функсионалӣ

тақсим карда шуда, самаранокии фаъолияти хоҷагидориро таъмин мекунад. Вобаста ба ин солҳои охир динамикаи нишондиҳандаҳои асосии фаъолияти кооператив тамоюли мусбӣ дошта, ин пеш аз ҳама ба самаранокии сохтори идоракунӣ ва натиҷабахшии раванди такрористеҳсол вобаста мебошад. Дар баробари ин омодакунии кадрҳо ва такмили ихтисоси онҳо низ ба натиҷаҳои молиявии фаъолияти корхона таъсири мусбӣ расонида, дар кооператив ба такрористеҳсолкунии кадрҳои низ таваҷҷуҳи хоса зоҳир карда мешавад.

Таҳлили фаъолияти корхонаи мазкур нишон дод, ки бо мақсади тақвияти фаъолият дар самти такрористеҳсоли воситаҳои асосӣ ва захираҳои кадрӣ кооператив дар ҳамкорӣ бо БАТТ бизнес-нақшаи рушди стратегии корхонаро таҳия кардааст, ки дар доираи он лоиҳаи инвеститсионӣ бо арзиши умумии 3 млн. сомонӣ амалӣ карда шудааст. Маблағи пешбинишуда барои сохтани фермаи чорвои калони шохдор, таҷдиди гармхона, харидории гармхонаҳои поликарбонатӣ ва ташкили коргоҳи шир пешбинӣ шудааст. Даромаднокии лоиҳаи инвеститсионии мазкур 22,82% ташкил дода, даромаднокии он дар як сол 1 269 000 сомониро ташкил медиҳад. Маълумоти умумӣ оид ба лоиҳаи инвеститсионии рушди комплексии Кооперативи тиҷоратии ««Абдуҳафизсаркор» дар ҷадвали зерин оварда шудааст.

**Ҷадвали 2.2.2. - Лоиҳаи инвеститсионии такрористеҳсоли воситаҳои асосӣ дар КТ «Абдуҳафизсракор»- и ноҳияи Furthermore Бобоҷон Ғафуров**

| **Маблағи умумӣ** | **3 000 000 сомонӣ** |
|---|---|
| Шарти қарздиҳӣ | 7% солона барои муҳлати 5-7 сол |
| Самти истифода | Сохтмони ферма, таҷдиди гармхона, сохтмони коргоҳи шир ва харидории гармхонаи поликардонатӣ |
| Муҳлати дисконтии худхарид | 5,5 сол |
| Меъёри дохилӣ, даромаднокии лоиҳа | 22,82% |
| Даромаднокии сармоя ҳангоми r=10%/сол будан | 1 269 000 сомонӣ |

**Сарчашма:** Бизнес-нақшаи рушди комплексии Кооперативи тиҷоратии «Абдухафиз Саркор». Реҷаи дастрасӣ: https://tpp74.ru/storage/fales1.pdf

Татбиқи лоиҳаи инвеститсионии мазкур имконият дод, ки истеҳсоли гушт ва сабзавотҳои барвақтӣ ба роҳ монда шуда, шири истеҳсолмекардаи аҳолии маҳаллӣ коркард карда шавад. Дар баробари ин даромаднокии истеҳсолот боло рафта, фонди музди меҳнати кормндон низ зиёд карда шудааст. Дар ин замина фаъолияти хоҷагӣ устувор гашта, барои тавсеаи фаъолияти гуногун замина фароҳам оварда шудааст.

Таҳлили вазъи ҷойдошта ва низоми идоракунии такрористеҳсол дар Кооперативи тиҷоратии «Абдуҳафизсаркор» нишон дод, ки дар он як қатор мушкилот ба чашм мерасад. Барои мисол, нарасидани кадрҳои баландихтисоси агрономӣ, муҳандисӣ – техникӣ, сохтмончии гармхонаҳо, норасоии техникаи махсусӣ худӣ ва нокифоя будани воситаҳои гардони шахсӣ аз ҷумлаи мушкилоти кооперативи мазкур мебошанд. Дар ин замина, бо назардошти натиҷаҳои таҳлил ва арзёбии фаъолияти корхонаи кишоварзӣ пешниҳод карда мешавад, ки:

- нақшаи такрористеҳсоли воситаҳои асосӣ таҳия карда шуда, дар он ба масъалаи истифодаи таҷрибаи иҷораи молиявӣ е ин ки лизинг таваҷҷуҳ зоҳир карда шавад;

- нақшаи омодакунии кадрҳои зарурӣ таҳия карда шуда, дар баробари ин курсҳои бозомӯзӣ ва такмили ихтисоси коргарони техникӣ ва муҳандисии кооператив амалӣ карда шавад;

- фаъолияти молиявии кооператив ба тартиб даровардa шуда, низоми идоракунии молияи корхона бо истифода аз барномаҳои махсуси соҳавӣ ва технологияҳои рақамӣ такмил дода шавад.

Яке аз корхонаҳои калони соҳа, ки на танҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, балки берун аз он низ шинохта шудааст ин ҶДММ «Исфарафуд» мебошад, ки ба коркарди меваи хушк ва чормағз машғул мебошад. Корхонаи мазкур соли 2010 таъсис дода шуда, дар он 60 нафар фаъолият мекунанд. Иқтидори истеҳсолии корхона дар як сол зиёда аз 800 т. меваи хушк ва чормағзро ташкил медиҳад. Корхона маҳсулоти худро ба

кишварҳои хориҷӣ, асосан ба Россия, Белоруссия ва Қазоқистон содирот намуда, солҳои охир ба бозорҳои ИМА ва Канада низ содирот мекунад.

Бо мақсади такрористеҳсоли воситаҳои асосӣ ва тақвияти истеҳсолоти ба содирот нигаронидашуда дар корхона лоиҳаи инвеститсионии васлу насби хати ҷудокунии донак аз зардолу таҳия ва татбиқ карда шудааст. Бо ин мақсад таҷҳизоти истеҳсоли Аргентина пешбинӣ шудааст, ки арзиши харидорӣ, ҳамлу нақл ва васлу насби он қариб 900 000 сомониро ташкил медиҳад. Ҳосилнокии кори дастгоҳ 100-120 кг дар як соатро ташкил дода, дар тақвияти иқтидори истеҳсолии корхона ва баланд бардоштани ҳосилнокии меҳнат нақши калон дорад.

Дар баробари ин дар ҳамкорӣ бо БАТТ ва ҶСК «Эсхата» лоиҳаи инвеститсионии таҷдид ва азнавсозии корхона дар ҳаҷми 1 000 000 доллари ИМА татбиқ карда мешавад, ки дар заминаи он якчанд гармхонаҳои замонавӣ бунёд карда мешаванд. Татбиқи лоиҳаи мазкур имконият медиҳад, ки такрористеҳсоли воситаҳои асосӣ такмил ёфта, барои рушди корхона заминаҳои устувор муҳайё карда шавад.

Таҳлилҳо нишон медиҳад, ки ҳиссаи асосии маблағгузориҳо ба сармояи асосӣ аз ҳисоби маблағхои худии корхонаҳои кишоварзӣ, қарзҳои бонкӣ ва сарчашмаҳои грантӣ ба амал баровара мешавад. Маблағҳои худии корхонаҳои кишоварзӣ ё захираҳои молиявии худи корхонаҳо аз маблағҳои фонди истеҳлок, фоидаи тақсимнашуда, даромад аз ба иҷора додани амвол, сармояи иловагӣ ва ғайра иборатанд. Манбаи асосии худии таъминоти молиявии такрористеҳсол фоидаи тақсимнашуда мебошад, ки як қисми фоидаи дар давраи гузашта гирифтаи корхонаро тавсиф мекунад ва аз ҷониби моликон ва кормандон барои истеъмол истифода нашуда, ба рушди корхона аз нав сармоягузори карда шудааст. Мавҷудияти ин манбаъ шарти зарурӣ фаъолияти даромадноки корхона мебошад.

Дар амалияи корхонаҳои кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон тарҳи истеҳлокӣ метавонад ба сифати манбаи маблағгузории такрористеҳсоли фондҳои асосӣ бошад. Тарҳи истеҳлокӣ, чи тавре ки дар параграфи 1.3.

ишора рафта буд, дар таҷрибаи давлатҳои пешрафтаи саноатӣ истифода карда мешавад. Ин чунин маъно дорад, ки як қисми арзиши воситаҳои асосӣ барои ҷуброни фарсудашавии онҳо, яъне такрористеҳсоли онҳо бо роҳи ба арзиши аслии маҳсулоти истеҳсолшуда мувофиқи меъёрҳои мавҷудаи амалкунанда ҳамроҳ карда мешавад.

Дар мисоли корхонаҳои кишоварзии вилояти Суғд бошад манбаъҳои қарз қарзҳои дарозмуддати бонкӣ ва лизингро дар бар мегиранд. Карзҳои дарозмуҳлат бо сабабҳои баланд будани фоиз ва паст будани қобилияти корхонахои кишоварзӣ манбаи чандон самарабахши маблағгузории такрористеҳсоли фондҳои асосӣ нестанд. Дар ин замина лизинг алтернатива ба қарздиҳии дарозмуддати бонкӣ мебошад. Афзалиятҳои лизинг аз набудани ҳаракати маблағ барои хариди воситаҳои асосӣ ва имконияти истифодаи онҳо барои ҳуқуқи иҷора иборат аст.

Дар асоси таҳқиқоти анҷомшуда ҳаминро қайд менамоем, ки маблағҳои худӣ қисми асосии манбаъҳои маблағгузории такрористеҳсоли воситаҳои асосии корхонаҳои кишоварзиро ташкил медиҳанд. Дастгирии фаъолонаи давлатии корхонаҳои кишоварзӣ барои рушди онҳо зарур аст, ки ҳам ба баланд бардоштани натиҷаҳои молиявӣ ва ҳам ба ташаккули сиёсати оқилонаи истеҳлокӣ нигаронида шудааст. Сарфи назар аз зиёд будани ҳиссаи маблағгузорӣ аз ҳисоби қарзҳои бонкӣ ва дигар қарзҳо, ин соҳа ба рушди минбаъда ниёз дорад. Тағйирот ба сиёсати истеҳлокии дар Ҷумҳурии Тоҷикистон зарур буда, он ба ташаккули манбаъҳои маблағгузорӣ барои такрористеҳсоли фондҳои асосии корхонаҳо замина фароҳам месозад.

Аз ин ҷост, ки ба ақидаи муҳаққиқон фаъолияти корхонаҳои кшоварзӣ ва захираҳои онро то ҳадди имкон бештар ба такрористеҳсоли фондҳои асосӣ равона кардан кардан лозим аст. Зимнан сиёсати фаъоли илмию техникӣ, сохторӣ ва сармоягузорӣ яке аз шартҳои ҳалкунандаи расидан ба ҳадаф ва ҳадафҳои стратегии ислоҳоти бозор мебошад.

Вобаста ба имконоти мавҷуда оид ба дастрасии маълумотҳо кӯшиш ба харҷ дода шуд, ки ба ҳайси объекти таҳқиқот корхонаҳои кишоварзии

шаклҳои гуногуни хоҷагидорӣ ва бо андозаи гуногун интихоб гарданд. Қобили қайд аст, ки раванди такрористеҳсол ба ҳолати молиявию хоҷагидории корхонаҳои кишоварзӣ вобаста мебошад. Дар ҷадвали 2.2.3. нишондиҳандаҳои молявии корхонаҳои кишоварзии ноҳияи Ҳисор нишон дода шудааст.

**Ҷадвали 2.2.3. - Динамикаи арзиши аслии маҳсулот дар корхонаҳои кишоварзии ноҳияи Ҳисор дар солҳои 2019-2022 (сомонӣ)**

| Номгӯи корхонаҳои кишоварзӣ | Солҳо | | | | 2022 нисбат ба соли 2019 (+, -) |
|---|---|---|---|---|---|
| | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | |
| КТ «Ҳайдар Миров» | 1629656 | 1523659 | 609045 | 1365080 | -264576 |
| КТ «Баракати Ватан» | 1723874 | 2239242 | 1794802 | 2717887 | 994013 |
| КТ «Самар» | 625696 | 766577 | 998966 | 1015026 | 389330 |
| ҶДММ «50 с Октябр» | 1454769 | 1247139 | 1614417 | 1956322 | 501553 |
| ҶДММ «Б 15 с. ИҶТ» | 872165 | 964972 | 791441 | 838773 | -33392 |
| ҶДММ «Кишоварзони Туда» | 281036 | 338051 | 412078 | 454891 | 173855 |
| ҶСП «Кооперативи Баракат» | 589542 | 597543 | 2457028 | 846382 | 256840 |
| КТ «Сунбула» | 1026381 | 1023259 | 852783 | 783206 | -243175 |
| КВТТ «Ҳисор» | 925765 | 859910 | 812382 | 1259721 | 333956 |
| КТ «Дзержинский» | 695852 | 719947 | 864394 | 1552964 | 857112 |
| КТ «Зироаткорӣ» | 564857 | 737151 | 584415 | 902725 | 337868 |
| КН «Искич» | 508712 | 541832 | 561735 | 393707 | -115005 |

*Сарчашма: Ҳисоботи солонаи корхонаҳои кишоварзии овардашуда барои солҳои 2019-2022.*

Таҳлили ҷадвал нишон медиҳад, ки дар давраи таҳлилшаванда дар аксари корхонаҳои кишоварзии ноҳия, ба истиснои 4 корхонаи кишоварзӣ, арзиши аслии маҳсулот боло рафтааст. Сабаби асосии баланд шудани арзиши аслии маҳсулот ин зиёд шудани хароҷотҳои иловагӣ, махсусан баланд шудани нархи сӯзишворӣ, равғанҳои молиданӣ, нӯриҳои минералӣ ва ғайра мебошад. Дар ин самт ҳамчунин хароҷоти зиёди истифода қувваи корӣ ва сатҳи пасти механизатсияи низ сабаб шуда метавонанд. Аз ин рӯ, бо мақсади коҳиш додани арзиши аслии маҳсулот корхонаҳои кишоварзӣ бояд аз усулҳои инноватсионии ташкили истеҳсолот ва таъмини он бо техникаву таҷҳизоти муосир истифода кунанд.

Яке аз нишондиҳандаҳои муҳим ва шарти асосии тавсеаи раванди такрористеҳсол дар корхонаҳои кишоварзӣ ин сатҳи даромади корхонаҳо ба ҳисоб меравад. Дар ин самт солҳои охир мушкилоти зиёд ба назр расида, дар баробари афзоиши арзиши аслии маҳсулот коҳиши даромади корхонаҳо ба назар мерасад. Дар ин ҷо омилҳои гуногун ба коҳиши сатҳи даромад таъсир расонида, набудани сиёсати такрористеҳсол ва таҷдиди стратегии фаъолияти молиявию хоҷагидорӣ аз ҷумлаи онҳо мебошанд. Динамикаи даромад аз фурӯши маҳсулот дар корхонаҳои кишоварзии таҳлилшаванда дар ҷадвали зер оварда шудааст (Ҷадвали 2.2.4.).

**Ҷадвали 2.2.4. - Динамикаи даромад аз фурӯши маҳсулот дар корхонаҳои кишоварзӣ дар солҳои 2017-2022 (сомонӣ)**

| Номгӯи корхонаҳои кишоварзӣ | Солҳо | | | | | | 2022/2017 бо % |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | |
| КТ «Ҳайдар Миров» | 1194439 | 952426 | 750940 | 1439873 | 1952368 | 2865321 | 139,8 |
| КТ «Баракати Ватан» | 1450216 | 1984404 | 1410266 | 2061749 | 3652356 | 3569852 | 146,1 |
| КТ «Самар» | 826105 | 984192 | 1024436 | 1037015 | 1402658 | 1469852 | 77,9 |
| ҶДММ «50 с Октябр» | 1596744 | 1629688 | 1812500 | 1926592 | 2425632 | 2789654 | 74,7 |
| ҶДММ «Б 15 с. ИҶТ» | 1132149 | 1474715 | 695843 | 753950 | 1000365 | 1096325 | -3,1 |
| ҶДММ «Кишоварзони Туда» | 281962 | 338991 | 420980 | 252800 | 521568 | 582654 | 106,6 |
| ҶСП «Кооперативи Баракат» | 652358 | 671000 | 408763 | 460787 | 935685 | 348521 | -46,5 |
| КТ «Сунбула» | 871458 | 889613 | 866830 | 931474 | 968532 | 989632 | 13,5 |
| КВТТ «Ҳисор» | 865384 | 813020 | 912187 | 1398601 | 1412258 | 1517119 | 75,3 |
| КТ «Дзержинский» | 698562 | 788974 | 1099860 | 2546781 | 2658952 | 2689521 | 3,8 б. |
| КТ «Зироаткорӣ» | 479154 | 920699 | 676912 | 1002002 | 1006590 | 1102354 | 130,0 |
| КН «Искич» | 883455 | 682292 | 783405 | 415219 | 441449 | 498521 | -43,5 |

*Сарчашма: Ҳисоботи солонаи корхонаҳои кишоварзии овардашуда барои солҳои 2017-2022.*

Агар маълумотҳои дар ҷадвал овардашудро таҳлил намоем аён мегардад, ки дар аксар корхонаҳои кишоварзӣ даромаднокӣ бо фоизи баланд ва ҳатто ба маротиб афзоиш ёфта, дар баробари ин дар ҶДММ «»15 солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» -3,1%, дар ХТ « Сунбула» -46,5% ва дар КН «Искич» 43,5% даромад аз фурӯш коҳиш ёфтааст. Яке аз сабабҳои асосии коҳиш ёфтани даромад аз фурӯши маҳсулот дар баъзе хоҷагиҳо ба фаъолияти онҳо дар самти чораҳои агротехникӣ ва идораи нодурусти захираҳои молиявӣ ба ҳисоб меравад.

Коҳиши сатҳи даромад аз фурӯши маҳсулот ба кам шудани ҳаҷми фоида ва афзоиш ёфтани зарар оварда мерасонад (Ҷадвали 2.2.5.). Таҳлили ҷадвал нишон медиҳад, ки дар корхонаҳои кишоварзии таҳлилшаванда фоидаи динамикаи гуногунранг дошта, дар аксари ҳолат ё кам нишон дода мешавад, ё бо мақсади пардохти андози камтар дар омори расмӣ нишон дода намешавад. Барои мисол дар соли 2022 танҳо дар ҶСП «Баракат» бузургии манфӣ ба назар расида, дар аксар дигар корхонаҳои кишоварзӣ тамоюли мусбӣ ба чашм мерасад.

Аз натиҷаи ҷадвали боло бар меояд, ки дар давраи таҳлилшаванда аксар корхонаҳои кишоварзӣ фаъолияти худро мусбӣ ба анҷом расониданд. Дар ин давра ҶДММ «15-солагии Истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон», ҶСП «Кооперативи Баракат», ҶДММ «Кишоварзони Туда» ва КН «Искич» фаъолияти худро манфӣ ба анҷом расониданд, яъне дар давраи таҳлилшаванда нишондиҳанда манфӣ буда, вале дар муқоиса ба соли гузашта дар ду соли охир тамоюю мусбӣ доранд.

**Ҷадвали 2.2.5. Фоида (зарар) аз фурӯши маҳсулот дар корхонаҳои кишоварзӣ дар солҳои 2017-2022 (сомонӣ)**

| Номгӯи корхонаҳои кишоварзӣ | Солҳо | | | | | | 2022/2017 бо % |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | |
| КТ «Ҳайдар Миров» | -435217 | -571233 | 141895 | 74793 | 221943 | 207000 | -228217 |
| КТ «Баракати Ватан» | -273658 | -254838 | -384536 | -656138 | 549788 | 117527 | -156131 |
| КТ «Самар» | 200409 | 217615 | 25470 | 21989 | 192398 | 12867 | 213276 |
| ҶДММ «50 с Октябр» | 141975 | 382549 | 198083 | -29730 | 189043 | 104499 | 246474 |
| ҶДММ «Б 15 с. ИҶТ» | 259984 | 509743 | -95598 | -84823 | 14733 | 96066 | 356050 |
| ҶДММ «Кишоварзони Туда» | 926 | 940 | 8902 | -202091 | 23910 | 49996 | 50922 |
| ҶСП «Кооперативи Баракат» | 62816 | 73457 | -2048265 | -385595 | 62720 | -544068 | -481252 |
| КТ «Сунбула» | -154923 | -133646 | 14047 | 148268 | 158131 | 107036 | -47887 |
| КВТТ «Ҳисор» | -60381 | -46890 | 99805 | 138880 | 43010 | 85854 | 25473 |
| КТ «Дзержинский» | 2710 | 69027 | 235466 | 993817 | 1005965 | 988263 | 990973 |
| КТ «Зироаткорӣ» | -85703 | 183548 | 92497 | 99277 | 44001 | 76369 | -9334 |
| КН «Искич» | 374743 | 140460 | 221670 | 21512 | 39461 | 49238 | 423981 |

*Сарчашма: Ҳисоботи солонаи корхонаҳои кишоварзии овардашуда барои солҳои 2017-2022.*

Корхонаҳои кишоварзие, ки дар давраи таҳлилшаванда динамикаи мусбӣ доранд, вобаста ба иқтидори истеҳсоли ва имкониятҳои рушд даромади кам ба даст овардаанд. Рақамҳои ҷадвал аз он шаҳодат медиҳад, ки бо чунин сатҳи даромад тақвияти раванди такрористеҳсоли васеъ дар корхонаҳои кишоварзӣ ғайриимкон аст. Таҳлил ҷадвалҳо нишон медиҳад, ки тайи солҳои 2019-2022 арзиши аслии маҳсулот ва даромад аз фурӯши он дар корхонаҳои кишоварзии шаҳри Ҳисор динамикаи гуногун дошта, новобаста аз ин дар ҳамин корхонаҳо ҷиҳати анҷом додани чорабиниҳое, ки ба такмили сиёсати такрористеҳсол равона карда шудаанд, корҳои мушаххас ба анҷом расонида шудааст.

Қобили қайд аст, ки дар корхонаҳои мазкур ба такрористеҳсоли кадрҳо низ аҳамияти хоса зоҳир намуда, дар ин раванд тавассути баланд бардории музди меҳнат ва танзими шароити мусоид шароит фароҳам оварда мешавад (ҷадвали 2.2.6.).

**Ҷадвали 2.2.6. Динамикаи шумораи кормандон дар корхонаҳои кишоварзии ноҳияи Ҳисор дар солҳои 2019-2022**

| Номгӯи корхонаҳои кишоварзӣ | Солҳо | | | | 2022 нисбат ба соли 2019 (+, -) |
|---|---|---|---|---|---|
| | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | |
| КТ «Ҳайдар Миров» | 165 | 75 | 56 | 55 | -110 |
| КТ «Баракати Ватан» | 88 | 89 | 73 | 81 | -7 |
| КТ «Самар» | 22 | 20 | 21 | 21 | -1 |
| ҶДММ «50 с Октябр» | 118 | 100 | 106 | 99 | - 19 |
| ҶДММ «Б 15 с. ИҶТ» | 247 | 241 | 235 | 205 | -42 |
| ҶДММ «Кишоварзони Туда» | 25 | 27 | 27 | 27 | -2 |
| ҶСП «Кооперативи Баракат» | 25 | 26 | 27 | 27 | -2 |
| КТ «Сунбула» | 307 | 314 | 301 | 313 | 6 |
| КВТТ «Ҳисор» | 101 | 74 | 65 | 96 | -5 |
| КТ «Дзержинский» | 111 | 113 | 150 | 150 | 39 |
| КТ «Зироаткорӣ» | 163 | 86 | 63 | 63 | -100 |
| КН «Искич» | 72 | 77 | 61 | 50 | -22 |

*Сарчашма: Ҳисоботи солонаи корхонаҳои кишоварзии овардашуда барои солҳои 2019-2022.*

Дар давраи таҳлилшаванда қариб дар тамоми корхонаҳои кишоварзӣ шумораи кормандон коҳиш ёфта, дар ин давра ба масъалаи такрористеҳсоли кадрҳо низ таваҷҷуҳи зарурӣ зоҳир карда нашудааст. Дар баробари ин яке аз масъалаҳои мубрам ва ҳалталаби корхонаҳои кишоварзии

таҳлилшаванда ин норасоии кадрҳои агрономӣ, муҳандисӣ-техникӣ, ветеринарҳо ва кормандони соҳаи боғу токпарварӣ ва гармхонаҳо ба ҳисоб меравад. Аз ин рӯ, дар баробари тақвияти низоми идоракунии такрористеҳсоли воситаҳои асосӣ бояд ба масъалаҳои такрористеҳсоли захираҳои кадрӣ низ таваҷҷуҳ зоҳир карда шавад.

Бахши кишоварзӣ аз ҷумлаи бахшҳои иқтисодиёти миллӣ ба ҳисоб меравад, ки бо сатҳи пасти музди меҳнат тавсиф дода мешавад. Дар баробари мавсимӣ будани кор дар ин бахш, ҳамчунин музди меҳнати паст сабаби асосии аз рафтани мутхассисон ва сатҳи баланди сайлонияти кадрҳои соҳибтахассус мебошад. Дар ҷадвали зерин динамикаи музди маоши кормандон дар корхонаҳои кишоварзии таҳлилшаванда оварда шудааст (ҷадвали 2.2.7.).

**Ҷадвали 2.2.7. Динамикаи фонди музди меҳнати кормандон дар корхонаҳои кишоварзии ноҳияи Ҳисор дар солҳои 2019-2022**

| Номгӯи корхонаҳои кишоварзӣ | Солҳо | | | | 2022 нисбат ба соли 2019 (+, -) |
|---|---|---|---|---|---|
| | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | |
| КТ «Ҳайдар Миров» | 422919 | 36854 | 188497 | 261000 | -161919 |
| КТ «Баракати Ватан» | 678745 | 685174 | 620482 | 642807 | -35938 |
| КТ «Самар» | 83467 | 89244 | 100311 | 101843 | 18376 |
| ҶДММ «50 с Октябр» | 462066 | 328484 | 395667 | 412565 | -49501 |
| ҶДММ «Б 15 с. ИҶТ» | 313577 | 477324 | 367202 | 423846 | 110269 |
| ҶДММ «Кишоварзони Туда» | 113260 | 120363 | 140114 | 167279 | 54019 |
| ҶСП «Кооперативи Баракат» | 246525 | 269047 | 337531 | 327805 | 81280 |
| КТ «Сунбула» | 332984 | 367810 | 400584 | 392637 | 59653 |
| КВТТ «Ҳисор» | 299573 | 240295 | 239683 | 347591 | 48018 |
| КТ «Дзержинский» | 256584 | 270226 | 335145 | 335347 | 78763 |
| КТ «Зироаткорӣ» | 173545 | 157534 | 203585 | 229861 | 56316 |
| КН «Искич» | 228322 | 301865 | 262829 | 266130 | 37808 |

*Сарчашма: Ҳисоботи солонаи корхонаҳои кишоварзии овардашуда барои солҳои 2019-2022.*

Таҳлили нишонддҳои ҷадвал аз он шаҳодат медиҳад, ки солҳои охир дар корхонаҳои кишоварзии ноҳия фонди музди мҳнати кормандон афзоиш ёфта, дар ин замина ба такрористеҳсоли кадрҳо, яъне такмили ихтисос ва ҳавасмандгардонии онҳо таваҷҷуҳ карда мешавад. Таҳлили рақамҳои ҷадвал нишон медиҳад, ки тавассути такмили базаи моддию техникии

корхонаҳо ва густариши равандҳои такрористеҳсол оқилонасозии сохтори кадрҳо амалӣ карда шуда, солҳои охир тағйиротҳои мушаххас дар сохтори кадрҳо ва фонди музди меҳнат ба вуҷуд омадааст.

Ба раванди такрористеҳсол дар бахши аграрӣ як қатор омилҳо таъсир мерасонанд, ки дар байни онҳо фаъолияти сармоягузорӣ нақши марказӣ дорад. Чи тавре ки омори расми нишон медиҳад солҳои охир фаъолияти инвеститсионӣ дар корхонаҳои кишоварзӣ ва ҷалби сармояи мустақими хориҷӣ тамоюли мусбӣ дошта, дар густариши ҷараёни такрористеҳсол дар бахши кишоварзӣ омили муайянкунанда ба ҳисоб меравад.

Барои рушди соҳаи кишоварзӣ бо ҷалби сармояи хориҷӣ тавассути Муассисаи давлатии «Рушди соҳибкорӣ дар соҳаи кишоварзӣ» Лоиҳаи тиҷоратикунонӣ ва аз тарафи Муассисаи давлатии "Маркази идораи "Лоиҳаи чорводорӣ ва чарогоҳҳо" Лоиҳаи «Рушди чорводорӣ ва чарогоҳҳо-II» ва лоиҳаи "Дастгирии соҳаи кишоварзӣ дар заминаи ҷомеа" татбиқ гардида истодааст, ки татбиқи самаранокии лоиҳаҳо таҳти назорати доимӣ қарор дорад.

Дар баробари ҷалби сармоягузориҳои хориҷӣ дар густариши равандҳои такрористеҳсол нақши асосиро дастгирӣ ва танзими давдатӣ иҷро мекунад. Вобаста ба ин солҳои охир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади суръатбахшии равандҳои такрористеҳсол ва навсозии базаи моддию техникии соҳа аз ҳисоби маблағҳои буҷетӣ тавассути механизми лоиҳаҳои давлатӣ маблағҳои муайян ҷудо карда мешаванд (ҷадвали 2.2.8).

**Ҷадвали 2.2.8. Ҳаҷми маблағгузориҳои асосӣ барои сохтмони асосӣ аз ҳисоби буҷети давлатӣ (млн. сомони)**

| Нишондиҳандаҳо | Солхо | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 |
| Ҳамагӣ дар ҷумҳурӣ | 3375,4 | 3755,6 | 4235,2 | 4685,0 | 5247,2 | 21298,4 |
| Аз он ҷумла: | | | | | | |
| Дар кишоварзӣ | 17,8 | 20,5 | 20,9 | 24,4 | 26,6 | 110,3 |
| Бо % | 0,52 | 0,54 | 0,49 | 0,52 | 0,50 | 0,52 |

*Сарчашма: Барномаҳои инвеститсионии давлатӣ барои солҳои 2016-2020. Душанбе, 2015. С. 16.*

Таҳлили ҷадвал нишон медиҳад, ки барои солҳои 2016-2020 аз ҳисоби буҷети давлатӣ барои сохтмони асосӣ 21,3 млрд. сомонӣ ҷудо карда мешавад, ки аз ин 110,3 млн. сомониаш ба бахши кишоварзӣ рост меояд. Яъне, дар давраи нишондодашуда барои сохтмони асосӣ дар бахши кишоварзӣ, ки аз рӯйи моҳият такрористеҳсоли воситаҳои асосиро дар назар дорад 110,3 млн. сомонӣ маблағ ҷудо карда шудааст.

Дар баробари ин як қатор лоиҳаҳои инвеститсионӣ дар самту соҳаҳои гуногуни бахши кишоварзӣ амалӣ карда мешаванд, ки ба суръати такрористеҳсол дар бахши кишоварзӣ такконбахш ба ҳисоб мераванд. Барои мисол айни замон дар иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон 144 лоиҳаи инвеститсионӣ татбиқ шуда истодааст, ки 3 лоиҳа ба кишоварзӣ ва 14 лоиҳа ба инфрасохтори обёрӣ тааалуқ дорад (ҷадвали 2.2.9.).

**Ҷадвали 2.2.9. - Амалисозии лоиҳаҳои инвеститсионӣ дар доираи Барномаҳои давлатии инвеститсионӣ барои солҳои 2016-2020**

| **Нишондиҳандаҳо** | **Шумораи лоиҳаҳо** | **Маблағ бо млн. доллар** | **Бо %** |
|---|---|---|---|
| Ҳамагӣ дар ҷумҳарӣ | 144 | 17366,3 | 100 |
| аз он ҷумла: | | | |
| Дар кишоварзӣ | 3 | 27,6 | 0,2 |
| Обёрӣ | 14 | 1457,4 | 8,4 |

**Сарчашма:** Барномаҳои инвеститсионии давлатӣ барои солҳои 2016-2020. Душанбе, 2015. С. 43.

Қобили қайд аст, ки чораҳои андешидашуда барои тавсеаи ҷараёни такрористеҳсол дар бахши аграрӣ кифоя нест. Ба андешаи мо дар марҳилаи муосири рушд зарурати таҳия ва татбиқи молистеҳсолкунандагони кишоварзӣ, ки ба баландбардории суръати такрористеҳсол ва такмили идоракунии он равона карда шудааст, ба миён омадаст.

Дар натиҷаи истифодаи сармояи худӣ ва ҷалбшуда солҳои охир дар самти такрористеҳсоли воситаҳои асосӣ дар соҳаҳои гунонуни иқтисодиёт динамикаи мусбӣ ба назар мерасад. Дар ин хусус мутобиқи маълумоти

омори расмӣ бахши кишоварзӣ ва зерсоҳаҳои он низ бо воситаҳои асосии нав таъмин карда мешаванд (Ҷадвали 2.2.10. ).

**Ҷадвали 2.2.10. Воситаҳои асосӣ аз рӯйи соҳаҳои иқтисодӣ (арзиши тавозуни пурра млн. сомонӣ)**

| Соҳаҳо | Солҳо | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 |
| **Ҳамаи воситаҳои асосӣ** | 51 218,7 | 55 841,9 | 70 451,9 | 72 913,7 | 88 997,0 | 97 177,4 | 107 998,6 |
| аз руи намуди фаъолияти иқтисодӣ | | | | | | | |
| **кишоварзӣ, шикор ҷангал** | **1112,3** | **1370,4** | **1524,6** | **1579,3** | **3093,5** | **3276,1** | **3973,5** |
| **моҳипарварӣ** | **3,2** | **4,3** | **4,3** | **4,4** | **3,4** | **3,6** | **4,0** |
| саноати истихроҷ | 2906,3 | 3487 | 5090,1 | 5993,8 | 3824,9 | 4804 | 6930,2 |
| саноати коркард | 11089,4 | 12921,4 | 20654,5 | 16697,5 | 19030,4 | 20560,6 | 19999,5 |
| истеҳсол ва тақсимоти нерӯи барқ, газ ва об | 8341,3 | 8398,5 | 10763,1 | 12399,6 | 15893,6 | 16518,1 | 23049,4 |
| сохтмон | 767,4 | 1478,9 | 2092 | 2701 | 10429,3 | 12780,3 | 13522,1 |
| савдои яклухт ва чакана; таъмири мошинҳо, молҳои маишӣ ва ашёи шахсӣ | 390,4 | 419,2 | 519,3 | 624,2 | 1060,6 | 1120,1 | 1500,1 |
| нақлиёт ва алоқа | 10893,6 | 13053,9 | 13689,1 | 14974,6 | 12052,6 | 13090,9 | 12512,4 |

**Сарчашма:** Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе, 2022. -С. 126.

Таҳлили ҷадвал нишон медиҳад, ки дар бахши кишоварзӣ шикор ва ҷангал дар соли 2021 нисбат ба соли 2015 арзиши пурраи воситаҳои асосӣ қариб 3 баробар афзоиш ёфта, дар ин замина базаи моддию техникӣ ва фондмуҷаҳҳазии истеҳсолоти кишоварзӣ таъмин карда шуд.

Тақсимоти ҷамъиятии меҳнат аз хусусиятҳои хоси истеҳсолоти кишоварзӣ, қонуниятҳои иқтисодӣ ва табиии раванди экстенсивии такрористеҳсол ба вучуд меояд. Қонуниятҳои иқтисодӣ ва табиии раванди экстенсивии такрористеҳсол дар навбати худ, ба дараҷаи тақсимоти ҷамъиятии меҳнат дар кишоварзӣ, инчунин ба дараҷаи махсусгардонии истеҳсолот таъсири калон мерасонад. Баробари баланд шудани дараҷаи тараққиёти қувваҳои истеҳсолкунанда махсусгардонӣ ва тақсимоти меҳнат

ба таври табиӣ амиқтар мегардад. Дар асоси тақсимоти ҷамъиятии меҳнат дар ҳамаи соҳаҳои кишоварзӣ инкишофи илмию техникиро ба амал баровардан мумкин аст. Ин раванд боиси баланд шудани ҳосилнокии меҳнат, пай дар пай такмил додани технологияи дар истеҳсолот истифодашаванда, такмил додани таҷрибаи истеҳсолӣ ва пай дар пай вусъат ёфтани истеҳсолоти ҷамъиятӣ мегардад. Ҳамин тавр, инкишофи тақсимоти ҷамъиятии меҳнат дар натиҷа мунтазам ташкил ва такмил додани истеҳсолотро муайян мекунад.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки сарфи назар аз тадбирҳое, ки ҷиҳати беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар кишвар андешида шудаанд, ҳаҷми сармоягузорӣ дар сатҳи на бештар аз 3 фоизи ҳаҷми умумии сармоягузориҳои ба иқтисодиёти кишвар воридшударо ташкил менамояд ва тибқи маълумоти Созмони озуқаворӣ ва кишоварзии Созмони Милали Муттаҳид ҳиссаи кишоварзӣ дар ташаккули умумии сармояи асосӣ 6 фоиз ва ҳиссаи ин соҳа дар ҳаҷми умумии қарзҳо дар ҳамаи соҳаҳои иқтисодиёти Тоҷикистон 8,5 фоизро ташкил медиҳад, ки бо дарназардошти аҳамияти соҳаи кишоварзӣ барои иқтисодиёти мамлакат начандон калон аст.

Тақсимоти нобаробари сармоягузорӣ дар зерсоҳаҳои кишоварзӣ назаррас буда, маблағи зиёд ба зерсоҳаҳои растанипарварӣ, чорводорӣ ва хизматрасонии агротехникӣ равона шудааст. Ҷолибияти сармоягузорӣ ба соҳаи кишоварзӣ аз ҳисоби нопурра амалӣ шудани ислоҳот ва парокандагии маҳсулотистеҳсолкунандагон боздошта мешавад.

Зимни суръатбахшии ҷараёни такрористеҳсол ва идоракунии он бо назардошти хусусиятҳои бахши кишоварзӣ бояд омилҳо ва хавфҳои ҷойдошта ба инобат гирифта шаванд. Ба андешаи мо омилҳое, ки ба суръати такрористеҳсол ва идораи он таъсир мерасонанд ба омилҳои обективӣ ва субъективӣ ҷудо намудан мумкин аст. ба омилҳои объективие, ки ҷараёни такрористеҳсолро дар бахши кишоварзӣ муаян мекунанд инҳо дохил мешаванд: сохтори истеҳсолоти кишоварзӣ, махсусияти сармояи асосӣ,

истифодаи замин ҳамчун воситаи асосӣ, мавҷудияти хавфҳои истеҳсолӣ ва маҳдудияти имкониятҳои диверсификатсияи маҳсулоти кишоварзӣ.

Ба омилҳои субъективие, ки ба ҷараёни такрористеҳсолӣ таъсир мерасонанд инҳо шомиланд: бозори устувори маҳсулот ва захираҳои кишоварзӣ, мавҷудияти фурӯшандагони зиёд, набудани бозори замин, диспаритети нархҳо ва сохтори маблағгузориҳо ба сармояи асосӣ.

Дар шароити муосир ба суръати ҷараёнҳои такрористеҳсол дар бахши кишоварзӣ ва тақвияти фаъолияти инвеститсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон метавон хавфҳои зеринро номбар намуд: маҳдудияти маблағгузории давлатӣ ва сатҳи пасти самаранокии татбиқи ва идоракунии лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар бахши кишоварзӣ; таъсири бевоситаи иқлим ва равандҳои табиӣ ба истеҳсолоти кишоварзӣ, ки метавонад ба ҳосилнокӣ, ҳаҷми истеҳсолот ва ҷолибияти инвеститсионӣ таъсир расонад; эҳтимолияти паҳншавии касалиҳои гуногун дар чорводорӣ ва растанипарварӣ; хавфҳое, ки ба тағийрёбии нархҳо, сохтори бозор ва дигар омилҳои иқтисодӣ алоқаманд.

Таҳлил нишон дод, ки дар як қатор корхонаҳои кишоварзӣ асосан захираҳои каммаҳсул истифода мешаванд. Вобаста ба ин ҷиҳати дар истеҳсолот ҷорӣ намудани технологияи сарфаи захираҳо ҳамчун самти асосии татбиқи принсипи интенсификатсияи такрористеҳсол истифода бурдан мумкин аст. Технологияи сарфакунандаи захираҳо асосан барои кам кардани сарфи бевоситаи меҳнат, кам кардани ғунҷоиши моддии маҳсулот, ташкили самараноки раванди истеҳсолот, инчунин ҳифзи муҳити экологии вобаста ба истифодаи захираҳои замин ва ниҳоят истифода бурдан мумкин аст.

Дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон истифодаи таҷрибаи киштгардон ҳамчун омили муҳими интенсификатсияи такрористеҳсоли захираҳои замин дар роҳи бомуваффақият ба амал баровардани раванди экстенсивии такрористеҳсол дар корхонаҳои кишоварзӣ, мавҷуд будани техника ва ҷалб намудани кадрҳои ихтисоснок низ омилҳои муҳим мебошанд. Бояд гуфт, ки

такмил додани техника, махсусан дар корхонахонаҳои бахши аграрии иқтисодиёт омили асосии интенсификатсия тавсиф карда мешавад ва дар ин маврид роҳҳои зеринро ба кор бурдан лозим аст:

- беҳтар намудани сифати ба амал баровардани тадбирҳои агротехникӣ дар ташкилотҳои кишоварзӣ ва баланд бардоштани дараҷаи истифодаи нуриҳо;

- истифодаи навъҳои серҳосили растаниҳо;

- татбиқи нақшаи самарабахши ҷойгиркунии истеҳсолот, ки бо истифодаи самараноки растаниҳо, инчунин замин ва таҷҳизот алоқаманд аст;

- такмил додани идоракунии технология дар ҳамаи марҳалиҳои истеҳсолот дар кишоварзӣ, аз ҷумла ба амал баровардани тадбирҳои агротехникии истеҳсоли махсулот ва дар ҳамаи мавридҳои ҷамъоварии ҳосил.

Тавре дар суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар охири соли 2009 зикр гардида буд, таъмини амнияти озуқавории кишвар аз интенсификатсия ва диверсификатсияи истеҳсолоти кишоварзӣ оғоз мешавад. Барои ноил шудан ба ин мақсадҳо, пеш аз хама, дар назди Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мақомоти иҷроияи маҳаллӣ вазифаҳои муҳим ҷиҳати тақвияти раванди такрористеҳсол меистад.

Ҳамин тавр, таҳлил вазъи молиявию хоҷагидории як қатор корхонаҳои кишоварзӣ нишон дод, ки имкониятҳои молиявии онҳо барои тавсеаи раванди такрористеҳсол кифоя набуда, дар баробари ин дар ин самт ташаббуҳои муассир ба назар намерасад. Аксари корхонаҳо ба навкунии техникӣ ва технологӣ ниёз дошта, раванди такрористеҳсол маблағҳои зиёдро тақозо мекунад. Аз ин рӯ, агар низоми нави идоракунии такрористеҳсол ҷорӣ карда нашавад, раванди қабули қарор мураккаб гардида, барои рушди устувори бахши аграрӣ мусоида намекунад.

## §2.3. Ташаккули модели идоракунии такрористеҳсоли сармояи асосӣ дар корхонаҳои кишоварзӣ

Идоракунии такрористеҳсоли сармояи асосӣ дар ташкилотҳои кишоварзӣ ба мувозинат ва ҳамоҳангсозии се ҷузъ нигаронида шудааст: ташаккули сармояи асосӣ, истифодаи самаранок ва таҷдиди иншоот ва воситаҳои нави меҳнат. Ҳамзамон, асоснок кардани шаклҳои интихобшудаи идоракунӣ, баҳодиҳии хавфҳо, мувофиқати манбаъҳои маблағгузорӣ барои чорабиниҳои банақшагирифташуда ва баҳодиҳии самарабахшии онҳо муҳим аст. Маҷмӯи ин амалҳо сиёсати таҷдиди сармояи асосиро тақозо мекунад.

Ба андешаи мо, низоми идоракунии бесамар ва таҷрибаи истифодабарии ғайриоқилонаи иқтидори корхонаҳои кишоварзӣ ба он оварда мерасонад, ки дар давраи миёнамуҳлат ва дарозмуддат рушди устувори корхонаҳои кишоварзӣ душвор мегардад. Дар ин замина ҳолати ҷойдошта тақозо мекунад, ки таҷрибаи пешқадами идоракунии захираҳо ва иқтидори корхонаҳо, аз он ҷумла тавассути ташаккули низоми мукаммал ва самараноки идоракунии раванди такрористеҳсол ташкил карда шавад.дар ин самт бояд пеш аз ҳама менеҷерони худи корхонаҳои кишоварзӣ ва масъулони соҳа дар сатҳи минтақавӣ чораандешӣ карда, таҷрибаи такя ба дастгирӣ ва таҳкими давлатии соҳа бояд аз байн бурда шавад.

Айни замон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низоми идоракунии давлатии раванди такрористеҳсол дар соҳаи кишоварзӣ тавассути мақомотҳои маркази идоракунии давлатӣ, мақомотҳои функсионалӣ, назоратӣ ва соҳавӣ амалӣ карда мешавад. Салоҳият ва доираҳои фаъолияти институтсионалии сохторҳои мазкурро асноди меъёриву ҳуқуқии дахлдор муайян намуда, вобаста ба он раванди такрористеҳсол дар соҳаи кишоварзӣ танзим ва идора карда мешавад. Дар баробари ин сохтори мавҷуда фарогири соҳаи илм ва таълимоти соҳавӣ буда, ҳамзамон низоми омодакунии кадрҳо ва тақвияти равандҳои такрористеҳсоли қувваи кориро низ дар бар мегирад (расми 2.3.1.).




**Расми. 2.3.1. Низоми идоракунии давлатии раванди такрористеҳсол дар соҳаи кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

***Сарчашма:*** *таҳияи муаллиф*

Имрӯзҳо, дар шароити рақобати шадид, аҳамияти идоракунии самарабахши раванди такрористеҳсол якбора меафзояд. Қаблан корхонаҳо метавонистанд мустақилона ва бомуваффақият рушд карда, танҳо ба ҷанбаҳои дохилии фаъолияти худ таваҷҷуҳ зоҳир намоянд. Дар шароити муосир, ин кофӣ нест, зеро корхонаҳо бояд ба шароити тағирёбандаи муҳити беруна саривақт ва мунтазам вокуниш нишон дода, тавонанд шароити бозор ва хавфҳои ба вуҷудомадаро пешгӯӣ кунанд, ки ин дар натиҷаи таҳияи нақшаи чорабиниҳо имконпазир мегардад. Дар чунин шароит идоракунии раванди такрористеҳсоли воситаҳои асосӣ мақоми махсусро ишғол мекунад. Аз нуқтаи назари мо, самаранокии идоракунии такрористеҳсоли воситаҳои асосиро дар соҳаи кишоварзӣ бо риояи шартҳои зерин арзёбӣ кардан мумкин аст:

- корхона бо сармояи асосӣ дар ҳолати зарурӣ таъмин карда мешавад, ки ба кам шудани сарборӣ ба воҳиди таҷҳизот ва имконияти афзоиши ҳаҷми маҳсулот таъсир мерасонад;

- ҳолати босифати сармояи асосӣ ба даст оварда шудааст, ки афзоиши ҳаҷми истеҳсолот ва рақобатпазирии маҳсулотро таъмин мекунад;

- баргардонидани маблағҳои ба фондҳои асосӣ гузошташуда меафзояд, вақти гардиши он коҳиш меёбад ва барои барқарорсозии минбаъдаи оддӣ ва васеи он дар шакли натуралӣ захираҳои зарурӣ (фоида ва амортизатсия) мавҷуданд.

Дар ин замина қисми аз ҳама муҳим ва фаъолро дар системаи идоракунии такрористеҳсоли воситаҳои асосӣ дар соҳаи кишоварзӣ механизми ташкилию иқтисодии он ишғол менамояд, ки ҷанбаҳои зеринро дар бар мегирад;

- маҷмӯи тадбирҳои ба ҳам вобастаи таъсири ташкилию иқтисодӣ, ки барои оянда муайян карда шудааст ва барои ноил шудан ба ҳадаф мусоидат мекунад.

Ҷузъи аввал дар механизм ин мавҷуд будани чунин чораҳоро пешбинӣ мекунад: назорати вазъ, ташкил, ҳамоҳангсозӣ ва ҳавасмандгардонии амалиёт, танзим ва назорат аз болои таҳияи расмиёти таъмини захираҳои моддию техникии кишоварзӣ ва баланд бардоштани самаранокии раванди такрористеҳсоли онҳо.

Ҷузъи дуввум ба фароҳам овардани шароити мусоиди иқтисодӣ барои такрористеҳсоли сармояи асосӣ дар соҳаи кишоварзӣ ва арзёбии самаранокии амалҳои бо истифодаи фишангҳо ва усулҳои мувофиқ равона карда шудааст. Ин қисматҳо, ки функсияҳои муайянро иҷро мекунанд,бо ҳам якҷоя карда шудаанд ва инчунин якдигарро мукаммал намуда, механизми мураккаберо ташкил медиҳанд, ки дар сатҳи давлатӣ ва сатҳи субъектҳои хоҷагидорӣ амалӣ карда мешавад.

Раванди такрористеҳсоли сармояи асосӣ дар соҳаи кишоварзӣ бо сармоягузориҳои дарозмуддат барои баланд бардоштани заминаи моддию техникӣ, сохтмон ва хариди воситаҳои асосӣ (биноҳо, мошинҳо, маҷмӯаҳо, таҷҳизот, мошинҳо ва ғайра), инчунин натиҷаҳои фаъолияти зеҳнӣ (ихтироот, моделҳои судманд, намунаҳои саноатӣ, дастовардҳои селексионӣ ва ғайра) нигаронида шудааст. Моҳияти иқтисодии раванди такрористеҳсоли сармояи асосӣ бо сармоягузорӣ ба мақсади афзоиши минбаъдаи он вобаста аст.

Дар ин замина яке аз масъалаҳои муҳим ин ҳолати молиявии корхонаҳои бахши кишоварзӣ мебошад. Таҳлил нишон медиҳад, ки солҳои охир вазъи молиявии на танҳо корхонаҳои кишоварзӣ, балки дигар соҳаҳо низ мураккаб буда, сол ба сол ӯҳдадориҳои онҳо афзоиш ёфта истодааст.

Таҳлили ҷадвал нишон медиҳад, ки корхонаҳои бахши кишоварзии иқтисодиёти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2018 ва 2020 фаъолияти худро бо зарар ҷамъбаст намуда, дар соли 2019 ва 2021 натиҷаҳои молиявиашон на он қадар назаррас мебошад. Дар баробари ин бояд таъкид сохт, ки на ҳама корхонаҳои кишоварзӣ ба мақомоти омор ҳисобот пешниҳод намуда, омори мавҷуда дар асоси иттилооти маҳдуд таҳия ва пешниҳод карда мешавад.

**Ҷадвали 2.3.1. Гурӯҳбандии корхона ва ташкилотҳои соҳаҳои алоҳидаи иқтисодиёт аз рӯи натиҷаҳои молиявӣ (*маблағ- ҳазор сомонӣ, миқдор - бо воҳид*)**

| Соҳаҳо | Солҳо | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2018 | | 2019 | | 2020 | | 2021 | |
| | Шумораи корхонаҳ | маблағи фоида зарар (-) | Шумораи корхонаҳо | маблағи фоида зарар (-) | Шумораи корхонаҳо | маблағи фоида зарар (-) | Шумораи корхонаҳ о | маблағи фоида зарар (-) |
| Кишоварзӣ | 506 | -64054,2 | 1394 | 1758,7 | 1017 | -21437,8 | 1400 | 3310,5 |
| Саноат | 904 | 572355,3 | 2144 | 8351062,1 | 1648 | -3807560,0 | 1969 | 5525861,0 |
| Сохтмон | 480 | -263775,5 | 1297 | -40032,2 | 1099 | -47272,4 | 1244 | 261983,0 |
| Савдо | 540 | 948961,0 | 1917 | 773467,5 | 1744 | 357963,0 | 1885 | 638307,0 |
| Нақлиёт ва алоқа | 225 | 413589,5 | 397 | 1110749,8 | 550 | -69227,8 | 393 | 491810,0 |
| Дигар соҳаҳо | 1238 | 163213,5 | 3712 | 750612,7 | 2920 | 261447,0 | 3469 | 270875,9 |

**Сарчашма:** Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе, 2022. -С. 406.

Дар ин замина, бо назардошти вазъи нигаронкунандаи молиявии корхонаҳои кишоварзӣ татбиқи стратегияи рушд ва тавсеаи раванди такрористеҳсоли воситаҳои асосӣ ғайриимкон мебошад. Қобили қайд аст, ки дар системаи идоракунии такрористеҳсоли сармояи асосӣ дар соҳаи кишоварзӣ механизми самарабахши ташкилӣ ва иқтисодӣ нақши муҳим мебозад, ки он маҷмӯи тадбирҳои таъсиррасонии ташкилию иқтисодӣ, ки барои оянда муайян карда мешавад ва барои расидан ба ҳадаф мусоидат мекунад, дар бар мегирад.

Маҷмӯи чораҳои таъсиррасонии ташкилӣ ба механизмҳои мавҷудбуда чораҳои зеринро дар назар дорад: мониторинги вазъ, ташкил, ҳамоҳангсозӣ ва ҳавасмандкунии амалҳо, танзим ва назорати тартиботи таъминоти кишоварзӣ бо захираҳои моддию техникӣ ва баланд бардоштани самаранокии раванди барқароркунии онҳо. Тадбирҳои таъсири иқтисодӣ ба фароҳам овардани шароити мусоиди иқтисодӣ барои такрористеҳсолкунии воситаҳои асосӣ дар соҳаи кишоварзӣ ва арзёбии он ба истифода аз василаҳои дахлдори идоракунӣ нигаронида шудаанд.[40]

[40] Абакумов Р.Г. Управление воспроизводством основного капитала как условие инновационного пути развития экономики // Креативная экономика. 2009. №11. С. 3-8.




**Расми. 2.2.1. Низоми идоракунии минатқавии раванди такрористеҳсол дар соҳаи кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

***Сарчашма:*** *таҳияи муаллиф*

Дар ташаккули низоми муосири идоракунии равандҳои такрористеҳсоли дар соҳаи кишоварзӣ такмили ҳолати он дар сатҳи минтақаҳо низ нақши муҳим дорад. Таҳлилҳо нишон медиҳад, ки айни замон дар раванди такрористеҳсол ва идоракунии он дар сатҳи минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон мақомоти зерин иштирок мекунанд (расми 2.2.2.)

Хусусиятҳои истеҳсолоти кишоварзӣ дар ҷараёни такрористеҳсоли сармояи асосӣ таъсири назаррас мегузоранд. Омилҳои объективӣ ва субъективӣ мавҷуданд, ки ҷараёни таҷдиди сармояи асосӣ дар соҳаи кишоварзиро муайян мекунанд, аз қабили сохтори истеҳсолии соҳаи кишоварзӣ, мавҷудияти бозори устувори молу маҳсулоти кишоварзӣ, мавҷудияти бозори шумораи зиёди фурӯшандагон ва харидорон, бозори рушдёфтаи замин ва таркиби хоси сармояи асосӣ, истифодаи замин ҳамчун воситаи истеҳсолот ва ғ.

Ин тадбирҳо, ки вазифаҳои муайянро иҷро мекунанд, якдигарро пур мекунанд ва механизми мураккабро дар сатҳҳои гуногуни идоракунӣ ташкил медиҳанд. Сатҳи давлатии идоракунии равандҳои такрористеҳсолӣ ба миллӣ (сатҳи макро) ҷудо карда шудааст, ки аз ҷониби мақомоти салоҳияти умумӣ ва махсус, ки вазифаҳои муайянро иҷро мекунанд ва сатҳи минтақавӣ (сатҳи мезо), ки онро намояндагӣ мекунанд.

Ҳангоми амалисозии раванди такрористеҳсоли сармояи асосӣ, давлат вазифаҳои гуногунро иҷро мекунад. Вазифаи ҳамоҳангсоз дар иқтисоди бозорӣ таъмин намудани корхонаҳои кишоварзӣ барои мустақилона идора кардани фоидаи худ ва таҳияи системаи тадбирҳо оид ба ҳавасмандгардонии корхонаҳо барои навсозии заминаи моддию техникии онҳо мебошад, вазифаи таҳлилӣ тамоюли такрористеҳсоли воситаҳои асосӣ, омода кардани ҳисоботҳои солона ва ҳисоботи таҳлилӣ, дастгирии илмии такрористеҳсоли сармояи асосӣ ҳавасмандгардонии тадқиқотҳои бунёдӣ ва амалӣ дар соҳаи муҳандисӣ ва технологияҳоро дар бар мегирад.[41]

[41] Аблеева А.М. Механизмы и особенности воспроизводства основного капитала в сельском хозяйстве // Вестник БГАУ. 2011. № 2. С. 23-29.

Ҷойгиршавии истеҳсолоти кишоварзӣ низ дар тақсимоти самарабахши тамоми омилҳои такрористеҳсоли экстенсивӣ дар қаламрави кишвар нақши муҳим мебозад. Албатта, ин ба рушди иқтисод дар самтҳои гуногун хизмат карда, боиси аз ҳисоби истеҳсоли маҳаллӣ қонеъ гардонидани талаботи аҳолӣ мегардад. Ҳамин тавр, ҷойгиркунии самарабахши истеҳсолоти кишоварзӣ барои аз нав махсусгардонӣ дар асоси вазъи бозор, баланд бардоштани сатҳи худтаъминкунӣ дар соҳаи кишоварзӣ, инчунин ба баланд бардоштани рақобатпазирии маҳсулоти дар бозорҳои дохилӣ ва хориҷӣ фурӯхташаванда хизмат мекунад.

Дар ташаккул ва рушди низоми идоракунии раванди такрористеҳсол дар корхонаҳои кишоварзӣ нақши танзим ва дастгирии давлатии соҳаи кишоварзӣ ва комплекси агросаноатӣ дар маҷмӯъ нақши муҳим доранд. Вобаста ба ин, мувофиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи дастгирии давлатии комплекси агросаноатӣ» номгӯи соҳаҳои комплекси агросаноатӣ, ки ба онҳо субсидия (кӯмаки молиявӣ) ҷудо карда мешавад:

- тухмипарварии элита ва ибтидоӣ, истеҳсоли тухмиҳои репродуксияи якум ва дуюм, таъсиси фонди гардиши тухмии зироатҳои кишоварзӣ;

- ҳосилхезгардонии заминҳои кишоварзӣ;

- беҳтаргардонии ҳолати мелиоративии заминҳои корами обӣ;

- азхудкунии заминҳои нав ва ба гардиши кишоварзӣ дохил намудани заминҳои партов;

- баланд бардоштани ҳосилнокӣ ва зиёд намудани истеҳсоли пахта, картошка, сабзавот, полизӣ, ғаллагӣ, лубиёгӣ, тамоку ва мубориза бар зидди касалиҳои онҳо;

- бунёди боғу токзорҳо ва парваришхонаҳо барои ниҳолҳои мевадиҳанда;

- харид ва парвариши чорвои зотӣ, парранда ва моҳӣ;

- рушди соҳаи байторӣ ва гузаронидани чорабиниҳои эпизоотӣ;

- рушди соҳаи занбӯри асалпарварӣ;

- хариди тухми пилла ва мубориза бар зидди касалиҳои зарарраcони тут;

- инкишоф ва татбиқи дастовардҳои илмию техникӣ, ташкил ва таҳкими минбаъдаи фонди генетикии миллии зироатҳои кишоварзӣ, чорво, парранда ва моҳӣ, инчунин хариди асбобҳо ва таҷҳизоти замонавӣ, маводҳои химиявию биологӣ барои пажуҳишгоҳҳои илмӣ – тадқиқотии соҳаҳои комплекси агросаноатӣ;

- таъсис додани истеҳсолоти нав, харид ва таъсиси фонди заҳрхимикатҳо, нуриҳои минералӣ.

Системаи ҷории идоракунии давлатиро таҳлил намуда ҳаминро бояд қайд кард, ки нуқсони муҳимтарини он набудани сиёсати самаранок ва мақсадноки такрористеҳсоли воситаҳои асосӣ дар соҳаи кишоварзӣ мебошад, ки татбиқи он на танҳо барои рафъи бадшавии ҳолати кунунии заминаи моддию техникӣ, балки танзими минбаъдаи ин раванд бо мақсади навсозии доимӣ мусоидат менамояд.

Такрористеҳсоли сармояи асосӣ дар сатҳи макро, дар тамоми иқтисод раванди мураккабе мебошад, ки аз сатҳи микро комилан фарқ мекунад ва дар баробари марҳилаҳои ба корхона хос, марҳилаи ташкили унсурҳои нави онро дар бар мегирад, ки ба ғайр аз истеҳсоли мустақими сармояи асосӣ, илмӣ ва техникӣ. омӯзиш, аз ҷумла тадқиқоти ҷустуҷӯӣ ва амалӣ, тарроҳӣ ва технологӣ, озмоиш.

Давраи такрористеҳсолӣ, ки дар дохили ташкилот сурат мегирад, марҳилаҳои ба ҳам алоқамандро дар бар мегирад: ташкили сармояи асосӣ, истеъмол ва барқарорсозии он. Ҳар як марҳилаи такрористеҳсоли сармояи асосӣ бо миқёси хоси корӣ, давомнокӣ ва потенсиали баланд бардоштани самаранок тавсиф карда мешавад, аммо ҳамаи марҳилаҳои сикли такрористеҳсоли капитали асосӣ бояд дар ҳамбастагӣ ва ҳамбастагӣ омӯхта шаванд, зеро самаранокии фаъолияти системаи идоракунии таҷдиди сармояи асосӣ дар тамоми марҳилаҳои он ташаккул ёфтааст.

Такрористеҳсоли сармояи асосӣ бидуни ҷалби манбаъҳои маблағгузорӣ ва бидуни сармоягузорӣ ба рушди пойгоҳи моддию истеҳсолии комплекси агросаноатӣ ғайриимкон аст.

Татбиқи барномаҳои давлатӣ оид ба дастгирии ташкилотҳои кишоварзӣ барои афзоиши сармоягузорӣ ба соҳаи кишоварзӣ, ки ба модернизатсия ва муҷаҳҳазгардонии техникии сармояи асосӣ нигаронида шудааст, имкониятҳои васеъ фароҳам овард. Ҳамзамон, бархӯрдҳои нав ба маблағгузорӣ субот, дастрасии баробар ва дастгирии кафолатдиҳии истеҳсолкунандагон таъмин карда шудаанд.

Манбаъҳои маблағгузорӣ таҷдиди капитали асосӣ ба қисмҳои худӣ ва ҷалбшуда тақсим карда мешавад. Баррасии механизми маблағгузории таҷдиди воситаҳои асосии маҷмӯи агросаноатӣ нишон медиҳад, ки маблағгузории сармоя аз ҳисоби:

- захираҳои молиявии худ ва захираҳои хоҷагиҳои деҳқонӣ (фоидаи холис, ҳиссаҷудокунӣ ва ғайра);

- захираҳои молиявии ҷалбшуда (қарзҳои бонкӣ, маблағгузории буҷет, маблағҳое, ки аз баровардани саҳмияҳо, ҳиссаҳо ва саҳмияҳои дигар ба сармояи оинномавӣ ба даст омадаанд).

Дар сатҳи макро, системаи менеҷмент, ба назари мо, бояд ҷузъҳои зеринро дар бар гирад:

1. Таҳлили вазъи кунунӣ дар соҳаи такрористеҳсоли сармояи асосӣ дар соҳаи кишоварзии кишвар, муайян кардани чораҳо оид ба рафъи камбудиҳо ва баланд бардоштани самаранокии ин раванд.

2. Фароҳам овардани шароити мусоид барои такрористеҳсоли сармояи асосӣ дар соҳаи кишоварзӣ, ҷалби сармоягузориҳои ватанию хориҷӣ (таҳияи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва ғайра), инчунин инфрасохтори зарурӣ (бонкҳо, ширкатҳои суғурта ва лизингӣ, марказҳои хидматрасонии иттилоотӣ ва ғайра).

3. Таъмини робитаи сиёсати такрористеҳсоли сармояи асосӣ дар соҳаи кишоварзӣ бо сиёсатҳои илмию техникӣ, истеҳлок, сармоягузорӣ ва иқтисодии давлат.

4. Баҳодиҳӣ ба самаранокӣ ва муайян кардани таъсири сиёсати такрористеҳсоли сармояи асосӣ дар соҳаи кишоварзӣ ба нишондиҳандаҳои муҳимтарини макроиқтисодии рушди кишвар.

5. Бо дарназардошти вазъи иқтисодиёти миллӣ ва дурнамои рушди он, сари вақт тасҳеҳ ва такмил додани сиёсати такрористеҳсоли сармояи асосӣ дар соҳаи кишоварзӣ. Сатҳи минтақавии ҳукумат ва механизми татбиқи он ба фаъолияти сохторҳои тобеи Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Бонки миллии Тоҷикистон, Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин мақомоти иҷроияи маҳаллӣ ва раёсатҳои дахлдори он дар сатҳи минтақа.

Нақши онҳо бояд аз як тараф ба татбиқи сиёсати такрористеҳсоли сармояи асосӣ дар соҳаи кишоварзӣ, ки дар сатҳи миллӣ таҳия шудааст ва бояд аз ҷониби дигар муайян карда шавад, самтҳои афзалиятноки баланд бардоштани самаранокии такрористеҳсоли сармояи асосӣ дар минтақа муайян карда шаванд. Дар натиҷа, сиёсати минтақавӣ барои ба ҳадди аксар расонидани истифодаи иқтидори мавҷуда ва ҳавасмандгардонии сармоягузорӣ бо мақсади навсозӣ ва такмили сохтори сифатӣ ва миқдории сармояи асосӣ ташаккул ёфтааст. Корҳои асосӣ дар таҳия, татбиқ ва назорати он ба зиммаи Раёсатҳои кишоварзӣ мебошад.

Ба андешаи мо вазифаи муҳимтарини идоракунии такрористеҳсоли воситаҳои асосӣ дар сатҳи макро такмил додани механизмҳои навсозӣ мебошад, ки ба навсозии равандҳои истеҳсолӣ ва технологӣ дар соҳаи кишоварзӣ мусоидат мекунад. Аммо, дар айни замон, сарфи назар аз татбиқи як қатор чораҳои дастгирии давлатӣ оид ба модернизатсияи заминаи техникӣ ва технологии ташкилотҳои кишоварзӣ, ҳалли ин масъалаи стратегӣ дар сатҳи зарурии ташкилӣ қарор надорад, ки умуман комплекси агросаноатиро аз устувории фаъолият маҳрум менамояд.

Механизми ташкилию иқтисодии идоракунии такрористеҳсоли сармояи асосӣ дар соҳаи кишоварзиро бо дарназардошти нақши функсионалии субъектҳои идоракунӣ ва ҳамкории онҳо пешниҳод мекунем.

Механизми ташкилӣ ва иқтисодии идоракунии такрористеҳсоли сармояи асосӣ дар соҳаи кишоварзӣ дар сатҳи минтақавӣ системаи мутаносиби фаъолияти субъектҳои идоракунӣ ва маҷмӯи тадбирҳои ба ҳам алоқаманде мебошад, ки барои оянда муайян карда мешаванд ва татбиқи сиёсати макроиқтисодиро бо дарназардошти вазъи минтақа таъмин мекунанд.

Раванди такрористеҳсоли сармояи асосӣ дар сатҳи хурд, яъне дар сатҳи корхонаҳои мушаххаси истеҳсолӣ сурат мегирад. Барои баланд бардоштани самаранокии ин раванд дар ташкилотҳои кишоварзӣ, дар сохтори идоракунии ташкилии онҳо бояд маркази Шӯъбаи таъминоти техникӣ ва технологӣ бошад. Мақсади фаъолияти ин воҳиди сохторӣ ноил шудан ба нишондиҳандаҳои муқарраршуда оид ба ташкили самаранокии истифодаи сармояи асосӣ ва такрористеҳсоли он мебошад. Ин дар заминаи таҳия ва татбиқи сиёсати мақсадноки такрористеҳсоли сармояи асосӣ сурат мегирад.

Қобили қайд аст, ки вазифаҳои асосии Шӯъбаи таъминоти техникӣ ва технологӣ аз инҳо иборатанд:

- таҳлил ва назорати ҳолати техникии воситаҳои асосӣ, баҳодиҳии ҳайати парки мошину таҷҳизоти кишоварзӣ;

- таъмини саривақтӣ ва таъмир;

- таҳияи тадбирҳо оид ба баланд бардоштани самаранокии воситаҳои мавҷуда, таъмини замонавии онҳо ва ғайра.

Консентратсияи амалиёт дар доираи дастгирии техникӣ ва технологӣ ва нишон додани баланд бардоштани самаранокии такрористеҳсоли сармояи асосӣ ҳамчун ҳадафи асосии он ба мо имкон медиҳад, ки натиҷаҳои назаррас ба даст орем.

Ҳамин тавр, бо ҷамъбасти тадбирҳои таъсири ташкилӣ ва иқтисодӣ, ки дар сатҳи макро, мезо ва микро татбиқ мешаванд, мо механизми мақсадноки таъсир ба такрористеҳсоли сармояи асосӣ дар соҳаи кишоварзиро муайян хоҳем кард. Пайвасти баландтарини он Ҳукумати кишвар мебошад, ки ба кори Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон

ва дигар вазорату идораҳои дахлдор назорат мекунад. Дар натиҷаи назорат ва ҳамоҳангсозии амалҳо аз ҷониби вай дар сатҳи Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон, сиёсати мақсадноки такрористеҳсоли сармояи асосӣ дар соҳаи кишоварзӣ таҳия ва татбиқ карда мешавад. Ин дар якчанд марҳила сурат мегирад. Пеш аз таҳлили тадбирҳои бевоситаи таъсир ба раванди такрористеҳсол таҳлили вазъи мавҷуда гузаронида мешавад. Сипас, барои баланд бардоштани самаранокии он таклифҳои дахлдор таҳия карда мешаванд.

Гузашта аз ин, сиёсати таҷдиди сармояи асосӣ дар соҳаи кишоварзӣ тадбирҳои такмил додани буҷет, андоз, амортизатсия, пул, инноватсия, сармоягузорӣ ва гумрукро дар бар мегирад, ки ҳамоҳангсозии амалро бо вазорату идораҳои дахлдор муайян мекунад. Дар натиҷа, «шароити мусоиди макроиқтисодӣ ба вуҷуд оварда шудааст, ки такрористеҳсоли сармояи асосӣ дар кишоварзии кишварро ҳавасманд мекунанд».[42]

Пас аз таҳияи стандартҳои мувофиқ, вазоратҳо ва мақомоти дахлдор корро дар сатҳи минтақавӣ ҳамоҳанг ва назорат мекунанд. Нақши муҳимтарин ба раёсатҳои кишоварзӣ дода мешавад, ки дар сатҳи он сиёсати минтақавӣ оид ба такрористеҳсоли сармояи асосӣ бо назардошти хусусиятҳои минтақа таҳия карда мешавад. Дар ин раванд бо ташкилотҳои тобеъ ҳамоҳангсозӣ ва рушди соҳаҳо оид ба такмили системаи андоз, механизми пулӣ, сиёсати инноватсионӣ ва инвеститсионӣ дар заминаи сиёсати давлатӣ ҳамоҳанг карда шудаанд.

Дар сохтори ташкилии идоракунии такрористеҳсоли воситаҳои асосӣ дар корхонаҳои кишоварзӣ, ба андешаи мо, мавқеи марказиро шӯъбаи таъминоти техникӣ ва технологӣ ишғол мекунад. Ҳадафи фаъолияти ин сохтор таҳияи сиёсати амортизатсионӣ, сармоягузорӣ ва инноватсионии

[42] Проняева Л.И., Ноздрунова Н.Г. Кластерный анализ в управлении воспроизводством основного капитала в сельском хозяйстве // Аудит и финансовый анализ. 2014. № 4.С. 282-287.

корхона мебошад. Вазифаҳои асосии Шуъбаи таъминоти техникӣ ва технологӣ инҳоянд:

- таҳлил ва назорати ҳолати техникии фондҳои асосӣ, баҳодиҳии пурраи парки мошинҳо ва таҷҳизоти кишоварзӣ;

- таъмини саривақтии нигоҳдорӣ ва таъмири асосӣ;

- таҳияи чораҳо оид ба баланд бардоштани самаранокии объектҳои мавҷудаи капитали асосӣ, таъмини саривақтии он ва ғайра.

Дар доираи таҳияи сиёсати такрористеҳсолкунӣ дар корхонаҳо, шуъба корҳои зеринро иҷро мекунад:

- дар бораи таҳия ва тасдиқи шартномаҳои сохтмонӣ бо ташкилотҳо оид ба сохтмон ва тарроҳии биноҳо ва иншоот;

- таҳияи барномаҳои таҷдиди техникӣ, сохтмони асосӣ ва татбиқи онҳо;

- таҳия ва тасдиқи ҳуҷҷатҳо барои таҷдиди техникӣ ва навсозии истеҳсолот ва ғайра.

Дар натиҷа, шароити мусоиди иқтисодӣ фароҳам оварда мешавад, баланд бардоштани самаранокии ҷараёни такрористеҳсоли сармояи асосӣ дар соҳаи кишоварзии минтақа, инчунин ноил шудан ба мақсад ва вазифаҳое, ки сиёсати такрористеҳсоли сармояи асосӣ дар сатҳи миллӣ гузоштаанд, таъмин карда мешавад.

Корхонаҳои кишоварзӣ тадбирҳои таъсири ташкилӣ ва иқтисодии худро таҳия намуда, сиёсати такрористеҳсоли сармояи асосиро таҳия мекунанд. Он зери таъсири шароитҳои идоракунӣ, ки дар сатҳи макро эҷод шудааст, иҷро карда мешавад. Раванди такрористеҳсолкунӣ давра ба давра дар сатҳи ташкилот ташхис карда мешавад, ки натиҷаҳои он дар шакли ҳисобот ба мақомоти минтақавӣ ва Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон фиристода мешаванд. Ин сохторҳо самаранокии фаъолияти такрористеҳсоли субъектҳои соҳибкории минтақаро арзёбӣ мекунанд. Дар натиҷаи арзёбӣ, сиёсати таҳияшуда дар сатҳи миллиро метавон такмил дод.

САТҲҲОИ ИДОРАКУНИИ РАВАНДИ ТАКРОРИСТЕҲСОЛИ КИШОВАРЗӢ

САТҲИ МИЛЛӢ:

- Ҳкумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- Бонки миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- Вазорати маориф ва илм, Академияи миллии илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Академияи илмҳои кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва муассисаҳои таҳсилоти олии касбии дахлдор.

ВАЗИФАҲО:

қонунэҷодкунӣ, иҷозатдиҳи, назоратӣ, таҳлилӣ, иттилоотӣ, танзимӣ, таъминоти кадрӣ ва илмӣ.

ҲАДАФ:

Ташкили шароити муосиди макроиқтисодии ҳавасмандгардонии такрористеҳсоли инноватсионӣ дар бахши кишоварзӣ

САТҲИ КОРХОНАҲОИ КИШОВАРЗӢ:

- Директори генералӣ (мақомоти инфиродӣ ва дастаҷамъии идоракунии корхонаҳои кишоварзӣ);
- мақомоти фукнсионалии корхона (шуъба ва қитъаҳои истеҳсолӣ);
-субъектҳои хоҷагидорикунанда (хоҷагиҳои деҳқонӣ, инфиродӣ ва участкаҳою бригадаҳо).

**Расми 2.3.1. Модели идоракунии раванди такрористеҳсол дар корхонаҳои кишоварзӣ.**

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф

Ҳамин тариқ, механизми ташкилию иқтисодӣ, ки мо пешниҳод кардем, таъсири мақсадноки идоракуниро ба раванди такрористеҳсолкунӣ таъмин намуда, самаранокии истифодаи сармояи асосӣ дар соҳаи кишоварзӣ ва сатҳи такрористеҳсоли онро афзоиш медиҳад.

Аз ин рӯ, зарур аст, ки таҳияи тавсияҳои назариявӣ, илмӣ, методологӣ ва амалӣ оид ба такмили системаи тадбирҳои ташкилию иқтисодӣ ба раванди такрористеҳсоли сармояи асосӣ дар соҳаи кишоварзӣ ба роҳ монда шаванд.

Ҳамин тавр, самаранокии идоракунии такрористеҳсоли сармоя дар соҳаи кишоварзӣ кам аст. Барои беҳтар кардани ин вазъ механизми ташкилию иқтисодии идора такмил дода шуд. Робитаи пешбари механизми пешниҳодшуда дар сатҳи субъекти хоҷагӣ шуъбаи дастгирии техникӣ ва технологӣ мебошад, ки ҳадафи он ҷамъоварӣ, ҷамъбаст ва таҳлили иттилоот дар бораи раванди такрористеҳсолӣ дар корхона, беҳтар кардани сиёсати истеҳлок, сармоягузорӣ ва инноватсионӣ бо мақсади эҷоди сиёсати мукаммали такрористеҳсоли сармояи асосӣ мебошад.

Пас аз таҳияи стандартҳои мувофиқ, вазоратҳо ва мақомоти дахлдор корро дар сатҳи минтақавӣ ҳамоҳанг ва назорат мекунанд. Нақши муҳимтарин ба раёсатҳои кишоварзӣ дода мешавад, ки дар сатҳи он сиёсати минтақавӣ оид ба такрористеҳсоли сармояи асосӣ бо назардошти хусусиятҳои минтақа таҳия карда мешавад. Дар ин раванд бо ташкилотҳои тобеъ ҳамоҳангсозӣ ва рушди соҳаҳо оид ба такмили системаи андоз, механизми пулӣ, сиёсати инноватсионӣ ва инвеститсионӣ дар заминаи сиёсати давлатӣ ҳамоҳанг карда мешаванд.

Ҳамин тариқ, механизми ташкилию иқтисодии идоракунии такрористеҳсолкунии фондҳои асосӣ дар соҳаи кишоварзӣ маҷмӯи равандҳои ба ҳам алоқаманд аст, ки мониторинги вазъият, ҳамоҳангсозӣ ва ҳавасмандгардонии амалиёт, танзим ва назорат аз болои таҳияи расмиёти таъминоти соҳа бо захираҳои моддию техникӣ ва баланд бардоштани самаранокии раванди такрористеҳсоли онҳоро ифода мекунад. Фаъолияти механизми пешниҳодшудаи ташкилӣ ва иқтисодии идоракунии тарористеҳсоли сармояи асосӣ дар соҳаи кишоварзӣ маҷмӯи тадбирҳои таъсири ташкилӣ ва иқтисодии марбут ба таъминоти соҳаро бо захираҳои моддию техникӣ ва истифодаи самарабахши онҳоро барқарор менамояд. Ин ба таъсири ҳадафмандонаи идоракунии раванди такрористеҳсолкунӣ ва баланд бардоштани самаранокии он дар шароити муосир ва роҳи инноватсионии рушди бахши аграрии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад.

# БОБИ 3. САМТҲОИ АСОСИИ ТАКМИЛИ НИЗОМИ ИДОРАКУНИИ ТАКРОРИСТЕҲСОЛИ САРМОЯИ АСОСӢ ДАР КОРХОНАҲОИ КИШОВАРЗИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## §3.1. Такмили сиёсати такрористеҳсоли сармояи асосӣ дар корхонаҳои бахши аграрии иқтисодиёт

Дар шароити афзалият доштани таъмини амнияти озуқаворӣ ва дастрасии аҳолӣ ба маҳсулоти ғизоии хушсифат сифат ва самаранокии сиёсати такрористеҳсолии корхонаҳои бахши аграрии иқтисодиёт нақши асосӣ доранд. Таҷриба нишон медиҳад, ки дар пасманзари тақвияти равандҳои ҷаҳонишавӣ ва густариши рақобати озод масоили нарх, сифати маҳсулот ва рақобатпазирии он аз сатҳи таъмин будани субъектҳои хоҷагидорӣ бо сармояи асосӣ вобастагии амиқ дорад. Аз ин рӯ, идоракунии такрористеҳсоли сармояи асосӣ дар корхонаҳои бахши аграрӣ пеш аз ҳама ба ташаккули сармояи асосӣ, истифодаи натиҷабахш ва барқароршавандаи обектҳои он дар воситаҳои меҳнати нав равона карда шудааст.

Мазмуну хусусиятҳои менеҷменти раванди такрористеҳсол ба танзими соҳаи кишоварзӣ дар шароити бозор алоқаманд мебошад. Дар ин замина самтхои ташаккули низоми идоракунии раванди такрористеҳсол дар бахши аграрӣ ба мавҷудияти менеҷменти самаранок дар тамоми зинаҳои идоракунӣ алоқаманд мебошад. Вобаста ба ин вазифаи муҳимтарини тараққиёти соҳаи кишоварзӣ аз он иборат аст, ки раванди устувори такрористеҳсол дар ин соҳа, фаъолияти мутаносиби ба ҳамдигар вобаста ва инкишофи он дар ҳамаи марҳилаҳои истеҳсол, тақсимот, мубодила ва истеъмол таъмин карда шавад. Таҷрибаи хориҷӣ ва ватании тараққиёти хоҷагии қишлоқ нишон медиҳад, ки дар шароити иқтисоди бозорӣ такрористеҳсол устувори васеъ таъмин карда намешавад. Вобаста ба ин, масъалаи механизми танзими кишоварзӣ маҳз дар ҷанбаи такрористеҳсол аҳамияти хоса пайдо мекунад.

Дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аксари корхонаҳои бузурги кишоварзӣ дар замони ислоҳоти иқтисодӣ ба субъектҳои хурди хоҷагидорӣ табдил дода шуданд, масоили таъмини равандҳои такрористеҳсол ба

мушкилоти зиёд рӯ ба рӯ гардиданд. Айни замон дар корхонаҳои кишоварзӣ раванди такрористеҳсол аз ҷониби шуъбаи муҳосибот ва ё мутахассисони алоҳида амалӣ карда шуда, ташаккули сиёсати такрористеҳсол имконият медиҳад, ки моҳият ва зарурати густариши равандҳои мазкур ба таври дигар баҳо дода шавад. Чи тавре, ки мо дар боби дуюм пешниҳод сохта будем, раванди такрористеҳсол бояд аз ҷониби шуъбаи таъминоти техникӣ ва рушди инноватсионӣ татбиқ карда шавад.

Дар натиҷаи ислоҳоти таъминоти институтсионалии рушди бахши кишоварзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор санадҳои меъёриву ҳуқуқии соҳа таҳия ва қабул гардаднд, ки дар таъмини такрористеҳсоли кишоварзӣ нақши муҳим доранд. Зимнан дар асноди мазкур на танҳо самтҳои умумӣ, балки самтҳои хоси ташкил ва тавсеаи раванди такрористеҳсол муайян карда шуда, ҳадафи асосӣ ин таъмини рушди бахши кишоварзӣ мебошад. Дар ин росто тағйиротҳои институтсионалӣ имконият доданд, ки механизми танзими давлатӣ, густариши равандҳои хусусигардони дар бахши кишоварзӣ, ислоҳот ва баҳодиҳии замин, ташкили шаклҳои гуногуни фаъолияти хоҷагидорӣ, истифодаи заҳрхимикатҳо, ҳосилхезии заминҳо, истеҳсол ва фурӯши маҳсулоти икшоварзӣ ва як қатор дигар самтҳои фаъолияти кишоварзӣ, аз он ҷумла тавассути тақвияти фаъолиятҳои вобаста ба раванди такрористеҳсол танзим карда шавад. Ҳамаи ин имконият дод, ки дар бахши кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати такмили сиёсати соҳавӣ ва густариши раванди такрористеҳсол заминаҳои мусоиди такрористеҳсоли фароҳам оварда шавад. Маҷмӯи асноди дахлдор дар ҷадвали 3.1.1. оварда шудааст.

Дар баробари санадҳои институтсионалии дар ҷадвал овардашуда як қатор дигар қонунҳо, кодексҳо, стратегия, консепсия ва барномаҳо таҳия ва қабул гардидаанд, ки дар тақвияти равандҳои такрористеҳсолӣ нақши калидӣ доранд. Ҳамзамон, дар доираи барномаҳои сармоягузориҳои давлатӣ ва тавассути истифодаи механизми шарикии давлат ва бахши хусусӣ корҳои назаррасе ба анҷом расонида шудаанд, ки дар такмили

инфрасохтори кишоварзӣ ва густариши равандҳои такрористеҳсол нақши муҳим доранд.

**Ҷадвали 3.1.1. Тағйиротҳои институтсионалии танзими идоракунии раванди такрористеҳсол дар соҳаи кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

| № | Номгӯи санади институтсионалӣ | Мазмун ва самти танзим |
|---|---|---|
| | ***Қонунҳо*** | |
| 1. | *Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ислоҳоти замин»*<br>*5 марти соли 1992* | Вазифаҳои ислоҳоти замин дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз муҳайё намудани шароит барои тараққиёти баробарҳуқуқи шаклҳои гуногуни хоҷагидорӣ дар замин, ташаккули иқтисодиёти бисёрсоҳа, истифодаи оқилона ва ҳифзи замин иборат буда, мақсадаш зиёд намудани махсулоти кишоварзӣ мебошад. |
| 2. | *Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баҳои замин»*<br>*12 майи соли 2001* | Қонуни мазкур асосҳои ҳуқуқии баҳои заминро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда, гузаронидани маҷмӯи баҳои заминро муайян мекунад. |
| 3. | *Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи зотпарварӣ»*<br>*20 июли соли 1994* | Ин Қонун муносибатҳои умумии ҳуқуқӣ, иқтисодӣ ва асосҳои ташкили зотпарвариро дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян мекунад. |
| 4. | *Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими давлатии ҳосилхезгардонии заминҳои таъиноти кишоварзӣ»*<br>*15 июли соли 2004* | Қонуни мазкур асосҳои ҳуқуқии танзими давлатии ҳосилхезгардонии заминҳои таъиноти кишоварзиро муқаррар менамояд |
| 5. | *Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи дастгирии давлатии соҳаҳои комплекси агросаноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон»*<br>*5 марти соли 2007* | Қонуни мазкур асосҳои ҳуқуқӣ, ташкилӣ ва аз ҷиҳати молиявӣ дастгирӣ намудани соҳаҳои комплекси агросаноатиро аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ муайян менамояд.<br>Мақсади Қонуни мазкур рушди соҳаҳои комплекси агросаноатӣ, таъмини бозори дохилӣ бо маводи озуқаворӣ, таъмини саноати коркарди ашёи хом, инчунин баланд бардоштани иқтидори содиротии кишвар мебошад. |
| 6. | *Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ)»*<br>*19 майи соли 2009* | Қонуни мазкур асосҳои ҳуқуқии ташкил ва фаъолияти хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ)-ро муайян мекунад. |
| 7. | *Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи амнияти озуқаворӣ»*<br>*04.04.2019* | Қонуни мазкур самтҳои асосии сиёсати давлатиро дар соҳаи таъмини амнияти озукаворӣ, ҳамчун қисми таркибии амнияти давлат, тибқи принсип ва меъёрҳои байналмилалии эътирофшуда муайян менамояд. |

*Идомаи ҷадвали 3.1.1.*

| Номгӯи санади институтсионалӣ | | Мазмун ва самти танзим |
|---|---|---|
| | | *Кодексҳо* |
| 1. | *Кодекси замини Ҷумҳурии Тоҷикистон 13 декабри соли 1996* | Кодекси мазкур муносибатҳои заминистифодабариро танзим намуда, барои истифода ва ҳифзи замин, ҳосилхез кардани он, ҳифз ва беҳтар намудани муҳити табиат ва инкишофи баробари ҳамаи шаклҳои хоҷагидорӣ шароит фароҳам меоварад. |
| 2. | *Кодекси оби Ҷумҳурии Тоҷикистон 2 апрели соли 2020* | Кодекси мазкур муносибатҳои ҷамъиятиро оид ба соҳибӣ, истифода ва ихтиёрдорӣ кардани об ва объектҳои об танзим намуда, ба ҳифз ва истифодаи самараноки захираҳои об, инчунин ҳифзи ҳуқуқҳои истифодабарандагони об равона гардидааст. |
| | | *Стратегияҳо* |
| 1. | *Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030* | ҳуҷҷати мазкур ҳамчун нақшаи амалии директивӣ барои тамоми мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва нақшаи амалии индикативӣ барои бахши хусусӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ баромад мекунад ва барномаҳои кӯмаки техникӣ ва молиявии кишвар бар он асос меёбанд. |
| | | *Консепсияҳо* |
| 1. | *Консепсияи сиёсати аграрии Ҷумҳурии Тоҷикистон 31 декабри соли 2008, № 658* | Мақсади сиёсати аграрӣ аз таъмин намудани инкишофи тамоми соҳаҳои комплекси агросаноатӣ (КАС), баланд бардоштани самаранокӣ, қобилияти рақобатпазирӣ ва дар ин асос таъмин намудани амнияти озуқаворӣ системаи бехатарии миллии ҷумҳурӣ иборат мебошад. |
| | | *Барномаҳо* |
| 1. | *Барномаи ислоҳоти кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2012-2020. 1 августи соли 2012 №383* | 13. Мақсади умумии Барнома ин татбиқи ислоҳот дар асоси иҷрои вазифаҳои афзалиятнок ва ҳалли мушкилоти асосие, ки дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2015, Стратегияи паст кардани сатҳи камбизоатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2010-2012, Барномаи амнияти озуқаворӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2015 ва Консепсияи сиёсати аграрии Ҷумҳурии Тоҷикистон қайд шудаанд, мебошад. |

**Сарчашма:** Таҳияи муаллиф.

Ба андешаи мо, агар ҳадафи асосии татбиқи СМР-2030 ин гузариш ба иқтисодиёти инноватсионӣ ва истифодаи васеи усулҳои интенсивии истеҳсолот дар бахши аграрии иқтисодиёт бошад, пас зарурати таҳкими таваҷҷуҳ ба масоили такрористеҳсол дар соҳаи кишоварзӣ ба миён меояд. Таҷриба нишон медиҳад, ки дар ин самт такмили сиёсат тавассути таъсиси унсури сохтори идоракунӣ аҳамияти калидӣ дорад.

Тадқиқоти анҷомдодаи мо собит месозад, ки сиёсати такрористеҳсол бояд ба се самти асосӣ равона карда шавад, ки фарогирӣ зер мебошанд:

- такмили сиёсати ташкил ва идоракунии фаъолияти молиявӣ, аз ҷумла тавассути такмили сиёсати истеҳлок;

- такмили фаъолияти инвеститсионӣ, аз ҷумла тавассути таҳия ва татбиқи лоиҳаҳои инвеститсионие, ки ба таҳкими базаи моддию техникӣ ва навсозии сармояи асосӣ равона карда шудаанд;

- такмили фаъолияти инноватсионӣ дар асосӣ тақвияти таъмини техникию технологӣ ва илмию инноватсионии фаъолияти корхонаҳои бахши аграрии иқтисодиёт.

Қобили қайд аст, ки такмили идоракунии равнадҳои такрористеҳсол пеш аз ҳама ба сиёсати молиявӣ ва тамоюли рушди он вобастагӣ дорад. Таҷриба нишон медиҳад, ки навсозии сармояи асосӣ дар асоси такмили сиёсати молиявӣ, махсусан сиёсати истеҳлокӣ амалӣ карда мешавад.43 Мавҷудияти сиёсати мукаммали истеҳлокӣ имконият медиҳад, ки дар сатҳи корхона захираҳои худии инвеститсионӣ ташаккул ёфта, онҳо минбаъд дар тақвияти равандҳои навсозии сармояи асосӣ иштирок кунанд. Ба андешаи мо, зимнан бояд дар раванди такмили сиёсати истеҳлокӣ принсипҳои илмӣ истифода шуда, онҳо бояд хусусияти истеҳсолоти кишоварзӣ ва вазъи соҳаро ба инобат гиранд. Принсипҳои зерин аз ҷумлаи принисипҳои илмие ба ҳисоб мераванд, ки дар такмили сиёсати истеҳлокӣ бояд истифода шаванд:

**1. Принсипи баҳамалоқамандӣ.** Мувофиқи принсипи мазкур сиёсати истеҳлокӣ бояд бо маҷмуи самтҳо ва сиёсатҳои соҳавии корхонаҳои бахши аграрии иқтисодиёт мутобиқ бошад. Яъне, дар шароити бозор принсипи мазкур бояд бо сиёсати сармоягузорӣ, таъминоти моддию-техникӣ, сиёсати

[43] Коробейникова, О. О. Анализ и формирование нормативного подхода к воспроизводству основного капитала предприятий на базе внутренних источников инвестиций / О. О. Коробейникова // Экономический анализ: теория и практика. – 2004. – № 1(16). – С. 41-45.

инноватсионӣ, молиявӣ ва самтҳои стратегии рушди корхона мувофиқат кунад;

**2. Принсипи аз нигоҳи иқтисодӣ асоснок ва мақсаднок будан.** Зимнан принсипи мазкур тақозо мекунад, ки сиёсати истеҳлокӣ бояд барои фаъолияти ҷорӣ ва перспективии корхона шароит ва заминаи мусоид фароҳам оварда, минбаъд сифат ва суръати равандҳои такрористеҳсолро муаян созад;

**3. Принсипи инноватсионӣ будани сиёсати истеҳлокӣ.** Истифодаи принсипи мазкур имконият медиҳад, ки сиёсати истеҳлокии корхона на танҳо ба навсозии сармояи асосӣ, балки ба ҷори кардани техникаву технологияҳои нави истеҳсолӣ мусоидат кунад. Яъне, навсозии сармояи асосӣ аз нигоҳи ҷорисозӣ ва татбиқи дастовардҳои навини илму техника амалӣ карда шавад.

**4. Принсипи ҷуброни молиявии унсурҳои сармояи асосие, ки аз эътибор соқит карда мешаванд.** Зимни татбиқи принсипи мазкур сиёсати истеҳлокӣ бояд барои ҷуброни объектҳои воситаҳои асосие, ки аз эътибор соқит карда мешаванд, заминаи молиявӣ фароҳам оварда, нагузорад, ки раванди мазкур ба фаъолияти корхона таъсири манфӣ расонад.

Таҳқиқоти анҷомдодаи мо нишон дод, ки дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз сабабҳои асосии таназзули базаи моддию техникии корхонаҳои кишоварзӣ ин номукаммалии сиёсати истеҳлокӣ мебошад. Танқиди сиёсати муосири истеҳлоки, ки аз ҷониби бисёре аз олимони ватанӣ баён шудааст одилона буда, дар шароити муосир фонди истеҳлок вазифаи асосии худро, яъне таъмини раванди такрористеҳсолро иҷро намекунад.

Таҷриба нишон медиҳад, ки ислоҳоти баҳисобгирии муҳосибӣ боиси гум шудани эътибори фонди истеҳлок гардида, аз ҷиҳати назариявӣ истеҳлок раванди объективии тадриҷан ба маҳсулоти истеҳсолшуда гузаронидани арзиши воситаҳои меҳнат мебошад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон истеҳлок тибқи қонунгузории андоз муайян карда шуда, аз

нуқтаи назари такрористеҳсоли фондҳои асосӣ истеҳлок манбаи такрористеҳсоли оддии онҳо ба ҳисоб меравад.

Тадқиқоти анҷомшуда нишон медиҳад, ки дар таҷриба принсипҳои гуногуни ташаккул ва идоракунии сиёсати истеҳлокӣ мавҷуданд. Дар баробари ин дар мавриди инструментҳои сиёсати истеҳлокӣ низ нуктаҳои назари хос вуҷуд дошта, онҳо дар алоҳидагӣ ва ё дар якҷоягӣ ба таври васеъ истифода карда мешаванд. Барои мисол, ба андешаи муҳаққиқон[44] дар маҷмӯъ се инструменти сиёсати истеҳлокиро ҷудо намудан мумкин аст: «муҳлати истифодаи самарабахши объекти сармояи асосӣ, усули ҳисоби истеҳлок ва самтҳои асосии ҳиссаҷудокуниҳои истеҳлокӣ. Ба андешаи мо, истифодаи инструментҳои сиёсати истеҳлокӣ имконият медиҳад, ки вазифаҳои муҳими такрористеҳсоли сармояи асосӣ дар корхонаҳои бахши аграрии иқтисодиёт ҳалл карда шавад. Таҳлили сарчашмаҳо ва муқоисаи он бо амалияи имрӯзаи корхонаҳои бахши аграрии иқтисодиёт нишон медиҳад, ки сиёсати истеҳлокӣ бо равандҳои стратегии идоракунии фаъолияти инноватсионӣ ва инвеститсионӣ алоқамандаии бевосита дорад.

Ҳамин тариқ, ба дараҷаи нав кардани фондҳои асосӣ дар корхонаҳои кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳама бештар чунин нишондиҳандаҳоро ба монанди дараҷаи даромаднокии истеҳсолот ва фоида таъсир мерасонад. Истеҳлок яке аз манбаъҳои асосии такрористеҳсоли фондҳои асосӣ дар корхонаҳои кишоварзӣ ба шумор меравад. Равиши пешниҳодшуда барои ҳисоб кардани меъёри фарсудашавии қисми фаъоли фондҳои асосӣ имкон медиҳад, ки омилҳои таваррумӣ ва фарсудашавии маънавии воситаҳо ба назар гирифта шаванд. Ин равиш дар солҳои аввали фаъолият, яъне дар даврае, ки самаранокии истифодаи фондҳои асосӣ ҳаҷми бештари тарҳи истеҳлокиро пешбинӣ менамояд, мувофиқи мақсад мебошад.

---

[44] Алборов Р. А. Организационно-методические аспекты выбора способа начисления и учета амортизации основных средств в сельском хозяйстве / Р. А. Алборов, Л. И. Хоружий, С. М. Концевая [и др.] // Бухучет в сельском хозяйстве. – 2022. – № 3. – С. 203-211. – DOI 10.33920/sel-11-2203-02.

Ба андешаи мо сиёсати истеҳлокии корхонаҳои аграрии муосир бояд чунин сохтор дошта бошанд (Расми 3.1.1.).




**Расми 3.1.1.1 Сиёсати истеҳлокии корхонаҳои кишоварзӣ дар низоми идоракунии раванди такрористеҳсол**

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф

Ба ақидаи мо, такмили идоракунии такрористеҳсоли сармояи асосӣ бояд аз блокҳои зерин иборат бошад:

***Фароҳам овардани шароити зарурӣ барои такрористеҳсоли сармояи асосӣ дар корхонаҳои кишоварзӣ дар сатҳи миллӣ.*** Ба он дохил мешавад:

- таҳия ва тасдиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва қонунҳои соҳа ва такмили системаи андоз;

- фароҳам овардани шароити мусоид барои ҷалби сармояи дохилӣ ва хориҷӣ барои такрористеҳсоли сармояи асосии кишвар;

- таъсиси инфрасохтори зарурӣ барои такрористеҳсоли сармояи асосӣ (бонкҳо, ширкатҳои суғурта ва лизинг, таъминоти иттилоотӣ ва ғайра).

Зимнан барои фароҳам овардани шароит барои такрористеҳсолкунии сармояи асосӣ дар кишвар зарур аст:

1. Ташаккули шароити қонунгузорӣ ва институтсионалӣ барои тағироти мусбӣ дар соҳаи инноватсия. Нақшаи қонунгузорӣ бояд чораҳо оид ба таҳияи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, рушди бозори моликияти зеҳнӣ,

ҷалби натиҷаҳои фаъолияти зеҳнӣ ба гардиши иқтисод, фароҳам овардани шароит барои фаъолгардонии фаъолияти инноватсионӣ ва ғайраҳоро дар бар гирад. Ин ба тағироти институтсионалӣ дар соҳаи инноватсия, рушди шаклҳои нави инноватсия ва соҳибкорӣ дар ин соҳа саҳми бузург мегузорад.

2. Татбиқи сиёсати истеҳлоки босуръат, ки ба принсипи ҷуброн барои унсурҳои сармояи асосӣ бо назардошти фарсудашавии маънавӣ ва ҷисмонӣ асос ёфтааст.

3. Такмили системаи андоз бо мақсади фароҳам овардани шароити мусоид барои фаъолияти инноватсионӣ аз ҷониби ҳама субъектҳо, новобаста аз шакли моликият ва намудҳои маблағгузорӣ.

Дар шароити муосири иқтисодӣ мо дар бораи аниқ намудани заминаи андоз ва таҳияи механизми ҷамъоварии андозҳо, тағйир додани сиёсати истилоҳот бо мақсади таъмини он, ки корхонаҳои кишоварзӣ фондҳои амортизатсиониро ҳамчун манбаи сармоягузорӣ ба инноватсия ва такрористеҳсоли сармояи асосии корхонаҳои кишоварзӣ афзоиш медиҳанд. Аз ин рӯ, дар ин самт ҷиҳати густариши равандҳои такрористеҳсол дар корхонаҳои кишоварзӣ бояд имтиёзҳои андозӣ ва субсидияҳои давлатӣ пешниҳод карда шаванд.

Такмили саривақтии идоракунии такрористеҳсоли сармояи асосӣ дар асоси вазъи иқтисодиёти миллӣ ва дурнамои рушди он. Ба назари мо, танҳо пас аз татбиқи ин блокҳо идоракунии самарабахши такрористеҳсоли сармояи асосӣ дар сатҳи макроиқтисодӣ бунёд ва татбиқ карда мешавад.

Дар баробари сиёсати истеҳлокӣ яке аз масъалаҳои муҳим ин такмили идоракунии такрористеҳсоли захираҳои меҳнатӣ ба ҳисоб меравад. Такрористеҳсоли захираҳои меҳнатӣ ва идоракунии самараноки онҳо бо афзоиши табиии аҳолӣ ва муҳоҷирати он вобаста аст. Динамикаи афзоиши табиӣ дар ҷаҳон як қатор мушкилоти идоракунии захираҳои меҳнатиро ба вуҷуд меорад: афзоиши бекорӣ, таъсиси ҷойҳои нави корӣ, муҳоҷирати меҳнатӣ ва ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ. Омӯзиши нокифояи асосҳои назариявии моҳияти иқтисодии мафҳуми захираҳои меҳнатӣ, методология

ва таҳқиқоти мониторинги захираҳои меҳнатӣ дар деҳот, шаклҳои тағйироти сохтории захираҳои меҳнатӣ дар соҳаи кишоварзӣ, ҳисобҳои нодуруст дар такрористеҳсол ва идоракунии онҳо дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳамияти муҳимми ҳалли мушкилоти мазкурро тасдиқ мекунад.

Бояд гуфт, ки ҳангоми баҳодиҳии такрористеҳсоли захираҳои меҳнатӣ дар корхонаҳои кишоварзӣ, махсусан дар дартҳи деҳот на танҳо аҳолии дар шаклҳои умумии хоҷагидорӣ, балки дар иқтисодиёти ғайрирасмӣ фаъолияткунандаро низ ба назар гирифтан лозим аст. Омӯзиши мушкилоти ҳалнашудаи захираҳои меҳнатии деҳот, аз ҷиҳати бо кор таъмин намудани ҷавонон дар деҳот хеле мубрам мебошад. Дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳз ҷавонони деҳот захираи муҳими ташаккули ҷойҳои нави корӣ дар оянда ба ҳисоб мераванд.

Яке аз самтҳои муҳими тақвияти раванди такрористеҳсол ин мутобиқгардонии фаъолияти корхонаҳои кишоварзӣ ба талаботи бозор мебошад. Аз ин рӯ, дар ин самт ташаккул ва такмили сиёсати маркетингӣ нақши бузург дорад. Дар шароити муосир масъалаи ташаккули нерӯи кадрӣ барои рушди устувори корхонаҳои кишоварзӣ хеле муҳим мебошанд. Ба мушкилоти норасоии кадрҳои баландихтисос на танҳо хоҷагиҳое, ки дар ҳолати бухронӣ қарор доранд, балки корхонаҳои кишоварзии самаранок фаъолияткунанда ҳам дучор меоянд. Вобаста ба ин гузаронидани сиёсати фаъолонаи ҷалб, омодакунӣ ва бозомӯзии кадрҳо таҳияи стратегияи дахлдори идоракунии он, муайян кардани роҳҳои мушаххаси ташкилию идоракуниро талаб мекунад, ки татбиқи онҳо бояд боиси беҳтар шудани тамоми кори таъминоти кадрии корхонаҳои кишоварзӣ гардад.

Истифодаи технологияҳои идоракунии такрористеҳсоли кадрӣ дар корхонаҳои кишоварзӣ ба ҳалли оптималии масъалаҳои стратегӣ ва ҷории идоракунии кадрҳо кадрҳо, ташаккули сохтори рақобатпазири тахассусии касбӣ ва муайян кардани талабот ба захираҳои кадрӣ мусоидат мекунад. Мониторинги равандҳои кадрӣ имкон медиҳад, ки тамоюлҳо, моделсозӣ ва

пешгӯии ҳолати кадрҳо бо мақсади сари вақт андешидани чораҳои зарурӣ пайгирӣ карда шаванд.

Дар ҳамаи зинаҳои роҳбарӣ барномаҳои дарозмуддати таъминоти кадрии бахши аграриро бо назардошти мураккабии он тартиб додан лозим аст. Самти афзалиятноки фаъолияти мақомотҳои идоракунии соҳа ва муассисахои таълимии соҳавӣ ин беҳтар намудани сохтор ва сифати тайёр кардани мутахассисон, ба амал баровардани тадбирҳо ҷиҳати самаранок истифода бурдани иқтидори ихтисоси гирифташуда мебошад. Ҳалли масъалаҳои такрористеҳсоли кадрҳо дар корхонаҳои кишоварзӣ талаб мекунад, ки нақши хизмати ахборотию машваратии кишоварзӣ дар таълими ғайрирасмии кадрҳо ва аҳолии деҳот, ҳамаҷониба васеъ намудани шабакаи хизматрасониҳои дахлдор дар заминаи муассисаҳои таълимӣ ва илмӣ пурзӯр гардонида шавад. Барои ҳалли мушкилоти мавҷуда муносибати ягонаи касбӣ ва салоҳиятнокро дар тарбияи кадрҳои роҳбарикунандаи насли нав ташкил кардан лозим аст, ки вобаста ба ҷорӣ намудани технологияҳои инноватсионӣ дар истеҳсолоти кишоварзӣ заруранд.

Равиши консептуалии пешниҳодшудаи такмили идоракунии таҷдиди сармояи асосӣ дар сатҳи макро, ба назари мо, метавонад дар сурати мавҷуд будани вазъи мусоиди иқтисодии кишвар, субот дар соҳаҳои сиёсию ҳуқуқӣ ва иҷтимоӣ системаи самарабахши идоракунии такрористеҳсоли сармояро таъсис диҳад.

Ҳамин тариқ, мо метавонем самтҳои зерини стратегиро барои такмили идоракунии таҷдиди воситаҳои асосӣ таҳия кунем:

- ҷамъоварии захира барои таҷдиди воситаҳои асосӣ аз ҳисоби манбаъҳои маблағгузории сармоягузорӣ (фарсудашавӣ, фоида, даромад аз барҳамдиҳии воситаҳои асосӣ, даъвоҳои суғуртавӣ);

- бо назардошти арзиши барҳамдиҳии воситаҳои асосӣ методологияи муайян кардани арзиши амортизатсияи воситаҳои асосӣ такмил дода мешавад;

- ташкили баҳодиҳии техникӣ ва азнавбаҳодиҳии воситаҳои асосӣ бо мақсади сари вақт нав кардани воситаҳо, инчунин аз ҳисоб баровардани воситаҳои асосии аз ҷиҳати маънавӣ ва ҷисмонӣ фарсуда;

- азнавбаҳодиҳии мунтазами воситаҳои асосӣ, ки имкон медиҳад арзиши тавозунии онҳо ба сатҳи арзиши бозорӣ мувофиқ бошад;

- Таҳлили даврии мӯҳлати коршоямии воситаҳои асосӣ барои дақиқтар ҳисоб кардани андозаи амортизатсия ва фонди истеҳлокии ташкилотҳои кишоварзӣ;

- Такмили таркиби сифатии мошину таҷҳизот, ташаккули сохтори инноватсионии фондҳои асосӣ.

Татбиқи ин чорабиниҳо ба баланд бардоштани самаранокии таҷдид ва истифодаи воситаҳои асосӣ, қабули саривақтии ба истифода, харидорӣ, барқарорсозии фондҳои асосӣ ва ба ин васила баланд бардоштани самаранокии истеҳсолот ва рақобатпазирии ташкилотҳои кишоварзӣ мусоидат мекунад.

## §3.2. Такмили низоми идоракунии равандҳои такрористеҳсол дар асоси тақвияти фаъолияти инноватсионӣ

Яке аз самтҳои асосии такмили низоми идоракунии раванди такрористеҳсоли сармояи асосӣ дар кишоварзӣ ин тақвияти фаъолияти инноватсионӣ на танҳо тавассути харидории воситаҳои истеҳсолии инноватсионӣ, балки татбиқи инноватсияҳо дар ҳама сатҳҳо ва зерсоҳаҳои истеҳсолоти кишоварзӣ ба ҳисоб меравад. Новобаста ба он, ки солҳои охир дар минтақаҳои алоҳидаи кишвар татбиқи инноватсияҳо дар бахши аграрӣ ба чашм мерасад, вале ба таъкиди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Ҳарчанд ки олимони соҳа дар бахшҳои мухталифи илми кишоварзӣ ба як қатор пешравиҳо ноил шудаанд, аммо дар

шароити рушди босуръати илм навовариву ихтироот ва таҳқиқоту бозёфтҳои онҳо ҳоло ҳам қаноатбахш нестанд».[45]

Таҳлили динамикаи нишондиҳандаҳои соҳаи кишоварзӣ, ки дар боби дуюм анҷом дода шуда буд нишон медиҳад, ки дар баробари равандҳои мусбати ташаккули иқтисодиёти бисёрсоҳавӣ ва таҷдиди хоҷагиҳои деҳқонӣ, диверсификатсияи истеҳсолоти кишоварзӣ ва ташкили инфрасохтори бозор, дар соҳаи кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон тамоюли манфӣ низ ба назар мерасанд. Ба андешаи мо ба чунин омилҳо пеш аз ҳама кам шудани дастгирии давлатӣ дар самти сармоягузории соҳа; кам кардани тадбирҳои мушаххаси агротехникӣ; пастшавӣ ва ё ҳосилнокии нокифояи замин; тафовут дар нархҳои маҳсулоти саноатӣ ва кишоварзӣ шомил мебошанд.

Ҳоло ташаккул ва рушди чунин соҳаҳои нав ба монанди соҳибкорӣ ва равандҳои инноватсионӣ, ки ба баланд бардоштани рақобатпазирии маҳсулоти кишоварзӣ дар бозори дохилӣ ва ҷаҳонӣ, ҳалли масъалаҳои рушди иқтисодии истеҳсолот ва ғайра мусоидат мекунанд аз ҷумлаи самтҳои муҳимтарини такмили низоми идоракунӣ ва таъмини тақвияти равандҳои такрористеҳсол дар бахши аграрии иқтисодиёти кишвар ба ҳисоб меравад.

Дар шароити муосир вазифаи асосии комплекси агросаноатӣ ин баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ, таъмини шуғл ва даромади сокинони деҳот, инчунин таҳкими иқтидори содиротии ҷумҳурӣ ба ҳисоб меравад. Сиёсати давлатӣ дар комплекси агросаноатӣ фарогири маҷмӯи тадбирҳои мушаххас оид ба муайян кардани афзалиятҳои равандҳои инноватсионӣ дар соҳа буда, таҳия ва татбиқи онҳо ба суръатбахшии навсозии истеҳсолоти кишоварзӣ ва густариши раванди такрористеҳсоли срамояи асосӣ дар соҳа таъсир мерасонад.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки такрористеҳсоли захираҳои моддию техникӣ пеш аз ҳама ах имкониятҳои истеҳсолии корхонаҳои кишоварзӣ,

---
[45] http://prezident.tj/node/22643

даромаднокии онҳо ва сатҳи даромад аз фурӯши маҳсулот вобаста мебошад. Вобаста ба ин солҳои охир дар кишвар корхонаҳои муштараки истеҳсоли воситаҳои техникӣ бунёд шуда, барои воридони мошинолоти кишоварзӣ имтиёзҳои андозӣ пешниҳод карда шудаанд.

Айни замон дар шаҳри Ҳисор корхонаи муштараки Тоҷикистону-Белорус ҶСК «Агротехсервис» фаъолият мекунад, ки ба истеҳсоли мошинолоти гуногуни саноатӣ, аз он ҷумла тарkторҳои тамғаи гуногун машғул аст. Дар ин корхона солона 620 трактори гуногунтамға ва дигар таҷҳизоти соҳаи кишоварзӣ васлу насб карда шуда ва бо мавриди баҳрабардорӣ қарор гирифтани марҳилаи дуюми он, ин нишондод ба 1700 адад расонида шуд. Ҳамзамон истеҳсоли солонаи ядак ва дигар таҷҳизоти кишоварзӣ 2600 ададро ташкил дода, шумораи ҷойҳои корӣ низ зиёд гардид. Ин корхона дар заминаи қарордоди байни Ҷамъияти саҳҳомии пӯшидаи «Агротехсервис», Ҷамъияти саҳҳомии кушодаи «Заводи трактрбарории Минск» ва ширкати «Бобруйскагромаш» таъсис дода шудааст. Танҳо дар давоми 4 моҳи фаъолият дар ин корхона 206 техникаву таҷҳизоти кишоварзӣ, аз ҷумла трактори тамғаи «Беларус 82.1" 48 адад, ядакҳо 29 адад, испор 113 адад, сихмола 2 адад, тойбанд 16 адад ва заҳрпошак 2 адад васлу насб карда шуд.

Таҷрибаи бунёди корхонаи муштараки истеҳсоли техника ва таҷҳизоти кишоварзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки кишвари аграрӣ ба ҳисоб меравад, аз ҳар ҷиҳат манфиатовар буда, мушкилоти кишоварзонро дар дастрасӣ ба техникаву таҷҳизоти корӣ бартараф менамояд. Таъмини бахши аграрӣ бо теникаву мошинолотҳои замонавӣ шарти асосии гузариш ба сатҳи нави муносибатҳои истеҳсолӣ ба хоҷагидории корхонаҳо ба ҳисоб меравад.

Таҷриба нишон медиҳад, ки амалисозии тадриҷии ислоҳоти иқтисодӣ дар деҳот, боло рафтани нақш ва мақоми соҳибкорӣ дар деҳот, дастгирии фаъолияти деҳқонон як ҷузъи таркибии сиёсати аграрии давлатӣ мебошанд. Новобаста аз он, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон асноди меъёриву

ҳуқуқии гуногуни тназимкунандаи фаъолияти кишоварзӣ таҳия ва тасдиқ карда шудааст, аммо, барои рушди минбаъдаи хоҷагиҳои деҳқонӣ ва фаъолияти соҳибкорӣ дар бахши аграрӣ муайян кардани шароитҳои нав, имтиёзҳо ва омилҳои ҳавасмандкунанда, рушди фишангҳои иқтисодӣ ва механизмҳои танзимкунандаи муосиру муассир зарур аст. Ҳамаи инҳо бояд қабл аз ҳама дар қонунҳо ва дигар асноди институтсионалии давлатӣ инъикос ёбанд.

Чи тавре ки қаблан қайд шуда буд тавсеаи фаъолияти инноватсионӣ шарти асосии навсозии саряои асосӣ дар бахши аграрии иқтисодиёт ба ҳисоб меравад.[46] Аз ин рӯ, тақвияти фаъолияти инноватсионӣ бо назардошти вазъ ва омилҳои таъсиррасон бояд сурат гирад. Вобасата ба ин, ба андешаи мо, омилҳои зерин метавонанд дар тақвияти фаъолияти инноватсионӣ ва таҳкими равандҳои идоракунии такрористеҳсоли сармояи асосӣ дар кишоварзӣ муосидат мекунанд:

- аввалан, дар шароити бозор, ҳавасмандӣ ба коркарди амиқи маҳсулоти кишоварзӣ хеле меафзояд, зеро вақте дараҷаи омодагии он меафзояд, даромад аз фурӯш низ афзоиш меёбад. Ин сармоягузорони потенсиалиро барои сармоягузорӣ на танҳо дар соҳаи кишоварзӣ, балки барои рушди тиҷорати хурди саноатӣ дар деҳот дар асоси технологияҳои нав ҳавасманд менамояд;

- дуюм, баланд бардоштани иқтидори ин соҳаҳо маблағи назаррасро талаб намекунад ва метавонад дар давоми як то ду сол фоидаро зиёд кунад;

- сеюм, самтҳои дар боло зикргардидаи фаъолияти соҳибкорӣ ба омодасозии кадрҳои баландихтисос ниёз надоранд ва метавонанд дар деҳот ҷойгир карда шаванд, ки дар он ҷо қисми зиёди қувваи корӣ ва ашёи хом мавҷуд аст;

[46] Сорокин, А. В. Инновационная деятельность в современных условиях воспроизводства на предприятии / А. В. Сорокин, В. В. Приступа // Актуальные проблемы технических, экономических, юридических и социальных наук. Том II. – Москва : Московский государственный индустриальный университет, 2007. – С. 217-220.

- чаҳорум, як қисми иқтидори содиротии кишвар ба бахши кишоварзӣ мутамарказ шудааст, ки ин имкон медиҳад озодкунии фаъолияти иқтисодии хориҷӣ ба ҳалли муассири масъалаҳои корхонаҳои навтаъсис, аз ҷумла навсозии сармояи асосӣ тавассути харидории таҷҳизот ва технологияҳои воридотӣ имкон диҳад.

Қобили қайд аст, ки хусусияти асосии ташаккул ва рушди раванди инноватсионӣ дар истеҳсолоти кишоварзӣ, ки ба навсозии сармояи асосӣ ва тақвияти раванди такрористеҳсол мусоидат мекунанд, аз инҳо иборатанд:

- мушаххасоти воситаҳои асосии истеҳсолот дар соҳаи кишоварзӣ - замин;

- гуногунии намудҳои маҳсулоти кишоварзӣ ва коркарди онҳо, инчунин фарқияти назаррас дар технологияи парвариш ва истеҳсоли онҳо;

- фарқияти назарраси минтақаҳои алоҳидаи кишвар мутобиқи шароити истеҳсолӣ;

- вобастагии амиқи технологияҳои истеҳсолӣ дар соҳаи кишоварзӣ аз шароити табиӣ ва обу ҳаво;

- мавсимӣ будани истеҳсолот дар маҷмӯъ дар соҳаи кишоварзӣ, аз ҷумла фарқияти калон дар давраи истеҳсоли намудҳои алоҳидаи маҳсулоти кишоварзӣ ва коркарди онҳо;

- дараҷаи баланди парокандагии ҳудудии истеҳсолоти кишоварзӣ;

- ҷудо будани истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ аз ташкилотҳои истеҳсолкунандаи маҳсулоти илмию техникӣ;

- сатҳи гуногуни иҷтимоии кормандони соҳаи кишоварзӣ;

- гуногунандешии шаклҳо ва муносибатҳои мухталифи истеҳсолкунандагони кишоварзӣ бо ташаккули фаъолияти инноватсионӣ;

- нарасидан ё набудани кадрҳои баландихтисос ва мутахассисон дар соҳаи тиҷоратикунонии навовариҳо;

- мавҷуд набудани механизми дақиқ ва аз ҷиҳати илмӣ асосёфта дар самти татбиқи ҳамкории илм ва истеҳсолоти кишоварзӣ.

Ташаккули механизми идоракунии бозор, воридшавии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба тақсимоти байналмилалии меҳнат ҳамроҳ бо як қатор мушкилоти мураккаби иқтисодӣ дар раванди татбиқи фаъолияти инноватсионӣ сурат мегирад, ки мавҷудияти онҳо монеаи ҷиддӣ дар баланд бардоштани рақобатпазирии иқтисодиёти миллӣ мегардад. Дар шароити муосир баланд бардоштани рақобатпазирӣ дар бахши аграрии иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон танҳо тавассути татбиқи технологияҳо, молҳо ва хизматрасониҳои нав ба даст оварда мешавад. Ин беҳбудии фазои инноватсиониро дар бахши кишоварзӣ тақозо мекунад, ки ба татбиқи чорабиниҳои зерин вобастагӣ доранд:

- ташкили системаи самарабахши идоракунии кишоварзӣ;

- такмили механизми дастгирии фаъолияти инноватсионии корхонаҳои кишоварзӣ;

- таъмини маблағгузории корҳои инноватсионии аз ҷониби ташкилотҳо ва корхонаҳои соҳаҳои комплекси агросаноатӣ.

Таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки пешрафти илмӣ-техникӣ асоси ягонаи воқеии тағиротҳои пурсамари иҷтимоию иқтисодӣ ҳам дар сатҳи микроиқтисодӣ ва ҳам дар сатҳи рушди иқтисодиёти миллӣ мебошад. Кишварҳое, ки рушди иқтисодиёти худро бо роҳи инноватсионӣ таъмин карда наметавонанд, сатҳи пасти рақобатпазириро соҳиб мегарданд. Ҷумҳурии Тоҷикистон аз бисёр кишварҳои пешрафта анъанаҳои таърихии илми кишоварзӣ фарқ мекунад, ки дар шароити муосир манбаи муҳимтарини стратегӣ мебошад.

Талабот ва пешниҳод ба маҳсулоти илмию техникӣ, тавре ки маълум аст, аз ҷониби тавлидкунандагони молҳои кишоварзӣ ва дигар бахшҳои комплекси агросаноатӣ муайян карда мешавад.[47] Маълум аст, ки дар шароити муносибатҳои бозорӣ дар бораи ташкили бозори маҳсулоти илмӣ

[47] Звягинцева, Ю. А. Механизм и особенности воспроизводства основных фондов на сельскохозяйственных предприятиях / Ю. А. Звягинцева, В. В. Титаренко // Вестник Орловского государственного аграрного университета. – 2012. – № 4(37). – С. 121-126.

ва техникӣ тасаввуроти дақиқ лозим аст, ки дар натиҷаи он талабот ва пешниҳод ба ин навъи маҳсулот то ҳадди имкон мутавозин карда мешавад.

Сиёсати давлатии инноватсионӣ дар соҳаи кишоварзӣ бояд ба стратегияи рушди он дар ояндаи наздик ва дуртар асос ёфта, фарогири самтҳои зерин мебошад:

- пурзӯр намудани фаъолияти илмию техникӣ ва дар заминаи он ташкил намудани истеҳсоли самарабахши кишоварзӣ;

- дастгирии моддию техникии соҳа (ташаккули муҳити рақобат ва рафъи инҳисор);

- идоракунии оқилонаи табиат дар соҳаи кишоварзӣ (махсусан дар соҳаи замин ва захираҳои об);

- такмили муносибатҳои иқтисодӣ ва замин, такмил додани сохтори истеҳсолот ва идоракунӣ, инчунин ташаккули механизмҳои ҳавасмандгардонӣ бо мақсади баланд бардоштани ҳосилнокии соҳа.

Қобили қайд аст, ки ҳадафи ниҳоии татбиқи сиёсати инноватсионӣ фароҳам овардани шароит барои рушди бомуваффақияти инноватсияҳо ва суръат бахшидани пешрафти илмию техникӣ дар тамоми соҳаҳои комплекси агросаноатӣ мебошад, ки аз навсозии техникӣ, ташкилӣ ва технологии истеҳсолоти кишоварзӣ, баланд бардоштани ҳосилнокии меҳнат ва самаранокии он вобаста мебошад. Дар баробари ин, тақвияти равандҳои инноватсионӣ имконият медиҳад, ки такрористеҳсоли сармояи асосӣ дар бахши аграрӣ дар сатҳи зарурӣ ба роҳ монда шавад.

Дар ин маврид нақши давлат ва мақомоти давлатӣ дар такмили идоракунии равандҳои такрористеҳсоли сармояи асосӣ дар бахши аграрӣ тавассути тақвияти фаъолияти инноватсионӣ ҳалкунанда мебошад. Яъне давлат метавонад тавассути тағйири стантардҳо, сиёсати соҳавӣ ва дастгирии иқтисодиву маъмурӣ ин равандҳо густариш диҳад. Вобасат ба ин, ба андешаи мо самтҳои асосии татбиқи сиёсати давлатии инноватсионӣ, ки ба такрористеҳсоли сармояи асосӣ дар соҳаи кишоварзӣ мусоидат мекунад, инҳо мебошанд:

- ташаккули низоми соҳавии инноватсионӣ дар комплекси агросаноатӣ, ки дар заминаи сиёсати ягонаи илмию техникии давлатӣ фаъолият мекунад;

- таҷдиди илми кишоварзӣ дар гузаронидани таҳқиқоти заминавӣ ва амалӣ;

- дастгирии давлатии истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ бо мақсади барқарор кардани қобилияти пардохтпазирӣ ва имконоти навовариҳо;

Вазъи ҷорӣ бо татбиқи дастовардҳои илм ва таҷрибаи хориҷӣ дар комплекси агросаноатӣ дар шароити ташаккули муносибатҳои бозорӣ тақозо менамояд, ки бозори маҳсулоти илмию техникӣ ташаккул намояд. Механизми пешниҳодшуда аз нуқтаи назари менеҷменти стратегӣ фишангҳои иқтисодӣ, чораҳои танзими давлатӣ, усули меъёрии дастгирии молиявӣ ва нархгузории индикативӣ, омилҳои рушди инфрасохтори бозор, дастгирии иттилоотӣ ва ноил шудан ба суботи иҷтимоӣ, тавозуни экологӣ ва ғайра самарабахш мебошад. Дар маҷмӯъ таҳияи механизми ташкилию иқтисодии рушди комплекси агросаноатӣ ба назари мо аз нуқтаи назари муносибати стратегӣ, системавӣ ва рушди инноватсионӣ ба назар мерасад (Расми 1).

Бо вуҷуди ин, дар шароити муосир тақвият додани инноватсия дар соҳаи кишоварзӣ бояд дар самтҳои афзалиятноки рушди ин раванд сурат гирад. Дар соҳаи иқтисодиёт, ташкил ва идоракунии истеҳсолоти кишоварзӣ ташаккул ва такмили муносибатҳои ташкилӣ ва иқтисодӣ дар раванди истеҳсолот мебошад, ки ба амалӣ намудани на танҳо такрористеҳсоли содда, балки инчунин васеъ, ҷорӣ намудани шаклҳои нави ташкили истеҳсолот ва идоракунии ба истифодаи самаранок нигаронидашуда мусоидат мекунад.

Дар ин давра лоиҳаҳои байнидавлатӣ дар соҳаи кишоварзӣ: Лоиҳаи Барномаи ҳамкорӣ байни Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Созмони озуқаворӣ ва кишоварзии СММ барои солҳои 2019-2021; Лоиҳаҳои

TCP/TAJ/3704 «Такмили заминаҳои ҳуқуқӣ ва иқтидори идоравӣ баҳри пешбурди кишоварзии органикӣ»; “Баланд бардоштани иқтидори техникии моҳипарварон ва сохторҳои соҳавӣ бо мақсади истеҳсоли хӯроки моҳӣ дар Осиёи Марказӣ”; GCP/SEC/650955 «Тақвият бахшидани ҳамкориҳои минтақавӣ ва зарфиятсозии миллӣ дар мубориза алайҳи касалиҳои зироатҳои ғалладонагиҳо ва селексия баҳри устуворӣ нисбати касалиҳо дар Осиёи Марказӣ ва Қафқоз».

Дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон такрористеҳсол дар корхонаҳои кишоварзӣ ба интенсификатсияи истеҳсолот алоқаманд буда, заминаи асосии тақвияти равандҳои такрористеҳсол мебошад. Хусусият иқтисодии захираҳои моддию техникӣ асосан дар таҷдиди фондҳои асосӣ ва фонди муомилот инъикос мегардад. Раванди экстенсивии такрористеҳсол дар корхонаҳои кишоварзӣ такмил додани хусусиятҳои миқдорӣ ва сифатии фондҳои асосиро дар бар мегирад. Чунон ки дар боло қайд намудем, таъмини тараққиёти устувор ва динамикии кишоварзӣ нақши интенсификатсияро дар ҷараёни экстенсивии такрористеҳсол мунтазам баланд мебардорад.

Интенсифитсияи истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ афзоиши вазни хоси маҳсулоти маҳаллӣ дар бозори озуқаро инъикос намуда, шарти асосии таъмини рушди устувор мебошад. Аз ин нуқтаи назар таъмин намудани рушди устувори корхонаҳои кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити ҳозира бояд бевосита ба интенсификатсияи раванди такрористеҳсол асос ёбад. Интенсификатсияи истеҳсолот бошад дар навбати худ ба такмили идоракунии такрористеҳсоли васеъ ва баланд шудани дараҷаи ҳосилнокии меҳнат мусоидат мекунад. Аз ҳамин нуқтаи назар ҳангоми идоракунии раванди такрористеҳсол дар корхонаҳои кишоварзӣ ба моҳият ва хусусиятҳои хоси ин ҷараён диққати махсус додан зарур аст.




**Расми 3.2.1. Баҳамалоқамандии тақвияти фаъолияти инноватсионӣ ва раванди такрористеҳсоли сармояи асосӣ дар бахши аграрӣ**

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф

Дар бахши аграрии Ҷумҳурии Тоҷикистон тадбирҳое, ки ба интенсификатсияи истеҳсолот нигаронда шудаанд, ҳамчунин дар тамоми соҳаҳои иқтисодиёт дар корхонаҳои кишоварзӣ аҳамияти калони стратегӣ дорад. Аз ин лиҳоз, бо истифода аз дастовардҳои илми соҳавӣ дар соҳаи кишоварзӣ ба вуҷуд овардани навъҳои нави растанӣ ва чорво, ки ба таъсири зараровари шароити иқлими табиӣ мутобиқ шуда, инчунин иммунитети баланд доранд аҳамияти хоса дорад. Дар ин ҷо низ бояд раванди такрористеҳсол бо назардошти талаботи бозор ва рушди инноватсионии соҳа ба роҳ монда шавад.

Татбиқи интенсификатсия дар корхонаҳои кишоварзӣ зиёд кардани самараи иқтисодии истеҳсолотро дар асоси баланд бардоштани дараҷаи ҳосилнокии меҳнат дар назар дорад. Чуноне ки маълум аст, тараққиёти корхонаҳои кишоварзӣ асосан дар шакли экстенсивию интенсивӣ ба амал бароварда мешавад. Дар асоси экстенсив тараққӣ кардани корхонаҳои кишоварзӣ асосан аз ҳисоби зиёд шудани саршумори хайвонот зиёд шудани майдони замин ва зиёд шудани хаҷми маҳсулот ифода меёбад. Тараққиёти экстенсивӣ асосан ба нигоҳ доштан ва истифода бурдани ҳосилхезии табиӣ асос меёбад.

Истифодаи воситаҳои интенсивии зиёд кардани истеҳсоли маҳсулот пеш аз ҳама беҳтар намудани истифодаи майдонҳои замин ва баланд шудани дараҷаи ҳосилнокии меҳнатро аз ҳисоби дар истеҳсолот ҷорӣ намудани комёбиҳои навтарини прогресси илмӣ-техникӣ ва такмил додани ҳосилнокии меҳнат ва шаклҳои ташкили истехсолотро дар назар дорад.

Низоми нави муносибатҳои иқтисодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тақозо мекунад, ки ки дар ҳамаи соҳаҳои кишоварзӣ истеҳсолоти аз ҷиҳати иқтисодӣ самарабахш ба вуҷуд оварда шавад. Аз ин нуқтаи назар барои интенсификатсияи истеҳсолоти кишоварзӣ шароитҳои объективӣ мавҷуданд ва ба ин шарт инҳоро татбиқ кардан мумкин аст:

- миқдори маҳдуди заминҳои ҳосилхез, ки барои мақсадҳои кишоварзӣ истифода мешаванд;

- инкишофи қувваҳои истеҳсолкунанда, такмил додани воситаҳои асосии дар корхонаҳои кишоварзӣ истифодашаванда;

- шароити тақсимоти ҷамъиятии меҳнат;

- афзудани аҳолии шаҳр ва дар натиҷа эҳтиёҷот ба маҳсулоти кишоварзӣ.

Аз нуқтаи назари дар корхонаҳои кишоварзӣ амалӣ намудани такрористеҳсоли васеъ интенсификатсияи истеҳсолот васеъ истифода бурдани заминро дарбар намегирад. Бояд гуфт, ки интихоби интенсивӣ ё экстенсивии тараққиёти бахши аграрӣ бевосита ба шароити ҳозираи иқтисодиёт вобаста мебошад. Ин асосан дар сурати мавҷуд будани имкониятҳои маҳдуд барои маблағгузории иловагии асосӣ, дар айни замон дар сурати мавҷуд будани шароите, ки бо афзоиши талабот ба маҳсулоти кишоаврзӣ ва дар ниҳоят ба самараи иқтисодии истеҳсолот алокаманд аст, имконпазир аст.

Таҳлил нишон медиҳад, ки дар як қатор мавридҳо дар амал ҳар ду шакли тараққиёт дар як шароит барои зиёд кардани истеҳсоли махсулот истифода бурдан мумкин аст. Дар айни замон бояд ба назар гирифта шавад, ки шаклҳои экстенсивии тараққиёт дар корхонаҳои кишоварзӣ дар ҳақиқат дар шароите татбиқ карда мешаванд, ки раванди аз ҷиҳати иқтисодӣ самарабахши истеҳсолотро ба амал баровардан мумкин аст. Дар сурати бесамар будани истеҳсолот ҳодисаҳои даст кашидан аз тараққиёти экстенсивӣ дар кишоварзӣ ҷой доранд.

Умуман, хам тадкиқоти назариявӣ ва ҳам амалии анҷомдодаи мо нишон медиҳанд, ки интенсификатсия дар ҳақиқат шакли асосии такрористеҳсоли васеъ ба ҳисоб меравад, то ки ҳосили ҳар як воҳиди майдон зиёд карда шавад, комёбиҳои навтарини прогресси илму техника дар истеҳсолот ҷорӣ карда шавад, баланд шудани ҳосилнокии меҳнат ба ҳар як воҳиди маҳсулот ва кам шудани хароҷотро таъмин карда шавад. Интенсификатсии истеҳсолоти кишоварзӣ дар ҳақиқат се вазъияти ба ҳам

алоқамандро дарбар мегирад, ки онҳо хароҷот, замин ва намудҳои ҳосилгундориро дар бар гирифта метавонанд.

Бояд гуфт, ки шароити интенсификатсия барои ба амал баровардани раванди экстенсивии такрористеҳсол дар корхонаҳои кишоварзӣ низ бевосита ба таъсири муҳити зист вобаста аст. Ҳамин тавр, раванди интенсификатсия дар сурати муҳофизати муҳити зист ва шароити мусоиди экологӣ аз ҷиҳати иҷтимоию иқтисодӣ самарабахш буда метавонад. Ғайр аз ин, барои амалӣ гардондани раванди интенсификатсия мавҷуд будани омилҳое, ки ба мувозинати экологӣ таъсири манфӣ мерасонанд, зуҳуроти манфии харобиовари раванди интенсификатсияи такрористеҳсол мебошанд.

Қобили зикр аст, ки дар вақтҳои охир татбиқи истеҳсоли маҳсулоти аз ҷиҳати экологӣ тоза барои маҳдуд кардани истифодаи нуриҳои минералӣ ва дигар воситаҳои муҳофизати растанӣ дар истеҳсоли маҳсулот муҳимтар аст, ки ин ба беҳтар намудани истеъмоли маҳсулоти аз ҷиҳати экологӣ тозаи аҳолӣ зич алоқаманд аст. Интенсификатсияи бахши аграрӣ асосан зиёд кардани хаҷми захираҳои моддию техникӣ ва дар ин соҳа ба кор андохтани маблағгузории иловагии асосӣ мебошад. Дар бахши аграрӣ бештар маблағгузорӣ ба заминҳои мавҷуда ба такмил додани комёбиҳои илму техника нигаронида шудааст, ки ин пеш аз ҳама ба мақсади зиёд кардани истеҳсоли маҳсулоти зироат аз ҳисоби баланд бардоштани ҳосилхезии иқтисодии замин хизмат мекунад.

Барои рушди нақши давлат дар рушди соҳаи илмӣ ва техникии комплекси агросаноатӣ, бояд вазифаҳои мақомоти давлатӣ, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва соҳибкорӣ ба тавri дақиқ ҷудо карда шуда, ҳамоҳангсозии амалҳои онҳо, ташаккули сохторҳои мушаххасе, ки ҳуқуқи моликияти зеҳнии давлатро амалӣ мекунанд, зарур аст. ҳамчунин зарур аст, ки афзалиятҳои давлатӣ муайян карда шуда, модели аз ҳама оқилонаи бозори маҳсулоти илмию техникии комплекси агросаноатӣ, ки ҷавобгӯи манфиатҳои тамоми субъектҳои бозор мебошад, интихоб карда шавад.[48]

---

[48] Карпычева, Е. Ю. Вопросы воспроизводства оборотных средств на современном предприятии / Е. Ю. Карпычева // Энерго- и ресурсосбережение - XXI век : материалы

Дар истеҳсолоти кишоварзӣ ҷорӣ намудани техника ва технологияи навоварона асосан бо роҳбарии мутамаркази илм ва дар байни истеҳсолкунандагон паҳн намудани комёбиҳои он алоқаманд аст.

Дар маҷмӯъ, мавҷудияти низомҳои муассири ҷорӣ намудани инноватсия дар соҳаи кишоварзӣ хеле муҳим буда, истифодаи самараноки захираҳои инноватсионӣ ба рушди устувори соҳаи кишоварзӣ таъсири ҳалкунанда мерасонад. Ин тақозо мекунад, ки фаъолияти илмӣ дар соҳаи инноватсия ва фаъолияти системаҳои интиқоли инноватсионии васеъмиқёс дар асоси шарикии давлат ва бахши хусусӣ амалӣ карда шавад.

Дар айни замон яке аз шартҳои зарурии ба сатҳи нав баромадани сифати идоракунӣ дар соҳаи кишоварзӣ таҳия ва татбиқи механизмҳои навоварона мебошад. Албатта, самаранокии татбиқи ин гуна механизмҳо ба мураккабии онҳо ва сатҳи ҳамаи унсурҳое вобаста аст, ки шароити фаъолияти субъектҳои аграрӣ, заминаи моддию техникӣ ва механизмҳои мавҷудаи ташкилию иқтисодиро муайян мекунанд. Механизмҳои инноватсионӣ дар ҷорӣ намудани технологияи нав ва баланд бардоштани дараҷаи интенсивии истеҳсолот ифода меёбанд. Ин замон бо ба вуҷуд овардани навигариҳои махсуси технологӣ - навъҳои нави растаниҳо, зотҳои ҳайвонот, ба истеҳсолот гузарондани комёбихои илм хос аст. Такмили мухити институтсионалӣ, оқилона гардондани шаклҳои дастгирии давлатӣ, татбиқи усулҳои нав дар идоракунии системаҳои истеҳсолот ба ҷиҳатҳои ташкилӣ ва иҷтимоию иқтисодии навоварӣ дар тадқиқоти иқтисодӣ алоқаманданд.

Ба ақидаи мо, барои фароҳам овардани шароит барои рушди инноватсионии иқтисодиёт таъсири ҳамаҷонибаи давлат ба механизми идоракунии такрористеҳсоли срамояи асосӣ дар бахши кишоварзӣ зарур аст. Тадбирҳои афзалиятноки таъсиррасонии давлатӣ иборатанд аз:

---

XII международной научно-практической интернет-конференции, Орёл, 15 марта – 30 2014 года. – Орёл: Госуниверситет-УНПК, 2014. – С. 125-127.

1. Ташаккули шароити қонунгузорӣ ва институтсионалӣ барои тағйироти мусбӣ дар соҳаи инноватсияҳое, ки ба кишоварзӣ нигаронида шудааст.

2. Дастгирии давлатӣ ва ҳавасмандгардонии сармоягузороне, ки ба истеҳсолоти баландтехнологӣ, технологияҳои инноватсионӣ ва инчунин ҳама гуна шаклҳои моликият сармоягузорӣ мекунанд, тавассути пешниҳоди кӯмаки молиявӣ ба таҳқиқот ва коркарди эҷоди унсурҳои нави сармояи асосие, ки хусусияти инноватсионӣ доранд;

3. Такмили системаи андоз бо мақсади фароҳам овардани шароити мусоид барои тақвияти фаъолияти инноватсионӣ дар корхонаҳои кишоварзӣ.

4. Дастгирии иқтисодӣ ҷиҳати фароҳам овардани шароит барои ташкили корхонаҳои муштарак бо шарикони хориҷӣ барои истеҳсоли маҳсулоти ватании баландтехнологӣ ва маркетинги онҳо дар бозори хориҷӣ.

5. Ҷудо кардани сармоягузориҳои мустақими давлатӣ барои татбиқи барномаҳо ва лоиҳаҳои инноватсионӣ, ки дорои хусусияти умумидавлатӣ мебошанд, вале барои сармоягузорони хусусӣ ҷолиб нестанд.

Дар шароити ҳозира шартҳои асосии ташаккули системаи самарабахши инноватсиониро метавон ном бурд: устувории системаи идоракунӣ; ташаккули сиёсати самарабахши инноватсионӣ, таъмини ҳуқуқӣ ва захиравии он; ворид намудани моликияти зеҳнӣ ба давраи истеҳсолӣ-иқтисодӣ; тезондани тараққиёти комёбиҳои илм, техника ва таҷрибаи пешқадам дар бахши аграрӣ; инкишофи инфрасохтор, тайёр кардани кадрҳои ин соҳа; такмили низоми озмун дар татбиқи лоиҳаҳо ва барномаҳои инноватсионӣ; таъмини иштироки илм ва бизнес дар сиёсати инноватсионӣ ва ғайра. Яке аз вазифаҳои асосии ин равандро метавон эҷод ва такмили пайвастаи шароити мусоиди иқтисодӣ ва ҳуқуқӣ барои ташаккули низоми инноватсионии маҳаллӣ арзёбӣ кард.

Ҳамин тариқ, рушди инноватсионии бахши агросаноатии иқтисодиёт тавассути дастгирии ҳамаҷонибаи он ба сиёсати аграрии ҷумҳурӣ афзалият дорад. Ҳамзамон, истифодаи афзалиятноки фишангҳои иқтисодӣ (ҷуброни хароҷот, дастгирии нарх, субсидия, таҳия ва татбиқи барномаҳои мақсаднок, имтиёзҳои андозӣ ва ғайра) барои таъмини фаъолияти мӯътадили комплекси агросаноатӣ ва ташаккули низоми муассири инноватсионии такрористеҳсоли сармояи асосӣ дар корхонаҳои кишоварзӣ шароити мусоид фароҳам меорад.

## §3.3. Самтҳои афзалиятноки такмили идоракунии раванди такрористеҳсол дар корхонаҳои кишоварзӣ

Дар шароити татбиқи ҳадафи стратегии таъмини амнияти озуқаворӣ ва дастрасӣ ба ғизои хушсифат такмили низоми идоракунии раванди такрористеҳсол дар тамоми соҳаҳои хоҷагии халқ, аз он ҷумла дар бахши аграрӣ аҳамияти муҳим пйдо мекунад. Дар ин самти бояд таъкид сохт, ки барои таъмини амнияти озуқаворecho кишвар модернизатсияи соҳаи кишоварзӣ маблағҳои калони молиявиро талаб мекунад. Дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон ин бахш дорои ҷолибияти пасти сармоягузорӣ буда, асосан ба сатҳи баланди хавф тавсиф карда мешавад. Қариб дар хамаи мамлакатҳо ба бахши аграрӣ дотатсия дода мешавад, ки зарурияти онро илм ва амалия исбот кардааст. Вобаста ба ин, барои ба бахши аграрӣ ҷалб намудани маблағгузорӣ шаклҳои қобили қабулро ҷустуҷӯ кардан лозим аст. Беҳтар намудани манбаъҳои маблағгузории сармоягузорӣ ҳаҷми онҳоро афзоиш медиҳад, ки ин дар оянда ба баланд шудани рақобатпазирии корхонаҳои кишоварзӣ мусоидат мекунад.

Яке аз самтҳои муҳими такмили идоракунии такрористеҳсол дар корхонаҳои кишоварзӣ ин менеҷменти молиявӣ мебошад.[49] Дар ин замина

[49] Дударева, А. Б. Развитие финансового менеджмента в сфере воспроизводства инвестиционной деятельности агропромышленного сектора / А. Б. Дударева, А. А. Сидорин // Форпост науки. – 2022. – № 4(62). – С. 53-61.

идоракунии таъминоти молиявии раванди такрористеҳсол нақши муҳим дорад. Ба андешаи мо, таъминоти молиявии такрористеҳсол дар корхонаҳои кишоварзӣ нақшаи чорабиниҳоест, ки барои интихоби сохтори оқилонаи манбаъҳои мувофиқи ҷалби маблағҳо барои такрористеҳсол, таъмини татбиқи самараноки он ва баргардонидани маблағҳои гузошташударо дар бар мегирад. Дар ин асос ташаккули менеҷменти молиявӣ дар раванди тақвияти такрористеҳсол боя фарогири марҳилаҳои зерин бошад:

1. Дар марҳилаи якум арзёбии ҳолат ва зарурати истифодаи фондҳои асосии корхона амалӣ карда шуда, раванди қабули қарор бо иттилооти зарурӣ таъмин карда мешавад;

2. Дар марҳилаи дуюм номгӯи чорабиниҳо ва самту намуди такрористеҳсол муайян карда мешавад.

3. Дар марҳилаи сеюм баҳодиҳии самараи такрористехсол, тақсим кардани гуруҳҳои воситаҳои асосӣ вобаста ба стратегияи рушди дарозмуддати корхонаҳои кишоварзӣ анҷом дода мешавад.

4. Дар марҳилаи чорум ҳаҷми маблағҳои зарурӣ барои татбиқи такрористеҳсол муайян карда мешавад.

5. Дар марҳилаи панҷум бошад арзёбии ҳаҷм ва арзиши ҷалби захираҳои молиявии мушаххас карда мешавад.

6. Марҳилаи шашум ба муайян намудани ҳадди ниҳоии маблағҳои ҷалбшуда аз манбаъҳои беруна бахшида мешавад.

7. Дар марҳилаи ҳафтум арзиш, шароит ва шартҳои истифодаи маблағҳои аз манбаъҳои беруна ҷалбшуда арзёбӣ карда мешавад.

8. Дар марҳилаи ҳаштум ҷустуҷӯи таносуби оқилонаи манбаъҳои дохилӣ ва берунии сармоягузорӣ барои такрористеҳсол муайян карда мешавад.

9. Дар марҳилаи нуҳум интихоб ва ҷалби манбаъҳои муайяни маблағгузорӣ барои такрористеҳсол анҷом дода мешавад.

10. Дар марҳилаи даҳум таъмини истифодаи самараноки маблағҳои аз манбаъҳои интихобшуда ҷалбшуда ба роҳ монда мешавад;

11. Дар марҳилаи ёздаҳум ҳисоббаробаркуниҳои саривақтӣ бо кредиторон ва баргардонидани маблағҳои ҷалбшуда амалӣ карда мешавад.

Вобаста ба ин бо назардошти вазъияти мураккаби воситаҳои асосӣ, маҳдудияти захираҳои молиявӣ ва таъминоти кадрии корхонаҳои кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкили низоми нави менеҷменти молиявӣ дар корхонаҳои кишоварзӣ зарур ва саривақтӣ мебошад. Дар баробари ин аҳамияти соҳаи кишоварзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон зарурати таҳияи стратегияи дастгирии молиявии такрористеҳсолро ҳам дар сатҳи микро ва ҳам макро муайян мекунад. Ин стратегия бояд ба стратегияи дарозмуддати рушди корхонаҳои кишоварзӣ ва стратегияи рушди миллии кишвар мувофиқат намояд.

Зимни ташаккули менеҷменти молиявӣ дар корхонаҳои кишоварзӣ нишондиҳандаҳое, ки самаранокии ташкилотро тавассути такрористеҳсоли фаъолияти сармоягузорӣ дар сатҳи корхона тавсиф мекунанд, нишондиҳандаҳои анъанавии дар идоракунии молиявӣ истифодашаванда, аз он ҷумла даромаднокии лоиҳа, мӯҳлати худхарид, арзиши ҳозираи холис ва меъёри даромади дохилӣ дохил мешаванд.

Ташаккули менеҷменти молиявӣ дар корхонаҳои кишоварзӣ ба низоми танзими давлатӣ ва дастгирии молиявии кишоварзӣ алоқаманд мебошад. Дар ин замина дастгирии давлатии такрористеҳсол дар бахши кишоварзӣ ба шароитҳои мушаххаси фаъолияти соҳа ва як қатор омилҳои объективӣ вобаста мебошад. Барои мисол шароитҳои гуногуни табиию иқлимӣ, тағйирёбии нарх ва даромад дар истеҳсолоти агросаноатӣ, ки ба омилҳои табиӣ ва шароити бозор вобаста аст, ҷолибяти сусти маблағгузорӣ ба соҳаи кишоварзӣ ва хусусиятҳои ташаккули инфрасохтори иҷтимоии деҳот аз ҷумлаи омилҳои таъсиррасон мебошанд. Дар шароити муосир пешгирии вайроншавии захираҳои замин ва истифодаи принсипҳои иқтисоди “сабз” низ ба ташаккули менеҷменти самаранок таъсир расонида метавонанд.

Дар шароити иқтисоди бозорӣ самти муҳими такмили идоракунии раванди такрористеҳсол дар корхонаҳои кишоварзӣ ин асосноккунии илмӣ ва интихоби вариантҳои рушди он ба ҳисоб меравад. Дар ин самт бояд дар марҳилаи муосири рушд самтҳои афзалиятноки такмили идоракунии такрористеҳсол бояд бо назардошти вазъи ҷойдошта муайян ва мушаххас карда шавад. Гузариш ба модели инноватсионии тараққиёт бе фаъол шудани равандҳои такрористехсолкунии фондҳои асосии корхонаҳо имконнопазир аст. Ин раванд воридшавии назарраси сармоягузориро талаб мекунад, ки дар таъмини муттасилии раванди такрористеҳсолкунӣ ва зиёд кардани истеҳсоли маҳсулот нақши калон мебозанд. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити маҳдуд будани захираҳои молиявӣ вазифаи душвор муайян кардани самтҳои афзалиятноки маблағгузорӣ мебошад.

Аз рӯйи натиҷаи таҳқиқоти анҷомшуда равиши нави мушаххассозии талабот, вазифаҳо ва усулҳои такмили менеҷменти такрористеҳсолро дар корхонаҳои кишоварзӣ чунин пешниҳод намудан мумкин аст (Расми 3.3.1.).

Ташаккули менеҷменти самараноки идоракунии раванди такрористеҳсол дар корхонаҳои кишоварзӣ бояд ба масъалаи такрористеҳсоли базаи моддию техникӣ равона карда шавад. Дар ин самт бояд таъкид намоем, ки самаранокии фаъолияти корхонаҳои кишоварзӣ ба мавҷудияти техника ва таъминоти техникии истеҳсолоти кишоварзӣ вобаста мебошад. Таҷриба нишон медиҳад, ки мушкилоти таъминоти моддию техникии корхонаҳои кишоварзӣ ба ҳалли масъалаи истеҳсоли ватанаии мошину таҷҳизотҳои кишоварзӣ алоқаманд мебошад.[50]

Дар марҳилаи муосири рушд ҳар як мамлакат дар шароити тақсимоти байналхаққии меҳнат ва ташаккули бозорҳои ҷаҳонии техникаи кишоварзӣ масъалаеро ҳал мекунад, ки аз ҷиҳати иқтисодӣ истеҳсоли техника самарнок

[50] Абакумов, Р. Г. Менеджмент и организация воспроизводства в машиностроительном производстве / Р. Г. Абакумов // Инновации в металлообработке: взгляд молодых специалистов: Сборник научных трудов Международной научно-технической конференции, Курск, 02–03 октября 2015 года / Ответственный редактор Чевычелов С.А. – Курск: ИП Пучков Игорь Иванович, 2015. – С. 10-13.

аст, ё воридоти он аз хориҷи кишвар. Барои кишварҳое чун Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ин гуна таҷҳизот истеҳсол намекунанд воридоти техникаи кишоварзӣ қулай мебошад. Дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон фиристодани тачхизоти гуногуни хориҷӣ боиси аз байн рафтани корхонаҳои таъмиру таъминоти маҳаллӣ гардида, ширкатҳои хориҷӣ дар бозори мо мавқеи худро пайдо кардаанд.




**Расми 3.3.1. Вазифаҳо, усулҳо ва талабот нисбат ба менеҷменти раванди такрористеҳсол дар корхонаҳои кишоварзӣ**

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф

Дар шароити муосир самти муҳими ташаккули менеҷменти раванди такрористеҳсол дар корхонаҳои кишоварзӣ ин истифодаи равиши лоиҳавӣ мебошад. Таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки корхонаҳои кишоварзӣ субъекти махсуси дорои қоидаҳо ва усулҳои пешбурди хоси фаъолият ҳисобида шуда, солҳои охир дар идоракунии онҳо равишҳои мушаххас истифода карда мешаванд. Дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон баробари ба ворид шудани сармояи хориҷӣ равишҳои идоракунии муосир, ки дар байни онҳо равиши лоиҳавӣ мавқеи муҳим дорад, истифода карда мешаванд.

Менеҷменти лоиҳавӣ аз идоракунии фаврӣ бо мавҷудияти ҳадафи ниҳоӣ, сохтори возеҳ ташкилшудаи лоиҳа, маҳдудиятҳои лоиҳа, ҷонибҳои манфиатдор, муносибати мушаххаси расмӣ ба кор ба куллӣ фарқ карда имкон медиҳад, ки кӯшишҳои гурӯҳи лоиҳа ва сармоягузоронро ба самтҳои афзалиятноки рушди корхона равона созанд. Менеҷменти лоиҳавӣ инчунин имкон медиҳад, ки идоракунии захираҳо ва сиёсати кадрии дар сатҳи зарурӣ ба роҳ монда шаванд.

Истифодаи равиши лоиҳавӣ дар таҷрибаи ташкилотҳои кишоварзӣ ва ташаккули лоиҳаҳои сармоягузорӣ ҷолибияти сармоягузории бахши кишоварзиро зиёдтар мекунад. Корхонаҳои кишоварзӣ, ки идоракунии онҳо банақшагирӣ ва ҳисобҳои дақиқро талаб мекунад бештар ба идоракунии лоиҳавӣ бояд таваҷҷуҳ зоҳир намоянд. Идоракунии лоиҳавӣ дар тиҷорат ва бахши давлатӣ ҳамчун як модели муосири идоракунӣ ё воситаи муассири он дар сохторҳои давлатӣ қабул карда мешавад ва тиҷоратӣ қабул карда мешавад. Вобаста ба ин омухтани истифодаи идоракунии лоиҳавӣ ва аз усули классикӣ ба идоракунии лоиҳавӣ гузаштани корхонаҳои кишоварзӣ мубрам ба назар мерасад. Равиши лоиҳавӣ ҳамчун абзоре ҳисобида мешавад, ки моҳияти он тамаркузи захираҳои молиявӣ ва маъмурӣ барои ноил шудан ба натиҷаҳои мушаххас, истифодаи технологияҳои махсуси идоракунӣ ва таъини масъулият мебошад.

Дар корхонаҳои кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон сарфи назар аз зарурати зиёд кардани самараи идоракунии фаъолияти онҳо, бояд консепсияҳои нави самаранок ва натиҷабахши менеҷмент истифода карда шавад. Афзалиятҳои равиши лоиҳавӣ дар он аст, ки дар натиҷаи ҷорӣ кардани он менеҷерон ва иштирокчиёни раванди идоракунӣ муҳимияти истифодаи усулҳои муосири идоракунии лоиҳавиро дар системаҳои иттилоотӣ ҳангоми таҳияи барномаҳои рушди кадрҳо истифода мекунанд.

Ноил шудан ба ҳадафи баланд бардоштани самаранокии истеҳсолот ва кам кардани хатарҳо дар корхонаҳои кишоварзӣ тавассути унсурҳои идоракунии лоиҳавӣ, яъне имконияти на танҳо захираҳои мавҷудаи дохилӣ, балки фаъолона ҷалб намудани маблағҳои иловагиро дар назар дорад. Дар ин замина шарти муҳимтарини банақшагирии бомуваффақияти раванди такрористеҳсол дар корхонаҳои кишоварзӣ ин тезонидани суръати худхариди сармоя мебошад. Дастгирии самарабахши давлатӣ барои лоиҳаҳои кишоварзӣ, инчунин ташаккули тафаккури лоиҳавӣ дар байни роҳбарони корхонаҳои кишоварзӣ ва тайёр кардани кадрҳои мувофиқ аҳамияти муҳим ва стратегӣ доранд.

Таҳлили сохтори идоракунӣ ва менеҷменти ҷойдоштаи як қатор корхонаҳои кишоварзии вилояти Суғд ва Ноҳияҳои тобеи марказ нишон доданд, ки самаранокии онҳо дар сатҳи на он қадар баланд қарор дорад. Дар ин замина ҳалли мушкилоти идоракунии корхонаҳои кишоварзӣ, аз он ҷумла бо мақсади баланд бардоштани самаранокии такрористеҳсол мубрам ва муҳим ба ҳисоб меравад. Таҷриба нишон медиҳад, ки бо афзоиши аҳолии ҷаҳон ва мубрам гардидани масъалаҳои тағирёбии иқлим, ниёз ба истеҳсоли самарабахши ғизо ва таъмини сифати он меафзояд. Дар баробари ин, маълум аст, ки усулҳои анъанавии идоракунӣ аксар вақт ба талаботи бозор ва тағйиротҳои муосир мутобиқ шуда наметавонанд. Ғайр аз ин, талабот ба устувории экологии истеҳсолоти кишоварзӣ афзуда, барои идоракунии равандҳои хоҷагидорӣ душвориҳои иловагиро ба вуҷуд меоранд.

Ба андешаи мо ҷустуҷӯи равишҳо ва стратегияҳои нави идоракунии корхонаҳои кишоварзӣ дорои аҳамияти стратегӣ буда, истифодаи равиши лоиҳавӣ метавонад захираҳо ва равандҳои идоракуниро беҳтар гардонида, сохтори идоракунии корхонаҳои кишоварзиро ба шароити тағйирёбанда мутобиқ созад.

Дар асоси таҳқиқоти анҷомшуда ҳаминро қайд менамоем, ки равиши лоиҳавӣ дар соҳаи кишоварзӣ самаранок буда, сифати нишондодҳои асосӣ ба монанди маҳсулнокӣ, кам кардани хароҷот, мӯҳлатҳо ва қаноатмандии кормандон бо истифодаи равиши лоиҳавӣ таъмин карда мешавад. Дар баробари ин равиши лоиҳавӣ ба ташаккули фарҳанги нави ташкилӣ ва ҳамгироӣ мусоидат мекунад. Истифодаи равиши лоиҳавӣ ҳамчунин ба таълими кадрҳо, дастгирии идоракунӣ ва ташкили муносиби равандҳои кор таъсири мусбӣ расонида, ташкили сохторҳои мувофиқи идоракунии лоиҳа, татбиқи системаи ҳисоботдиҳӣ, ки идоракунии лоиҳаро дастгирӣ мекунад ва дастрасӣ ба захираҳои заруриро таъмин намоянд. Ҳамин тавр, татбиқи бомуваффақияти равиши лоиҳавӣ метавонад ба баланд бардоштани самаранокии менеҷменти раванди такрористеҳсол дар корхонаҳои кишоварзӣ таъсири мусбӣ расонад.

Самти дигари аҳамияти муҳими амалидошта ин такмили менеҷменти инвеститсионии раванди такрористеҳсол мебошад.[51] Дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияти сармоягузорӣ дар корхонаҳои кишоварзӣ дар сатҳи ғайриқаноатбахш қарор дошта, ба андешаи мо бояд менеҷменти инвеститсионлӣ ба ноил шудан ба такрористеҳсоли интенсивии таъмини захираҳои фаъолияти истеҳсолӣ нигаронида шавад. Амалияи ҳақиқии ташкилу идоракунии раванди такрористеҳсол дар корхонаҳои кишоварзӣ нишон медиҳанд, ки бояд дар сатҳи корхона стратегияи мукаммали

---

[51] Файзрахманов, Д. И. Инвестиционные риски в сельском хозяйстве и интеграция механизма их управления в общую систему менеджмента предприятия / Д. И. Файзрахманов, А. Д. Хайруллин, Л. Ф. Хазеев // Вестник Казанского государственного аграрного университета. – 2019. – Т. 14, № 3(54). – С. 173-177. – DOI 10.12737/article_5db99732317e48.92407015.

таъминоти инвеститсионии раванди такрористеҳсол таҳияи карда шуда, дар заминаи он модернизатсияи корхонаҳо амалӣ карда шавад. Аз ин рӯ, вазифаи асосӣ такмили идоракунии фаъолияти сармоягузорӣ дар корхонаҳои кишоварзӣ бо назардошти иқтидори такрористеҳсол ин баландбардории самаранокӣ, рақобатнокӣ ва дар ин замина таъмини рушди устувори корхонаҳо ба ҳисоб меравад.

Ба андешаи мо ҳам барои таъмини фаъолияти ҷории корхонаҳои кишоварзӣ ва ҳам барои бунёди корхонаҳои нав, нав кардани иқтидорҳои мавҷудаи истеҳсолӣ, аз худ намудани техника ва технологияи нави истеҳсоли маҳсулоти хушсифат ва рақобатпазир захираҳои сармоягузории кифоя зарур мебошанд. Бинобар ин бояд механизми нави таъмини инвеститсионии раванди такрористеҳсол аз он ҷумла дар заминаи такмили идоракунии ин раванд таҳия ва татбиқ карда шавад.

Дар марҳилаи муосири рушди иқтисодиву иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон корхонаҳои кишоварзӣ бояд ба масъалаи идоракунии такрористеҳсоли фондҳои асосӣ таваҷҷуҳи хоса зоҳир намоянд. Дар ин замина таҳқиқоти мо нишон дод, ки ташаккули низоми самараноки идоракунии такрористеҳсоли фондҳои асосӣ метавонад ба сифати омили заминавии рушди устувори корхонаҳои кишоварзӣ баромад кунад. Дар ин самт истифода нишондиҳандаҳои баҳодиҳии самаранокии истифодабарӣ ва такрористеҳсоли фондҳои асосӣ нақши муҳим дорад.

Дар таҷриба ҳангоми арзёбии маҷмуии самараи такрористеҳсоли фондҳои асосии корхонаҳои кишоварзӣ шохисҳои комплексии дахлдор муайян карда мешаванд. Онҳо самти муайяни такрористеҳсолкро тавсиф мекунанд ва дар асоси онҳо бо назардошти аҳамияти ҳар як гуруҳи нишондиҳандаҳо шохиси интегралӣ муайян карда мешавад (рас. 3.3.2).

Дар асоси таҳқиқоти анҷомшуда як қатор самтҳое муайян карда шуданд, ки метавонанд дар такмили низоми идоракунии такрористеҳсоли фондҳои асосии корхонаҳои кишоварзӣ истифода карда шаванд. Тавсияҳои методии коркардшуда чунин самтҳоро дар бар мегирад:

- муайян кардани самтҳои стратегии рушди корхона дар давраи миёнамуддат ва дарозмуддат;

- ташаккули низоми нақшагирии фарогир, аз он ҷумла дар заминаи асосноксозии нақшаи истеҳсолии корхона;

- интихоби технология ва асосноккунии самт ва сарчашмаҳои таъмини захиравии он;

- муайн кардани сохтор ва таркиби фондҳои асосӣ, аз он ҷумла дар заминаи асосноккунии эҳтиёҷоти корхона ба онҳо.




**Расми 3.3.2. Равиши консептуалии арзёбии самаранокии идоракунии такрористеҳсоли фондҳои асосӣ дар корхонаҳои кишоварзӣ**
**Сарчашма:** таҳияи муаллиф

Ба андешаи мо коркард ва такмили низоми идоракунии такрористеҳсоли фондҳои асосӣ шарти зарурии тахлили объективӣ, арзёбии муқоисавӣ ва ошкор намудани захираҳои баланд бардоштани самаранокии истифодаи фондҳои гузошташуда дар оянда мебошад. Таҳияи стратегияи такрористеҳсоли фондҳои асосии корхонаҳои кишоварзӣ ба интихоби нақшавӣ ва аз ҷиҳати иқтисодӣ асосноки тадбирҳои навсозии фондҳои

асосӣ, инчунин манбаъҳои таъминоти молиявии такрористеҳсол мусоидат мекунад.

Баланд бардоштани самаранокӣ ва таъмин намудани суръати муайяни тараққиёти истеҳсолот дар шароити интенсификатсияи такрористеҳсол ва беҳтар истифода бурдани фондҳои асосӣ ва иқтидорҳои истеҳсолии корхонаҳои кишоварзӣ имконпазир аст. Чунин равандҳо ба мунтазам нигоҳ доштани сатҳи дахлдори техникии ҳар як корхона мусоидат намуда, инчунин имкон медиҳанд, ки ҳаҷми истеҳсолот афзоиш ёбад, сифати маҳсулот беҳтар ва рақобатпазирии субъектҳои хоҷагидор чи дар бозори дохилӣ ва чи дар бозори берунӣ баланд гардад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз вазифаҳои асосии идоракунии корхонаҳои кишоварзӣ ин таъмини молиявии раванди такрористеҳсол фондҳои асосӣ мебошад, ки дар аксари корхонаҳои ватанӣ фарсуда шудаанд ва ба навсозӣ ниёз доранд. Таҷдиди истеҳсоли фондҳои асосӣ раванди навсозии доимии онҳоро дар назар дошта, он бояд дар заминаи такрористеҳсоли васеъ амалӣ карда шавад. Такрористеҳсоли васеъ такрористеҳсоле мебошад, ки васеъ намудани фондҳои асосии мавҷуда бо роҳи зиёд кардани шумораи онҳо ва такмил ё ба даст овардани фондҳои асосии истеҳсолии сарфакоронаро дар бар мегирад. Такрористеҳсоли васеъ метавонад дар шакли сохтмони нав, аз нав мусаллаҳ гардондани техникӣ, таҷдид ё васеъ кардани корхонаҳои мавҷуда ва нав кардани таҷҳизот ба амал бароварда шавад. Манбаи асосии такрористеҳсоли васеи фондҳои асосӣ дар шароити гузаштан ба муносибатхои бозорӣ ва худмаблағгузории корхонаҳо ин фоида мебошад. Бояд гуфт, ки дар ташаккули сохтори дурусти манбаъҳои таъминоти молиявии такрористеҳсоли фондҳои асосӣ системаи омилҳои дахлдор нақши муҳим мебозад:

- суръати афзоиши фуруши маҳсулоти тайёр;
- сохтори дороиҳои корхонаҳои кишоварзӣ ва ҳолати техникии онҳо;
- ҳолати бозори сармояи асосӣ;
- сиёсати бонкҳои тиҷоратӣ оид ба фоизҳо барои истифодаи қарзҳо;

- моҳияти қарорҳои стратегӣ оид ба идоракунии захираҳои молиявии ширкат.

Ҳадафи таснифи омилҳои зикршуда аз он иборат аст, ки онҳо имкон медиҳанд, ки маҷмӯи меъёрҳоро вобаста ба ҷанбаҳои гуногуни фаъолияти корхона таҳлил намуда, дар бораи ҳаҷми воқеии эҳтиёҷ ба захираҳои молиявие, ки барои такрористеҳсоли воситаҳои асосӣ заруранд, хулосаи асоснок бароварда шавад.

Таҳқиқоти анҷомдодаи мо нишон дод, ки дар қатори омилҳои дар боло овардашуда такмили механизми идоракунии такрористеҳсоли захираҳои меҳнатии корхонаҳои кишоварзӣ низ аҳамияти бениҳоят муҳим доранд. Дар ин самт ба андешаи мо бояд дар корхонаҳои кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор вазифаҳои муҳим ва ҳалталаб мушаххас ва иҷро карда шаванд, ки фарогирӣ самтҳои зерин мебошанд:

- омодакунии роҳбарону мутахассисони дорои сатҳи баланди касбӣ ва қобилияти идоракунӣ, тафаккури навоварона, малакаҳои соҳибкорӣ, ки барои кор дар шароити нав заруранд;

- бехтар намудани фаъолияти муассисаҳои таълимии соҳавӣ бо мақсади пурра қонеъ гардондани талаботи истеҳсолоти кишоварзӣ, мақомоти идоракунии бахши аграрӣ бо мутахассисоне, ки ба талаботи муосир ва дурнамои рушди соҳа мувофиқанд;

- такмили кор оид ба самти касбии хонандагони мактабҳо барои ба таҳсил ба муассисаҳои таълимии кишоварзии, аз он ҷумла дар зинаи таҳсилоти ибтидои, миёна ва олии касбӣ ҷалб намудани онҳо;

- таъмини ҳамгироии маориф ва илми кишоварзӣ, ташаккули комплексҳои алоҳида, ки ба онҳо муассисаҳои таълимию илмӣ, ташкилотҳои комплекси агросаноатӣ бо истифодаи васеи технологияҳои иттилоотӣ дохил мешаванд;

- таъмини мунтазами бозомӯзии касбӣ ва такмили ихтисоси кормандони мақомоти идоракунии давлатии комплекси агросаноатии вилоят ва шаҳру ноҳияҳои кишвар, роҳбарон ва мутахассисони ташкилотҳои комплекси агросаноатӣ;

- бартараф намудани мушкилот дар самти гирифтани маълумоти ибтидоии касбӣ дар сиёсати таъминоти кадрӣ, баланд бардоштани нақши мақомотҳои идоракунии комплекси агросаноатӣ дар инкишофи шабакаҳои омузишгоҳҳои касбӣ-техникӣ дар деҳот, ба тартиб даровардани низоми таълими касбӣ-техникӣ ва баланд бардоштани ихтисоси коргарони корхонаҳо;

- гирифтани маълумоти ибтидоии касбии кадрҳои механизаторӣ ва дигар бахши фаъолияти корхонаҳои кишоварзӣ;

- баланд бардоштани нақши мақомотҳои маҳаллии идоракунии давлатӣ дар татбиқи сиёсати аграрии оид ба кадрҳо, муайян намудани талабот ба кадрҳои баландихтисос.

Ба андешаи мо гузаронидани сиёсати фаъолонаи кадрӣ тартиб додани стратегияи дахлдори идоракунии такрористеҳсоли он, муайян кардани роҳҳои мушаххаси ташкилию идоракуниро талаб мекунад, ки татбиқи онҳо бояд боиси беҳтар шудани тамоми кори таъминоти кадрии корхонаҳои кишоварзӣ ва баланд шудани самаранокии раванди такрористеҳсол мегардад.

Ҳамин тавр, ҳалли мушкилоти баррасишудаи такмили идоракунии раванди такрористеҳсол дар корхонаҳои кишоварзӣ, аз он ҷумла тавассути такмили сиёсати истеҳлокӣ, ташаккули менеҷменти молиявӣ ва кадрӣ, такмили ихтисоси кормандони идоракунӣ раванди мураккаби бисёрмарҳилаи ба даст овардани дониш, малака ва таҷрибаи идоракунӣ мебошад, ки ҷузъи зарурии ташаккули маҳорати касбии кормандони идоракуниро ташкил медиҳад. Барои таъмини рушди усутвори корхонаҳои кишоварзӣ низоми самараноки идоракунии такрористеҳсол, ки бо кадрҳои баландихтисоси роҳбарӣ таъмин аст, зарур мебошад. Барои ҳалли мушкилоти мавҷуда, ба андешаи мо, бояд барномаи муассири ташаккули неруи кадрии роҳбарӣ, инчунин ташкили муносибати ягонаи касбӣ ва салоҳиятнок ба тарбияи кадрҳои роҳбарикунандаи насли нав, ба ҷорӣ намудани технологияи навоварона дар истеҳсолоти кишоварзӣ таҳия ва татбиқ карда шавад.

# ХУЛОСА ВА ПЕШНИҲОДҲО

Дар асоси натиҷаҳои таҳқиқот, ки ба беҳтар намудани менеҷменти раванди такрористехсол дар корхонахои кишоварзӣ бахшида шудааст, ба чунин хулоса омадан мумкин аст.

1. Моҳияти такрористеҳсол дар такмили доимии воситаҳои истеҳсолот, ки барои ба маҳсулоти тайёр табдил додани ашёи хом зарур аст, ифода меёбад, ки муносибатҳои иқтисодии байни истеҳсолкунанда, истеъмолкунанда ва миёнарави онҳо, яъне бахши савдоро ба вучуд меорад. Вобаста ба ин қисмҳои таркибии такрористеҳсол на танҳо неъматҳои моддӣ, балки муносибатҳои мехнатӣ ва истехсолӣ низ мебошанд. Баррасии ҳаматарафаи ин ҷузъҳо ва муайян кардани моҳият ва хусусиятҳои ҳар кадоми онҳо оид ба такрористеҳсол зарурати такмил додани идоракуниро дар корхонаҳои кишоварзӣ асоснок мекунад. [1-А]

2. Раванди такрористеҳсол ҳамчун шарти тараққиёти ҷамъият аз марҳилаҳои истеҳсол, тақсимот, мубодила ва истеъмол иборат аст. Ҳамаи чор марҳилаи такрористеҳсол дар як раванди ягона муттаҳид ва ба ҳамдигар вобаста буда, инчунин дар пайвастагии доимӣ қарор доранд. Дар кори диссертатсионӣ исбот шудааст, ки самара ва устувории онҳо аз ҷумла бо роҳи ташаккули системаи нави идоракунии ташкилотҳо таъмин карда мешавад. [1-2-А]

3. Такмили идоракунии раванди такрористеҳсол дар корхонаҳои кишоварзӣ талаб мекунад, ки нақшаи нави таъсиррасонӣ ба ин раванди бо назардошти хусусиятҳои такрористеҳ дар кишоварзӣ тартиб дода шавад. Аз назария маълум аст, ки раванди такрористеҳсол тадриҷан истеҳсоли маҳсулотро дар бар гирифта, дар бахши кишоварзӣ такрористеҳсол истеҳсоли пайдарпаи маҳсулоти кишоварзиро пешбинӣ мекунад. [4-А]

4. Самаранокии раванди такрористеҳсол дар корхонаҳои кишоварзӣ бештар ба муташаккилӣ ва самаранокии қарорҳои идоракунӣ вобаста аст. Аз ин рӯ, дар марҳалаи ҳозираи тараққиёт ташаккул ва инкишоф додани идоракунии самарабахши раванди такрористеҳсол дар кишоварзӣ яке аз

масъалаҳои мубрами идоракунии корхонаҳои кишоварзӣ мебошад. Бояд гуфт, ки идоракунии самарабахши раванди такрористеҳсол омӯхтани назария, методология ва амалияи он, асоснок кардани хусусиятҳо ва самтҳои такмили онро тақозо мекунад. [3-А]

5. Яке аз муҳимтарин мушкилоти ба даст овардани самараи такрористеҳсоли фондҳои асосӣ дар корхонаҳои кишоварзӣ бо механизми мавҷудаи ташкилию хоҷагӣ таъмин намудани низоми идоракунии меҳнат мебошад. Устуворӣ ҳамчун яке аз принсипҳои иқтисодии идоракунии стратегии раванди такрористеҳсол буда, аз ҷумла татбиқи як қатор марҳилаҳои ба ҳам алоқамандро дар бар мегирад. [2-А]

6. Идоракунии раванди такрористеҳсол шарти муайянкунандаи рушди инноватсионии корхонаҳои кишоварзӣ мебошад, зеро идоракунии такрористеҳсол маҷмӯи тадбирҳои ташкилию иқтисодии таъмини захираҳо ва дар ҳаҷми зарурӣ нигоҳ доштани онҳоро дар бар мегирад. [5-А]

7. Истиқлолияти иқтисодиву сиёсӣ ва соҳибихтиёрие, ки Тоҷикистон дар даҳаи охири асри гузашта ба даст овард, боиси ислоҳоти бозорӣ ва тағйироти раванду падидаҳои иқтисодӣ гардид. Дар солҳои аввали истиқлолият дар пасманзари вазъи номусоид ва ноустувории сиёсӣ иқтисоди миллӣ, аз ҷумла соҳаи кишоварзӣ ба бӯҳрони амиқ дучор омад. Базаи моддию техникии кишоварзӣ аз байн рафт ва сабаби вайрон шудани муносибатҳои истеҳсолию иқтисодӣ ва бо қатъ гардидани маблағгузории давлатӣ равнади такрористеҳсол дар бахши кишоварзӣ ба таназзул рӯ ба рӯ гардид. Дар кори диссертатсионӣ чунин шароитро ба назар гирифта, оид ба кор карда баромадани низоми нави идоракунии раванди такрористеҳсол ҳамчун шарти асосии бозсозии истеҳсолоти кишоварзӣ тавсияҳо коркард ва пешниҳод шудаанд. [7-А]

8. Рушди низоми идоракунии раванди такрористеҳсол ба назар гирифтани омилҳо ва хатарҳои мавҷудаpo тақозо мекунад. Ба фикри мо, омилхое, ки ба суръати такрористеҳсол ва идоракунии он таъсир мерасонанд, ба омилҳои объективӣ ва субъективӣ тақсим кардан мумкин

аст. Ба омилҳои объективӣ, ки раванди такрористеҳсолро дар кишоварзӣ муайян мекунанд сохтори истеҳсолоти кишоварзӣ, хусусияти сармояи асосӣ, истифодаи замин ҳамчун фонди асосӣ, мавҷудияти хавфҳои истеҳсолӣ ва имкониятҳои маҳдуди диверсификатсияи маҳсулоти кишоварзӣ дохил мешаванд. Омилҳои субъектие, ки ба раванди такрористеҳсол таъсир мерасонанд бозори маҳсулот ва захираҳои кишоварзӣ, мавҷудияти фурӯшандагони бисёр, мавҷуд набудани бозори замин, нобаробарии нарх ва сохтори сармоягузорӣ ба сармояи асосӣ ба ҳисоб мераванд. [4, 6-А]

**Тавсияҳо оид ба татбиқи амалии натиҷаҳои тадқиқот**

10. Дар шароити муосир ба суръати такрористеҳсол дар соҳаи кишоварзӣ ва пурзӯршавии фаъолияти инвеститсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонад як қатор хатарҳо таҳдид кунад, ки дар байни онҳо инҳоро метавон муайян кард маблағгузории маҳдуди давлатӣ ва сатҳи пасти самаранокии татбиқ ва идоракунии сармоягузорӣ дар соҳаи кишоварзӣ ва таъсири бевоситаи иқлим ва равандҳои табиӣ ба истеҳсолоти кишоварзӣ, ки метавонад ба маҳсулнокӣ, ҳаҷми истеҳсолот ва ҷолибияти сармоягузорӣ таъсир расонад дохил мешаванд;

11. Инкишофи низоми идоракунии такрористеҳсол дар ташкилотҳои кишоварзӣ ба беҳтар намудани таносуби ташаккул, истифодаи самаранок ва нав кардани фондҳои асосии корхонаю ташкилотҳо нигаронида шудааст. Ба ин муносибат асоснок кардани системаи идоракунӣ, баҳодиҳии хавфҳо, муайян кардани манбаъҳо ва шаклҳои оптималии маблағгузорӣ ахамияти калон дорад. [10-А]

